ISSN 2306-4293

Маҷаллаи таълимию методӣ ва илмию оммавии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон



# МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР

№1, 2026



Дар шароити рушди бесобиқаи илму техника ва технологияҳо мо бояд ба тарбияи фарзандон, яъне, наслҳое, ки ояндаи миллат ва Ватан мебошанд, эътибори аввалиндараҷа диҳем ва барои онҳо шароити беҳтарини таълимро муҳайё намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

# ХУРШЕДИ МУЛКПАРВАРУ СУЛТОНИ ДОДГАР



Ёддоштҳои ман нокомил мемонданд, агар ҳамчун шаҳрванд, ҳамтақдири ин сарзамин, тақрибан аз нимаи дуюми асри гузашта ва даҳсолаи чоруми даврони сиёсии ҷадид, дар бораи муҳимтарин масъалаи ҷомеа – нақши шахс дар ташаккули давлатдории миллӣ изҳори назар намекардам.

Саҳми инсон дар таърих аз умдатарин масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ мебошад. Ва аз Дунёи Қадим то ба имрӯз мавзуи баҳс интихоб шудааст: магар инсон таърихро офаридааст ё таърих аз хосияти фавқулодаи қонунмандии тараққиёт ва рушду инкишоф бархӯрдор аст?

Дар ҳар сурат, назария ва амалияи тақдири кишварҳои олам омили инсониро ҷузъи муайянкунандаи бунёди давлат ва такондиҳандаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, рушди давлатдорӣ эътироф менамояд. Софокл таъкид мекунад: «Дар дунё қувваҳои бузург бисёранд. Аммо бузургтар аз Инсон дар табиат дигар неруе нест. Ӯ дар олам ғолибона қадам мезанад, тамоми намуди қувваҳоро тавассути ақлу фаросати одамӣ паси сар карда. Лекин боз зӯрии Ақли Инсон дар он аст, ки ояндаро ҳушмандона пешгӯӣ карда метавонад».

Омӯзиши сифатҳои шахсият воситаи муҳимми дарки воқеияти имрӯз ваояндабинии ҷараёни рушди ҷомеа мебошад. Ба хотири он ки тибқи таъкиди нобиғагони классик, «таърих чизе нест, ба ҷуз фаъолияти ба мақсад нигаронидашудаи инсон».

Ҳамзамон, бояд донист, ки сарчашмаи асосии мақсадгузорӣ, на шуури инсон, балки раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ, олами объективӣ мебошад ва шахсро барои ҷуръат, тасмимгирию амал такон медиҳад. Сафарбар менамояд. Воқеият аст, ки ниёз ба амалро ногузир мегардонад.

Аз лиҳози дигар, ба таъбири академик И. Ковалченко «ҳар насли таърихии инсоният, дар давраи мушаххаси замон аз захираҳои таъйингардидаи моддӣ ва маънавие бархӯрдор аст, ки системаи муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсӣ ва мадании давр онро фароҳам овардааст. Ва ин насл, ҳангоми фаъолият қодир аст, фақат аз ҳамин захираҳо истифода намояд. Фаъолияти худро ташкил кунад.

**Идомааш дар саҳ. 1**

## ЁДДОШТ

Дуруст аст, ки дар натиҷаи амали мақсаднок ин захира ва ин имконот метавонанд такмил ва муносибатҳо тағйир ёбанд, аммо амал кардан, танҳо ва фақат дар доираи ана ҳамин имкониятҳо ва ана ҳамин захираҳо сурат гирифта метавонад».

Яъне, фаъолияти раҳбари сиёсии ҷомеа, ки бо амри тақдир масъулияти сарвари миллат ба дӯши ӯ меафтад, дар доираи ду омил – моддӣ ва маънавӣ маҳдуд аст.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии шахсияти раҳбари сиёсӣ аз он ҷиҳат ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз замон ва мушкилоти рӯ ба рӯйи ҷомеа, фазилати ӯ муҳитсоз ва омили ташаккули навъи боварӣ, эътимод, ахлоқ ва маънавиёти табақаҳои гуногуни ҷомеа мегардад.

Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад.

Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст.

Ман, ҳамчун шаҳрванд шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам. Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулуи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст.

Волотарин сифати роҳнамо дар қудрати қабули қарор ва амалӣ кардани он дар чаҳорчӯбаи таъмини суботи миллӣ ва рушду тараққиёти мамлакат аён мегардад. Нақшаи ба ниёзҳои мардумӣ ҷавобгӯ, тахассусмандона ва дақиқ пешбинигардидаи зина ба зина ба эътидол овардани вазъи мамлакат, нишонаи аслии ин сиёсат ба ҳисоб меравад.

Бузургтарин фоҷиа барои мардумони олам низоъ бар мабнои динӣ – мазҳабӣ ва миллӣ – маҳалгароӣ ба шумор меравад. Бо ангезаҳои умқӣ ва носолими руҳиву равонӣ, ки хосияти қишрҳои васеи мардумиро касб мекунад, ҳаллу фасли чунин даргириҳо аз мушкилтарин вазифаҳои сарварони кишвар, ҳатто наслҳо мегардад. Ҳамасрони мо шоҳиди чунин воқеаҳои хуношоми тулонӣ дар Сурия, Ироқ, Яман, Сомалӣ, Судон ва даҳҳо кишвари дигари олам мебошанд. Хирадмандӣ, дараҷаи олии тавони ҳаллу фасли мушкилоти инсонӣ, ки дар қазияи фалокати миллати тоҷик зуҳур гардид, аз сифатҳои олӣ ва фарққунандаи Роҳбари давлати Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари ин, дар шароити хазинаи холии давлат, кӯшиши умдаи ҳукумат – масъалаи бо нон таъмин кардани аҳолӣ буд.

Тавассути қабули қарорҳои ғайримаъмулӣ ба мардум заминҳои корам тақсим карда шуд. Дигар чораҳои фавқулодаи наҷот аз гуруснагӣ ва касалиҳои марбут ба ин вазъ рухдода, батадриҷ амалӣ гардиданд.

Роҳбари давлат муътақид аст, ки мавҷудияти инсон дар ҷомеа хосияти мухтор надорад. Маҳсули фазо, муҳит, вазъият ва воқеият аст. Рушди инсониро масъалаи ҳаётан муҳим ва замонати тараққии устувори имрӯзу ояндаи миллат эълон ва дар ин самт миллиардҳо сомонӣ сарф кард. Чунин назария ва усули кор раванди мақсаднoки стратегӣ гирифт.

Давлат бо тамоми неру кӯшиш мекунад, ки наврасону ҷавонони мамлакат бо тарбия ва таълими босифат фарогир бошанд. Дар бораи қонунҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур тасаввуроти аниқ дошта, роҳ ва усули истифодаи онҳоро омӯзанд. Агар воқеияти объективӣ ба фазои субъективӣ таъсиррасон бошад, субъект низ мебояд ба ҳолати объективии ҷомеа таъсиргузор, фазосоз, аз ҳама муҳим, омил будани худро ба намоиш гузошта тавонад.

Хонандаи муҳтарам шояд мадди назар гирифта бошад, ки тамоми ёддоштҳоро зарурат, ниёз ва ташнагии доимии инсон ба Илм, Дониш ва Маърифат дар бар мегирад.

Кӯшиши Сарвари кишвар, ки мо солҳо

шунидем ва дидем, таъкиди он нуктаест, ки «сафарбар кардани тамоми неруи инсонӣ ба самти ягона – рушди донишу маърифат аст. Давроне хушбахт ҳисобида мешавад, ки бузургтарин фатҳ – расидан ба қуллаҳои дониш эътироф гардад» (Анри Сен–Симон).

Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавқулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.

Муносибати Сарвари давлат дар ин маврид, аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад. Ба ақидаи ӯ, инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад.

Ба андешаи мантиқии Роҳбари давлат, дар баробари омили ирсият, инсон парвардаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Тарбият, донишу маърифат, таҷриба ва таҳлили муқоисавии таҳаввулоти зиндагӣ ва хулосаи дуруст баровардан аз он, барои ташаккули шахсият таъсири муайянкунандагӣ доранд.

Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст.

Мо эҳсос мекунем, ки ақидаҳои мазкур аз ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва эътиқодмандии бунёдии ин шахсияти бузург сарчашма мегиранд.

Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам. Барои донистан, ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки пеши онҳо меравад, то шахсан бо аҳвол ва кору борашон шинос шавад.

Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист.

Мо ҳангоми иҷрои вазифа эҳсос мекунем, ки Сарвари кишвар нисбат ба мавқеъ, супориш ва вазифагузориҳои худ итминони комил дорад. Аз рӯйи зинаҳои ташаккул, камолоти давлат, пуштибонии мардуми одӣ аз ин сиёсат муътақид аст, ки роҳи интихобкардааш дуруст ва адолатхоҳона аст.

Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки реалии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст.

Аз диди Роҳбари давлат, офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ иҷро намояд.

Дар Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол ба мушкилтарин шароити сиёсӣ-ҳарбӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ гирифтор шуд. Аз лиҳози қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, релеф, захираҳои замини корам, канданиҳои фоиданок, дар мавқеи ғайри қобили муқоиса бо дигар давлатҳо қарор дорад.

Дар ин маврид, Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамояд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад.

Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат ме-

кунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва рӯҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад.

Борҳо ман шоҳиди он будам, таъкид мекард, ки ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ.

Ҳангоме ки мо дар бораи шахсияти Сарвари кишвар андеша мекунем, роҳи тайнамудаи ӯро дар зиндагӣ ба ёд меорем. Ӯ дар оилаи деҳқон таваллуд ва бузург шудааст. Тамоми зинаҳои ҳаёти худро дар миёни мардуми одӣ дар меҳнат, заҳмат, омӯзиш ва андухтани донишу таҷриба сипарӣ кардааст.

Хулосаи мо ин аст, ки бузургтарин устоди Роҳбари давлат таҷрибаи рӯзгор аст.

Ҷомеа ҳамчун ҷузъи табиат дар давраҳои муайян, ҳассос ва хатарзои таърихӣ қудрати худро ба намоиш мегузорад. Таҷрибаи асрҳои аср дар хазинаҳои ирсии маънавиёти миллӣ маҳфуздоштаро аз худ нишон медиҳад.

Ҳамзамон, шахсияти бузург падидае нест, ки ба тарзи алоҳида, мухтор худро ҳамчун қаҳрамони фардӣ муаррифӣ кунад. Не. Баръакс. Шахсияти бузург онест, ки тамоми қудрати хешро барои хизмат ба ниёзҳои мардум равона кардааст.

Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд.

Шахсияти гениалӣ ормон, мақсад ва ниятҳои худро дар он шароит амалӣ мекунад, ки чунин нақш ба хислати маънавиёти мардумӣ ва муҳити зиндагӣ созгорояд.

Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик тухфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯйимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард.

Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик, нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он, ғайриимкон буд.

Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи ахир гашт.

Ҷойи сипос, хотиррасонӣ ва таъкид аст, ки дар муддати зиёда аз се даҳсолаи ахир, тахти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар масъалаи таъсис, рушд, инкишоф ва ҳимояи сохти давлатдории миллӣ коркард ва роҳандозӣ гардид.

Аз худ кардан, инкишоф додан ва амалӣ намудани ин таълимот аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардо, ҳамчун замонати пойдорӣ, субот ва тараққии миллӣ мебошад.

Хотирот шакли ифодаи мавқеи шахсӣ аст.

Мо ҳамасрон, ҳамкорон, ҳамсафон ва шоҳидони даврони ҳокимияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем.

Рӯзу моҳу солҳо моли таърих мешаванд.

Чун воқеият шакли субъективии дарки ҳастист, бидуни шубҳа, дар бораи шахсиятҳои фавқулодаи таърихӣ низ, садсолаҳо тафсир ва тавсифномаҳо идома хоҳанд ёфт. Ин зуҳуроти одӣ ва маъмулии таҷрибаи таърихи инсоният аст.

## ЁДДОШТ

Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад.

«Тасдиқ мегардад, ки истеъдод ва зуҳуроти шахсияти фавқулодаи таърихӣ хосияти модарзодӣ дорад». Ин хулосаи Гегел низ дар сифатҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеияти истисноӣ нест. Агар бунёдгузори давлати тоҷикон нобиғагии худро дар сиёсат ба аҳли башар нишон дода бошад, шахсияти ӯ низ барои мо ба ҳамин дараҷа омӯзанда аст. Аммо ҳақиқати таърихиро бояд эътироф намуд.

То замони Истиқлол тадқиқоти мустақили мукаммали бунёдии ба низом даровардашудаи академӣ нисбат ба таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав аз ҷониби олимони маъруфи тоҷик, рус, Шуравӣ ва байналхалқӣ анҷом ёфта буд.

Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан, воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, мубoризаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард.

Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон, таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъйу қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам. Ӯ воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматкарин аст.

Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард.

Масъулияти таъмини амнияти мамлакат, ки солҳо ба дӯши банда гузошта шуда аст, воқеан, ҳамарӯза сайқали дониш, таҷриба ва касбиятро тақозо мекунад.

Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад.

Дар қабули қарор иродатмандӣ, солорӣ ва мустақилияти омӯзанда аз худ нишон медиҳад. Моро низ ба чунин муносибат ба ҳама гуна далел водор месозад.

Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст.

Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муошират ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии давлатдории миллии намунаи ибрат, мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад.

**Саймумин ЯТИМОВ,**
**профессор**

***(Аз китоби С. Ятимов «Ёддоштҳо», ҷилди 2, - Душанбе, «Эко Принт», 2024, саҳ. 647-658)***
***Бознашр аз рӯзномаи “Ҷумҳурият”, Аз 15.12.2025, №:237 (25352)***

**Дилафрӯз ҚУРБОНЗОДА,**
**«Маърифати омӯзгор»,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ОФТОБИ ЗИНДАГИАФРӮЗИ МО БОШАД ПАЁМ

**Андешаҳо дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ**

## ЗИКРИ РӮЙДОДҲОИ МОНДАГОРИ СОЛИ СИПАРИГАШТА ДАР ПАЁМ

Паёми навбатии Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки зимни ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои пуршукӯҳи Парлумони кишвар ироа гардид, тавассути шабакаҳои телевизиониву радиоӣ дар тамоми гӯшаву канори кишвар ва хориҷ аз он ҳамдиёрон тамошо намуда, бо руҳияи баланду дилгармии зиёд пазируфтанд. Тоҷикони сарбаланду саодатманд ҳамасола Паёми Сарвари давлати хешро интизорӣ мекашанд, зеро аз дастоварду пешрафтҳои кишвар, ҷойгоҳу мартаба ва мавқеи Тоҷикистони азиз дар арсаҳои ҷаҳонӣ, ки зимни пешниҳоди он зикр мегарданд, огоҳ шуда, бо дурнамо ва нақшаҳои созандаи Роҳбарияти олии мамлакат ошноӣ пайдо намуда, пайи иҷрои онҳо якдилона камари ҳиммат мебананд.

Хушбахтона, дар кишвари орому осуда зиндагӣ дорему ҳамватанон бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ва даврони хуши соҳибистиқлолӣ содиқона хидмат намуда, дар ободӣ ва хуррамиву сарсабзии кишвар саҳми назаррас мегузоранд. Ин қаламрави нозанин ба сарзамине табдил ёфтааст, зебову дилрабо ва биҳиштгунаву диданӣ. Ҳамин аст, ки ҳамарӯза аз фатҳи қуллаҳои нави созандагиву бунёдкорӣ пайғоми нек мешунавем ва табиист, ки дар ин диёри меҳрбор файзу баракат фаровон ва суруру шодӣ ҳукмрон аст.

Паёмҳои Сарвари давлат ҳамасола бо пайку пайғоми нек оғоз мешаванд ва барои ҳар фарди ватандӯсту меҳанпарвар ва соҳибҳувият қудрату ирода ва илҳом мебахшанд. Ба ин маънӣ шоир гуфтааст:

**Маншаи фархундагии рӯзи мо**
**бошад Паём,**
**Дар баҳори зиндагӣ наврӯзи мо**
**бошад Паём.**
**Оламии андешаи пирӯзи мо бошад Паём,**
**Офтоби зиндагиафрӯзи мо бошад Паём.**

Воқеан, аз шарофати истиқлоли Ватан, тавре ки Пешвои миллат дар Паём таъкид карданд: **“Соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои муҳим боз як соли таърихӣ гардид”.** Аз ҷумла, яке аз чорабиниҳои муҳимми сиёсии ҷумҳурӣ, ки моҳи марти соли 2025 баргузор шуд, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, 31 марти соли 2025 ҳамаи мо шоҳиди боз як рӯйдоди бузурги таърихӣ: имзои Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ гаштем, ки дар пойдории муносибатҳои нек бо ҳамсоякишварҳоямон: ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон нақши калидӣ мебозад. Илова бар ин, Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар, ки дар фазои тантанавӣ аз ҷониби сарони давлатҳо мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, мухтарам Садир Жапаров ва мухтарам Шавкат Мирзиёев ба имзо расид, ба хурсандии мо фараҳи дигар зам кард. Амалӣ шудани ин рухдодҳои таърихӣ дар таҳкими муносибатҳои давлатӣ мавқеи хос-

са дошта, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Президенти кишвар қарор дорад, зеро Пешвои муаззаму сулҳдӯсти мо аз нахустин рӯзҳои Роҳбарии сиёсии хеш ҷиҳати пойдории сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон, дар минтақа ва посдории робитаҳои хуби ҳамсоядорӣ бо давлатҳои ҳамҷавор ҳамеша талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Дар соли сипаригашта низ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иқдомҳои ҷаҳонии худ ва ташаббусҳои башардӯстонаи Пешвои миллат дастовардҳои зиёд дошт. Аз ҷумла, нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо ҷиҳати амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, ки рӯйдоди таъриxиву мондагор буд. Ин чорабинии бузург бори дигар нишон дод, ки Тоҷикистони азиз дорои иродаи бузург дар самти ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ва дар ин масир ташаббускори аслӣ мебошад.

Ҳамчунин, қабули як қатор ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, аз қабили қатъномa доир ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» ва қатънома дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» (12 декабри 2025), қатъномаи махсус зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» ва ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж далели равшани пазируфтан ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон аст.

Зимни ироаи ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ Президенти кишвар соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, занону оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, энергетика, иқтисоду саноат, роҳу нақлиёт, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, амнияту мудофиа, масоили сиёсати хориҷӣ ва вазъи байналмилалиро ба риштаи таҳлил кашида, дастоварду пешрафт, камбуду мушкилоти ҷойдоштаро зикр намуданд ва ҷиҳати дастёбӣ ба пешрафтҳои рӯзафзун ба вазорату идораҳо ва дигар ниҳодҳои давлативу ҷамъиятии масъул дастуру супоришҳои мушаххас ва машварату маслиҳатҳои судманд доданд.

Пешвои миллат ба самти афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, Парлумони кишварро вазифадор намуданд, ки барои таъмини заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҳои амиқу мушаххас андешида, заминаҳои қонунии гузаришро фароҳам намоянд.

## СОҲАИ МАОРИФ - ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ

Яке аз соҳаҳои калидиву меҳварӣ дар сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Роҳбари давлат соҳаи маориф ва илм мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш ҳамеша ба миллати тоҷик хитоб намуда, масъалаҳоро хусусияти миллӣ, маорифпарварона ва ояндангарона мебахшанд. Аз ҷумла, дар яке аз суханрониҳояшон қайд карда буданд: **“Миллате, ки барои рушду такомули илму маориф ва фарҳанг ғамхорӣ зоҳир мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст”** ва ё ҳамчунин таъкид кардаанд: **“Пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз рушди илму маориф вобаста мебошад”.** Ин дидгоҳ илман асоснок буда, мантиқан комил ва амалан таҷрибашуда мебошад, зеро асоси пешрафту шукуфоии ҳар як давлат дар тамоюл ва таваҷҷуҳи он ба соҳаи маориф вобастагӣ дорад.

Бузургонамон низ маориф ва мактабро пояи устувори давлати поянда унвон кардаанд:

**Пояи давлат нагардад бе маориф устувор,**
**Давлати поянда хоҳӣ, рӯй бар мактаб биёр.**

Аз ин рӯ, дар тамоми мулоқоту воҳӯриҳояшон Пешвои маорифпарвару хирадгустари миллат дар бораи ин соҳаи тақдирсоз ёдовар мешаванд. Бахри беҳбудии бештари маориф тадбирҳои зиёдеро амалӣ намудаву корҳои арзишмандеро анҷом додаанд. Дар Паёми навбатӣ низ ба соҳаи илму маориф диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ба таълиму тарбияи

шоистаи кӯдакону наврасон ва ҷавонон, боло бурдани сатҳу сифати таҳсилот боз ҳам бештар тавачҷуҳ карда шавад. Президенти ҷумҳурӣ ба волидон, устодону омӯзгорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат намуда, таъкид карданд, ки ба масъалаи илму донишомӯзии фарзандон бо камоли масъулияту иҷрои рисолат муносибат намоянд, зеро ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, илмдӯсту китобхон, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту худшинос вобастагии амиқ дорад. Дар робита ба ин, Пешвои миллат чунин гуфтанд: **"Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тули беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам".**

Бешак, тули солҳои соҳибистиқлолӣ ин соҳаи муҳимму калидӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат ба дастовардҳои чашмгир ноил гардида, рушду пешрафти бесобиқа дорад. Бунёд ва ба истифода додани муосиртарин муассисаҳои таълимӣ дар гӯшаву канори мамлакат ба ҳукми анъана даромадаву кӯдакону наврасон ва ҷавонони саодатманди диёр дар беҳтарин шароит ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Имконоти зарурӣ дар тамоми самтҳои соҳа – аз таҳсилоти томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ барои саводноку соҳибкасб гардидани насли наврасу ҷавон фароҳам оварда шудааст, ки дар маҷмуъ, ба таъмини пешрафти илму маориф дар кишвар мусоидат менамояд.

Иштироки густардаву шоистаи хонандагону донишҷӯёни таълимгоҳҳои кишвар дар олимпиадаву сабқатҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва соҳиби ҷойҳои намоён гардидани онҳо далел аз роҳандозии усулҳои навтарини таълим ва сатҳи баланди омодагии онҳо барои омӯзишу пажуҳиш мебошад. Ҳамчунин, кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар озмунҳои пурифтихори ҷумҳурӣ - "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм – фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон – Ватани азизи ман", "Шоҳномахонӣ", ки таҳти сарпарастии бевоситаи Сарвари маърифатоини миллат дар сатҳи хеле баланд ва бошукӯҳ баргузор мешаванд, бо шавқу шӯри беандоза ширкат варзида, сазовори "Шоҳҷоиза", мақомҳои аввал ва ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд. Лоиқи зикр аст, ки нерусанҷӣ дар дилхоҳ озмуну мусобиқа омили муҳимми рушду такомули маънавии хонандагон, афзудани ҷаҳонбинӣ ва баланд шудани ҳисси зебоипарастии насли наврас мебошад. Тамоми ин дастоварду пешрафтҳо самараи таваҷҷуҳи беандозаи Роҳбари ғамхори давлат мебошад, ки мехоҳанд наслиояндасози кишвар донишманду соҳибҳунар ба камол бирасад ва роҳи зиндагии худро бе мушкилӣ пайдо намоянд ва барои миллату давлати хеш хидмати фарзандонаву содиқона анҷом диҳад. Дар ин замина, Пешвои миллат зимни пешниҳоди ин санади тақдирсоз иброз доштанд: **"Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд. Мо бояд талош намоем, ки онҳо дар зиндагии ояндаи худ, яъне, ҳаёти мустақилонаашон азият накашанд. Фаромӯш набояд кард, ки вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат гирифтор мешавад, ки чунин ҳолат оқибатҳои даҳшатбор дорад".**

Сарвари давлат ба баъзе масъалаҳои ҳалталаби соҳа ишора намуда, назди аҳли маориф ва илм як қатор вазифагузориҳо намуданд. Аз ҷумла, Пешвои миллат таъкид доштанд, ки ба мақсади таъмини самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, яъне, гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ тақозои замон мебошад. Бо мақсади амалисозии ин ҳадаф вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор гардиданд, ки ба

Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар соҳаи маорифи кишвар ба он ҳамеша таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мешавад, вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ фароҳамоварии имконоти таҳсил дар тамоми гӯшаву канори кишвар аст. Ҳамзамон, гузариш ба низоми муосири дувоздаҳсолаи таҳсил дар мадди назари Роҳбарияти олии кишвар қарор дорад. Тавре ки Пешвои миллат иброз доштанд: **“Тибқи таҳлилҳо 25 соли оянда шумораи хонандагон дар Тоҷикистон ба чор миллион нафар мерасад. Бинобар ин, мо бояд барои ҳарчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне, омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯйӣ намоем”.**

Илова бар ин, барои боз ҳам тақвият додани раванди рушди соҳа ва вобаста ба талаботи рӯз густариш бахшидани ҳадафҳои гузошташуда Ҳукумати мамлакат вазифадор гардид, ки вазъи амалишавии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030-ро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намояд ва онро тибқи ҳадафҳои нави дар ин самт гузошташуда такмил диҳад.

Тавре огоҳ ҳастем, шаш сол қабл Роҳбари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намуда буданд. Дар ин муддат аз ҷониби сохторҳои дахлдори соҳа як қатор нақшаи чорабиниҳо таҳия, тасдиқ ва амалӣ гардиданд. Дар ин робита, дар Паёми навбатӣ вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва Палатаи ҳисоб вазифадор карда шуданд, ки раванди татбиқи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”-ро таҳлил карда, ҷиҳати муайян намудани камбудиву монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои иловагӣ андешанд ва барои самаранокии ҳадафу барномаҳои таҳияшудаи соҳавӣ корҳои тақвиятиро роҳандозӣ кунанд.

Таҳлилҳои соҳавӣ нишон медиҳанд, ки гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф яке аз масъалаҳои муҳим буда, давоми даҳ сол амалӣ гардид ва соли 2014 ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ин низом гузаронида шуданд. Пешвои миллат вобаста ба такмили низоми мазкур иброз доштанд, ки бурду бохти низоми таҳсилоти кредитӣ аз ҷониби коршиносони босалоҳият баррасӣ гардида, зимни супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм омилҳои инсонӣ пурра аз байн бурда шаванд ва шаффофияти баҳогузории донишомӯзон пурра таъмин карда шавад.

Пешвои миллат ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ пайваста таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русӣ ва англисӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҳалли масъалаҳои ҳаёти кӯдакон, наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароиту имконияти боз ҳам беҳтари таҳсил ва кор барои онҳо, бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон сухан ронда, чунин тазаккур доданд: **“Мо бояд дар хотир дошта бошем, киояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад. Асри 21 асри пешрафти илму техника ва технологияҳо мебошад. Мо дида истодаем, ки давлатҳои мутамаддину тараққикардаи дунё ба чӣ дастовардҳо ноил шуда истодаанд”.**

## ПЕШВОИ МАОРИФПАРВАР

Рушди соҳаи маориф дар кишвар натиҷаи дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои маорифпарвари миллат мебошад, ки дар сиёсати хеш дастгирии иҷтимоиву моддии омӯзгорону кормандони соҳаро ҳамеша дар мадди аввал мегузоранд. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ тайи солҳои охир тадбирҳои зиёдеро амалӣ кард, ки боиси рушду пешрафти ин соҳаҳо гардиданд. Бо туфайли зиёд кардани маблағгузорӣ ба соҳаи илму маориф айни ҳол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар Паёми навбатӣ зикр гардид, ки барои

соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне, соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад.

Дар баробари дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ҳамасола зиёд карда мешавад, ки ин таваҷҷуҳ ҳам гувоҳ аз дастгириву ғамхориҳои доимии Роҳбари давлат мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чанд соли охир маоши аҳли маорифи кишвар 110 дарсад, аз ҷумла, соли 2022-юм 20 дарсад, соли 2023-юм 20 дарсад, соли 2024-ум 40 дарсад, соли 2025-ум 30 дарсад зиёд карда шуд. Роҳбари мамлакат дар Паём эълон намуданд, ки бо дарназардошти имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва зарурати боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз 1-уми сентябри соли 2026, дар баробари дигар самту соҳаҳо, маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ 25 дарсад, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 дарсад зиёд карда шаванд.

Баланд гаштани маоши кормандони соҳаи маориф - дастгирии навбатии Президенти мамлакатро устодону омӯзгорони кишвар бо хушнудиву сарфарозӣ истиқбол намуданд. Зеро андешидани тадбирҳои зарурӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шоиста ҷиҳати пешрафти кору дастрасӣ ба комёбиҳо иқдоми саривақтист.

Дар умум, метавон гуфт, ки дар Паёми навбатӣ соҳаи илму маорифи кишвар ҳамчун муҳимтарин аркони маънавии давлатдории навини тоҷикон дар меҳвари масъалагузорӣ ва таҳлилу баррасиҳои Сарвари маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт.

## БО ҲАДАФҲОИ БУЗУРГ - РӮ БА ОБОДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ

Дар қисмати ҷамъбасти Паёми хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо руҳияи баланди масъулиятшиносӣ, эътимод ба неруи мардум ва бовар ба ояндаи дурахшони давлатдории миллӣ иброз намуданд, ки тамоми дастоварду пешрафтҳои кишвар тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми шарифи Тоҷикистон мебошанд. Албатта, ободии Ватан, рушду пешрафти ҷомеа ва таъмини зиндагии осоишта қарзи милливу виҷдонии ҳар як сокини Тоҷикистон буда, танҳо бо иттиҳоду ҳамбастагӣ амалӣ мегардад.

Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ халқи сарбаланди кишвар бо вуҷуди мушкилоту санҷишҳои сахти таърихӣ, бо сабру таҳаммул, иттиҳоду сарҷамъӣ ва иродаи қавӣ роҳи созандагиро интихоб карданд. Маҳз ҳамин хислатҳои волои миллӣ имрӯз ба сифати омили асосии рушд ва кафили фардои ободи Ватани азиз арзёбӣ мегарданд.

Бузургтарин вазифаи ҳар як фарди огоҳи ҷомеа дар ростои ин ҳама талошу заҳмати Пешвои миллат масъулияти ватандорист, зеро расидан ба ояндаи босаодат, осоишу бараками рӯзгор ва зиндагии шоиста маҳз дар ободкориву созандагии Ватан имконпазир аст.

Соли 2026 бо ин ҳама нақшаву ҳадафҳои накуи Пешвои миллат барои кишвари азизамон соли муҳим ва таърихӣ ба ҳисоб меравад. Зеро Сарвари давлат барои мо - сокинони ин сарзамини биҳиштосо - Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ин соли сарнавиштсоз ҳадафҳои бузург гузошта, иброз доштанд: **“Соли 2026 барои мо соли таърихӣ – соли ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аст. Яъне, Тоҷикистони куҳанбунёд, аммо тозаистиқлоли мо 35-сола мешавад. Тайи панҷ соли охир тамоми қишрҳои ҷомеа ҷиҳати сазовор истиқбол намудани ин санаи таърихӣ сарҷамъона заҳмат кашида, корҳои бузургро анҷом дода истодаанд”.**

Дар маҷмуъ, Паёми Пешвои муаззами миллат бо дарназардошти таҷассум кардани асолати илмӣ, таърихӣ, ҳувиятӣ ва рушди оянданиигарона барои мо - аҳли маорифу илми Тоҷикистон ҳамчун маромномаи фаъолият маҳсуб шуда, ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар иҷрои корҳои соҳавиамон раҳнамои мост. Пас, ҳар як корманди соҳаро месазад, ки ин Дастури корро ба роҳбарӣ гирифта, дар пешрафти маорифу илми Ватан хидмати шоиста намоянд.

**Номвар ҚУРБОН,**
**мудири лаборатория дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ, дотсент,**
**Муҳайё ҲОТАМОВА,**
**устоди ДП ДТТ ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои фалсафа**

# ҚАДАМИ УСТУВОР ДАР МУТОБИҚНАМОИИ НОҲИЯҲОИ КӮҲСОР БА ГАРМШАВИИ ИҚЛИМ: ТАЪРИХ ВА РАВАНДҲО

Мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ ва коҳишёбии пиряхҳо, ки масоили мураккабу ба ҳам алоқаманд мебошанд, барои тамоми кишварҳои ҷаҳон хатарнок арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, гармшавии глобалии иқлим, афзоиши хатари офатҳои марбут ба обу иқлим ба мавзуъҳои меҳварии рӯзномаи ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд.

Дар самти пешгирии тағйирёбии иқлим дар миқёси ҷаҳонӣ ҳанӯз соли 1979 нахустин Конфронси ҷаҳонӣ оид ба иқлим баргузор гардида, дар натиҷаи он Барномаи ҷаҳонии иқлим қабул карда шуд. Дар асоси ин барнома, Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (WMO) ва Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP) соли 1988 Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлимро (IPCC) таъсис доданд. Гурӯҳи мазкур аз соли 1990 доир ба мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим гузоришҳоеро таҳия менамояд, ки фаъолияти Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлимро (UNFCCC) ҳамчун созишномаи байналмилалии асосӣ дар ин самт тақвият мебахшанд. Гузоришҳои арзёбии ҳолат ва дурнамои иқлими ҷаҳонӣ солҳои 1990, 1995, 2001, 2007, 2014 ва 2022 интишор ёфтаанд ва ҳамаи онҳо хусусияти антропогенӣ доштани гармшавии глобалии иқлимро ҷонибдорӣ менамоянд. Зиёда аз ин, аввалин ҷаласаи байналмилалӣ дар бораи тағйирёбии иқлим соли 1966 дар шаҳри Лос-Анҷелес бо иштироки олимони ИҶШС ва ИМА баргузор гардид, ки зимни он таваҷҷуҳи асосӣ ба масоили устувории яххои баҳрии ноҳияҳои қутбӣ дар шароити тағйирёбии антропогении иқлим равона гардид. Сипас, солҳои 70-уми асри гузашта дар доираи «Созишномаи ИҶШС ва ИМА дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист», дар шаҳрҳои Тошканд (1976), Ленинград (1977), Душанбе (1978) ва Тбилиси (1979) як қатор симпозиумҳо дар бораи тағйирёбии антропогении иқлим баргузор шуданд.

Мувофиқи маълумоти СММ, доир ба масоили марбут ба захираҳои об дар тули таърих зиёд аз 3600 созишномаи байналмилалӣ ба имзо расида, бархе аз онҳо ба киштиронӣ, моҳидорӣ ва аломатгузории марз тааллуқ доштанд ва танҳо аз нимаи асри XIX инҷониб беш аз 400 созишномае қабул гардидаанд, ки истифодаи обро ҳамчун захираи табиӣ танзим менамоянд. Сарфи назар аз шумораи зиёди шартномаҳои байналмилалии амалкунанда дар бораи истифодаи обҳои фаромарзӣ, аввалин кӯшиши ба низом даровардани меъёрҳои татбиқшавандаи ҳуқуқи байналмилалии соҳа дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX аз тарафи Ассотсиатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом дода шуд. Яъне, дар асоси омӯзиши шартномаҳои байналмилалӣ, урфу одатҳо ва амалияи суди байналмилалӣ, ассотсиатсияи мазкур соли 1966 дар шаҳри Ҳелсинки «Қоидаҳои истифодаи обҳои дарёҳои байналмилалӣ»-ро, ки бо номи Қоидаҳои Ҳелсинки маъруфанд, таҳия ва қабул кард. Ҳамин тавр, соли 1992 аз тарафи Комиссияи иқтисодии авруопии СММ муоҳида оид ба ҳифз ва истифодаи маҷрои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шуд, ки аз соли 1996 мавриди амал қарор дорад. Муоҳидаи мазкур доираи амали универсалӣ дошта, асосҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои кишварҳоро дар бахши ҳифз ва истифодаи оқилонаи обҳои фаромарзӣ фароҳам меорад. Ба муоҳидаи мазкур дар шаҳри Лондон соли 1999 Протокол оид ба масоили об ва саломатӣ қабул гардид, ки пешгирӣ, маҳдуднамоӣ ва кам кардани хатари паҳншавии бемориҳои марбут ба обро фаро мегирад.

Дар самти омӯзиши пиряхҳо бошад, нахустин Комиссияи байналмилалии пиряхҳо соли 1894

зимни баргузории Конгресси VI байналмилалии геологӣ дар шаҳри Сюрих (Швейсария) таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряххо асос гузошт. Вале дар он вақт олимон дар бораи мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ё гармшавии иқлим тасаввуроти дурусте надоштанд. Сипас, дар доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ барои солҳои 1965-1974 таҳти сарпарастии Идораи СММ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (UNESCO) зарурати тақвияти донишҳои илмӣ, пешбурди маориф ва омода кардани мутахассисон дар самти ҳифз ва истифодаи захираҳои об ба миён гузошта шуда шуд. Дар баробари ин, барӯйхатгирии ҷаҳонии массаи бисёрсолаи ях ва барф яке аз ҳадафҳои меҳварии даҳсолаи мазкур арзёбӣ шуда, дар натиҷаи он соли 1975 Барномаи байналмилалии гидрологӣ таҳия ва қабул гардид. Барномаи байниҳукуматии гидрологии UNESCO бошад, бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряххо китоби «Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряххо»-ро (соли 1988) ба нашр расонида, «Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи Замин» (соли 2009) ва «Луғати (Глоссарий) тавозуни массаи пиряххо ва истилоҳоти марбут ба он»-ро (соли 2011) таҳия ва интишор намуд.

Сарфи назар аз таърихи иҷмолии болозикр дар бораи ташаккул ва пешрафти кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, истифодаи захираҳои об ва ҳифзи пиряххо, ҳеҷ яке аз ин иқдомҳо натавонистанд, чун ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти марбут ба ин се ҷузъи ба ҳам алоқаманди табиати сайёраро, ки динамикаи яке аз онҳо ба дигаргунии системаи дигар ҷузъҳо оварда мерасонад, пайваста ва мунтазам пайгирӣ намуда, баҳри бартарафнамоии пайомади онҳо тадбирҳои мушаххасу саривақтӣ пешниҳод созанд. Зеро ташаббусҳои байналмилалии Пешвои муаззами миллат дар соҳаи обу иқлим дар асоси андешаву таҳлилҳои мӯшикофона ва нуктасанҷона рӯйи кор омада, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта гардидаанд ва дар заминаи ин СММ 15 қатъномаи дахлдор қабул кардааст, ки далели равшани гуфтаҳои болост.

Ҳамзамон, дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат солҳои 2003-2025 дар шаҳри Душанбе 11 форум ва конфронси сатҳи баланд доир гардиданд, ки бархе аз онҳо аввалин маротиба баргузор шуданд ва инчунин, дар миқёси байналмилалӣ назир надоранд. Аз ҷумла, дар доираи аввалин ташаббуси ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 нахустин Форуми байналмилалӣ оид ба мушкилоти оби тоза доир гардид, ки Душанбешаҳрро ба «пойтахти ҷаҳон оид ба оби тоза» табдил дод. Дар баробари ин, дар таърихи беш аз 130-солаи мушоҳидаву пажуҳиши пиряххо, маҳз дар доираи иқдоми панҷуми ҷаҳонии Пешвои муаззами миллат, рӯзҳои 29-31-уми майи соли 2025 нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо баргузор гардид. Ҳамчунин, дар доираи ташаббуси дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон - Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», пас аз 46 сол дуюмин конференсияи сатҳи ҷаҳонӣ, яъне, Конференсияи СММ оид ба масоили об (22-24.03.2023) баргузор гардид. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат онро конференсияи таърихӣ номида, иброз доштанд: **«Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи СММ бори дуввум - баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст. Мо - мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯйи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид».**

Бояд тазаккур дод, ки ин конфронс на танҳо барои тасдиқи амалии қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 21 март - Рӯзи ҷаҳонии пиряххо замина гузошт, балки дар доираи он саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири татбиқи қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ (A/RES/77/172) таҳти унвони Нақшаи панҷсолаи амал барои рушди навоҳии кӯҳсор барои солҳои 2023-2027 муттаҳид гардида, харитаи роҳ барои расидан ба ҳадафҳои Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера барои солҳои 2024-2025 муайян карда шуд.

Тибқи маълумоти UNESCO ва WMO, тахрибан 70% оби ширини нӯшокӣ дар саросари ҷаҳон дар пиряххо ва лавҳаҳои яхӣ мавҷуд буда, бинобар тағйирёбии глобалии иқлим ташаккулёбии пиряххо босуръат коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, ҳифзи ин захираҳои ҳаётан муҳим барои устувории

экологӣ, суботи иқтисодӣ ва инчунин, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва васоити зиндагӣ бағоят муҳим аст. Зеро пиряххо, алалхусус, пиряххои нохияхои кӯҳсор на танхо дар тавозуни гидрологию метеорологӣ, балки иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо нақши муҳим доранд. Онҳо, дар баробари захира намудани оби ширин, ба шароити иқлимӣ, реҷаи гидрологӣ, рушди сайёҳӣ ва вазъи иҷтимоию фарҳангии ҷамоаҳои маҳаллӣ низ таъсири бевосита мерасонанд. Бо дарназардошти ин нуктаҳо, дар доираи Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025) таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба густариши системаи мониторинги ҷаҳонии пиряххо бо мақсади беҳгардонии ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо, баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ ва татбиқи ташаббусҳо дар самти ҳифзи пиряххо равона гардид.

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаю далелҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар саросари ҷаҳон 2,2 миллиард нафар ба оби тозаи нӯшокӣ ва 3,5 миллиард нафар ба беҳдоштии бехатару идорашаванда дастрасӣ надошта, зиёда аз 2 миллиард нафар бевосита аз оби дар нохияхои кӯҳсор ташаккулёбанда истифода мебаранд. Аз рӯйи амсиласозиҳои иқлимӣ, ҳарорат то охири асри ҷорӣ барои сенарияи минималии партови газҳои гулхонаӣ 0,3-1,7°С ва барои сенарияи максималии партовҳо 2,6-4,8°С меафзояд. Агар то соли 2100 ҳарорати ҳавои наздизаминӣ 1,5-4°С боло равад, он гоҳ 26-41% массаи пиряххои манотиқи кӯҳсор зери хатари ҷиддӣ қарор мегирад. Маҳз бо назардошти ин масоили ҳалталаб, Пешвои муаззами миллат ба ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иқдомҳои наҷибу саривақтӣ пешниҳод менамоянд.

Боиси ифтихор аст, ки зимни баргузории Иҷлосияи 7-уми СММ оид ба муҳити зист (UNEA) рӯзҳои 8-12 декабри соли 2025 дар қароргоҳи Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP) дар шаҳри Найроби (Кения), қатъномаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор» бо иттифоқи оро қабул гардид. Мавзуи меҳварии иҷлос «Таҳияи роҳҳои ҳалли устувор барои сайёраи устувор» унвон дошта, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба имконоти рушд ва мутобиқнамоии нохияхои кӯҳӣ дар шароити муосир, махсусан, дар раванди тағйирёбии глобалии иқлим равона шудааст. Ҳамчун ҳуҷҷатҳои натиҷавии UNEA-7 11 қатънома қабул шуда, қатъномаи 10-ум (UNEP/EA.7/Res.10) - «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор» аз тарафи ду кишвари кӯҳсор – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Перу пешниҳод гардидааст. Қабули қатъномаи мазкур бори дигар нақши бориз ва саҳми назарраси Тоҷикистонро таҳти сарварӣ ва роҳнамоии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла, ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ собит намуд.

Қабули қатъномаи «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор» далели бармалои эътирофи баланди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешоҳанги ҳалли масоили марбут ба об, иқлим ва пиряххо буда, нақши бузурги меҳани моро дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳифзи муҳити зист ва таъмини ояндаи устувори башарият нишон медиҳад.

Дар робита ба ин мавзуи бағоят муҳим, ҳассос ва ҳалталаб, Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми хеш иброз доштанд: **«Мавзуи ҳифзи пиряххо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ доранд».** Маҳз бо мақсади пурсамар намудани кори илмӣ, густариши тадқиқоти илмӣ ва тақвияти ҳамкориҳои илмӣ ва муаррифию амалинамоии иқдомҳои ҷаҳонии кишвар дар арсаи байналмилалӣ Сарвари давлат Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳо»-ро ба Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил доданд.

Ҳамин тавр, қабули қатъномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор» дар Иҷлосияи 7-уми СММ оид ба муҳити зист ҳамчун рӯйдоди муҳим ва дорои аҳаммияти таърихӣ арзёбӣ гардида, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масоили марбут ба пиряххо ва криосфера ҷалб менамояд, роҳҳои ҳалли мушкилоти онро нишон медиҳад, масирро барои ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият мебахшад ва ба таъмини амнияти иқлимию рушди устувори экологӣ шароиту заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

**Руқия МИРЗОЕВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷикӣ**
**МТМУ №90, ноҳияи Рӯдакӣ**

# ЗАМИНАИ МУКАММАЛИ ҲУҚУҚӢ БАҲРИ РУШДИ СОҲА ВА НУФУЗУ МАҚОМИ ОМӮЗГОР ДАР ҶОМЕА




Рушду тараққиёти ҳар як давлату миллат аз пешрафти соҳаи маориф ва илми он вобаста аст. Дар шароити имрӯз ягона омили наҷоти инсоният аз тамоми хатару таҳдидҳои мавҷуда рӯй овардан ба илму дониш ва таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи маориф мебошад, зеро дастовардҳо дар ин бахшҳо омили меҳварии саодати инсон ва василаи муҳимми расидан ба камолоти маънавӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шарофати соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботу оромӣ ба соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Давлат ва Ҳукумати мамлакат зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафту тараққиёти ин соҳаи калидӣ тамоми тадбирҳои судмандро андешида, шароити созгорро фароҳам овардааст. Дар сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф ва илм аз ҷумлаи бахшҳои муҳим ва самти афзалиятнок ба шумор рафта, дастгирӣ ва ғамхориҳо нисбат ба устодону омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф сол то сол меафзояд.

Тавре ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ (01.09.2023) иброз дошта буданд: **«Ман дар асоси таваҷҷуҳу эҳтироме, ки нисбат ба илму маориф ва мактабу омӯзгор дорам, ифтихор медорам, ки маҳз тавассути рушди босуботи соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон мо тавонистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем».**

Ташаббусу иқдомҳо дар самти рушди соҳаи маориф дар кишвар хеле зиёданд. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда, қарору қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатӣ ва амалисозии онҳо ба пешрафти ин соҳаи калидӣ мусоидат намуданд.

Чанде пеш дар фазои хабарии кишвар пайки нек интишор шуд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор" аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид ва мавриди амал қарор гирифт. Барои мо - омӯзгорон шунидани ин навиди фараҳбахш - қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» басо хушоянду шодиафзост, ки бо дастуру супориши бевоситаи Пешвои муаззами миллат таҳия ва қабул гардидааст.

Бо баррасии муҳтавои қонуни мазкур метавон гуфт, ки он ҳамчун як санади муҳимми ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа нақши муайянкунанда дорад, зеро муносибати давлат ва ҷомеаро нисбат ба касби пуршарафи омӯзгорӣ ба сатҳи нав мебарорад. Дар тули солҳои зиёд масъалаи мақом, ҳифзи иҷтимоӣ ва дахлнопазирии фаъолияти омӯзгор ба таври ҷузъӣ танзим мегардид, аммо қабули ин қонун заминаи мукаммали ҳуқуқиро фароҳам овард, ки омӯзгор худро ҳамчун шахси дорои эътибор ва кафолати иҷтимоӣ эҳсос намояд.

Мазмуни қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, меъёрҳои ҳуқуқиро дар

самти таъмини шаъну шараф, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва кафолатҳои омӯзгор ба низом медарорад. Дар қонуни мазкур мафҳуми мақоми омӯзгор ҳамчун вазъи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ӯ дар ҷомеа ба таври возеҳ муайян гардида, аҳаммияти фаъолияти омӯзгорӣ ҳамчун пояи рушди зеҳнӣ ва маънавии ҷомеа таъкид мешавад. Ин равиш гувоҳ аз он аст, ки давлат ба пешаи омӯзгорӣ ҳамчун самти стратегии сиёсати иҷтимоӣ муносибат мекунад.

Дар қонун принсипҳое муқаррар шудаанд, ки фаъолияти омӯзгорро аз ҳар гуна фишор, дахолат ва сарбориҳои ғайрикасбӣ ҳифз менамоянд. Манъи ҷалби омӯзгор ба корҳое, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд ва ҳамчунин, маҳдуд кардани санҷишу назорати ғайрисоҳавӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор таваҷҷуҳи худро пурра ба сифати таълим ва тарбия равона созад.

Шаъну шарафи омӯзгор дар қонун ҳамчун арзиши дахлнопазир эътироф гардида, ҳифзи он ба зиммаи давлат гузошта шудааст. Манъи ҳама гуна амалҳое, ки ба паст задани мақоми омӯзгор равона шудаанд, заминаи ҳуқуқиро барои ташаккули муносибати эҳтиромона дар ҷомеа фароҳам меорад. Ин меъёр баланд бардоштани нуфузи касби омӯзгориро дар шуури ҷамъиятӣ таъмин менамояд.

Муайян намудани ҳуқуқҳои омӯзгор дар қонун ба фаъолияти эҷодӣ ва мустақили ӯ такони ҷиддӣ мебахшад. Озодии интихоби усул ва шаклҳои таълим, иштирок дар таҳияи барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, баҳогузории воқеъбинонаи дониш ва истифодаи технологияҳои муосир шароит фароҳам меорад, ки омӯзгор худро субъекти фаъоли раванди таълим эҳсос намояд. Ҳамзамон, ӯҳдадориҳои омӯзгор бо дақиқӣ муқаррар гардидаанд, ки риояи қонун, одоби касбӣ, эҳтиром ба ҳуқуқи таълимгирандагон ва пешгирии ҳама гуна талаботи молиявии ғайриқонунӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ин тавозун миёни ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ заминаи эътимодро миёни омӯзгор, ҷомеа ва давлат тақвият медиҳад.

Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии қонун аҳаммияти махсус доранд, зеро онҳо бевосита ба шароити зиндагӣ ва фаъолияти омӯзгор таъсир мерасонанд. Кафолати пардохти саривақтии музди меҳнат, рухсатии меҳнатӣ, ҳифзи саломатӣ, таъмини шароити кор ва имтиёзҳо барои омӯзгорони деҳот мақоми иҷтимоии омӯзгорро устувор месозанд. Озодкунӣ аз баъзе намудҳои андоз ва пешбинӣ намудани тадбирҳо барои таъмини манзил ба омӯзгорон, бахусус, дар деҳот, дар қонун гувоҳи он аст, ки давлат мушкилоти воқеии ин қишрро ба инобат гирифтааст.

Низоми ҳавасмандгардонӣ, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, ба рушди касбӣ ва болоравии сифати таълим мусоидат мекунад. Иловапулиҳо барои дараҷа ва унвонҳои илмӣ, инчунин, барои дастовардҳои шогирдон дар олимпиадаҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, омӯзгорро ба меҳнати пурмасъулият ва эҷодкорона ҳавасманд месозанд. Ин тадбирҳо муҳити рақобати солимро дар соҳаи маориф ташаккул дода, сатҳу сифати таълимро боло мебаранд.

Ба андешаи инҷониб, муҳимтарин дастоварди қонун муқаррар намудани дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор мебошад. Дар баробари ин, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилоти дигар ба таври мушаххас дар қонун муайян гардидаанд.

Танзими масъалаҳои омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва аттестатсия дар қонун имкон медиҳад, ки омӯзгор ба талаботи замони муосир мутобиқ гардад. Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти олии дуюм ва иштирок дар курсҳои такмили ихтисос рушди пайвастаи касбиро таъмин намуда, сифати таълиму тарбияро боло мебарад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҳамчун санади сарнавиштсоз ва ҳимоявӣ ба таҳкими мавқеи омӯзгор дар ҷомеа мусоидат мекунад. Татбиқи комили меъёрҳои он метавонад ба баланд гардидани эътибори пешаи омӯзгор, беҳтар шудани сатҳу сифати таълиму тарбия ва ташаккули ҷомеаи донишбунёд заминаи устувор фароҳам оварад.

Мо - омӯзгорон аз қабули ин қонун хеле шод гардидем ва талош менамоем, ки дар ҳамовозӣ ба сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таълиму тарбияи насли наврас ва рушду пешрафти соҳаи маориф саҳми арзандаву арзишманди хешро гузорем.

**Аминҷон ЗАРИФӢ,**
**устоди Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод, вилояти Суғд**



# ПУШТИБОНЕ ЁФТ ФИРДАВСӢ БА ДАҲР АЗ ПЕШВО

“Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ яке аз асарҳои мондагори таърихи миллатҳои ориёӣ буда, асолати миллию таърихии моро ба воситаи назми равону малеҳ ба тасвир кашидааст. Ин асари асолатнишон дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба воситаи дастхатҳо то мо ба мерос расидааст. Агар дар вақту замонҳои мухталиф ин китоб ба шаклҳои маҳдуд ва ё ҷузъӣ рӯйи нашр омада бошад, пас, дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин асари бузург марҳилаи нави таърихиро шоҳид гардид.



Иқдоми нодиртарин дар таърихи бунёди давлати миллии тоҷикон ва арзи ҳастӣ доштани ин китоб, нашри академии китоби “Шоҳнома”-и безаволи ҳакими Тӯс ва тақсими ройгони он ба ҳар як оилаи тоҷикистонӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки муҳимтарин қадаме дар эҳёи асолат ва ҳувияти миллӣ мебошад. **Дар таърихи тамаддуни инсоният нашру тақсими ягон асар ба аҳолӣ, ба мисли ташаббусҳои Пешвои миллат набудаву нест. Ҷаҳон ёд надорад, ки роҳбари кишваре, ё сарвари давлате бо тақсими китобе ба аҳолӣ иқдом намудаву барои сарҷамъ сохтани миллату поягузории давлати миллӣ чунин иқдоми мондагор намуда бошад.**

Таърих гувоҳ аст, ки барои халқу миллатҳои ориёӣ, хирад дастуру раҳнамо буда, озодагони ориёиро дар ҳамаи мушкилот ва давраҳои вазнину талх, маҳз хирад дастгир будааст. Имрӯз, ки гирдоби ҷаҳонишавӣ дар баробари бисёр падидаҳои нодири илмию технологӣ, ҳамчунон сабаб ва омили бархӯрду зиддият, аз байн рафтани арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддунии халқу миллатҳост, рӯй овардан ба осори таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии ниёгон сипари пӯлодинест, баҳри ҳифз, бозомӯзӣ, бедорсозии ҳофизаи таърихии миллат. Ҳаким Фирдавсӣ чун паёмбари зиндадорандаи таъриху тамаддуни мардумони ориёӣ дар охири асри Х бо ҳазор орзую умед асари ҷовидонае офарид ва хидмати бузургеро барои таърихи гузашта ва насли оянда анҷом дод. Зинда намудани хотираи таърихӣ ва навиштани асари бузурге аз таърихи шаҳаншоҳони ориёӣ бо назм, ҷонфидоӣ ва қаҳрамонӣ буд. Ин бори сангинро донишманди тавоно ва таҳамтани ватандӯст Фирдавсии Тӯсӣ бар дӯш гирифта, зиёда аз си сол умри хешро сарфи гирдоварии осори ниёгони арҷманд, омӯзиш ва назми шоҳкоре намуд, ки як миллати бузурги наҷибзодаро аз маргу нобудӣ, фанову фаромӯшӣ наҷот дод.

Ба бахти ақвоми озодагони ориёӣ падид омадани шахсияти тақдирсозе дар тимсоли ҳаким Фирдавсӣ, зарурати таърихӣ ва пайғоми аҳуромаздоӣ буд. Озодазодагони ориёӣ ба мисли Дақиқӣ ва Фирдавсии бузургвор дарк намуданд, ки қавму қабилаҳои сомӣ бо баҳонаи дину оини нав халқу миллатҳои бузурге

чун, мисриён, бобулиён, ошӯриён, яманиҳо ва даҳҳои дигарро аз забон, фарҳанг, тамаддун ва арзишои динию мазҳабияшон дур сохта, ба ғуломони гунг табдил доданд ва ба нест намудани ҳувияти миллии эрониён оғоз карданд. Дар ин баробар, давлатҳои навини пас аз шикасти давлати Сосониён ба вуҷуд омадаи ақвоми эронӣ чун Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён бо фитнаю дасиса ва низоъҳои мазҳабии сохтаи халифаҳои араб низ дар ҳоли заволу нобудӣ ҳастанд. Инро дида, он бузургон хостанд бо нигоҳ доштани ғурури миллӣ ва баёни корномаи силсилаи шоҳаншаҳон наслҳои навинро аз вартаи фанову махлутшавӣ нигоҳ доранд. Офаридани "Шоҳнома" дар он даврон коре буд душвор ва хавфи ҷонӣ дошт. Дақиқии ҷавони хунгарм, чу гуфт: "... ки аз дини ниёгони хеш нагзарам!...", кушта гардид ва назми "Шоҳнома" ногуфта монд.

Фирдавсии бохирад ва донистакор тавонист бо иншои "Шоҳнома" руҳи миллӣ, хирад, озодагӣ, асолат, ғурур, ҷавонмардӣ, таҳамтанӣ, ватандӯстдорӣ, наҷибзодагӣ ва ҳунару санъати ниёгони арҷмандро бо забони порсии тоҷикии нав зинда нигоҳ дорад. "Шоҳнома" - ганҷи миллӣ, оинаи қаднамои таърихи миллат, назми ватандорӣ, мумиёи пайвандгариواршикастагиҳои миллӣ, фарҳангомӯзи наслҳо, забони қудсии озодагон, ҷон дар пайкари миллат аст, ки тули таърих пора-пора чун пари симурғ ба мо расидааст.

Фурӯғи ин каломи аҳуроӣ ва ин ганҷи яздонӣ дар тоқдони чашми миллат чун хуршеди тобоне мегардад, то миллат боз бар хеш ояд, гарди бегонагии таърихро аз афкору зеҳну равон биафканад, асолати хеш дарёбад ва парчами коваён бар сар ба сӯйи ҷаҳони илму хирад роҳ бигирад.

Тақсими ройгони ганҷи равони "Шоҳнома" ба ҳар хонадон дамидани руҳи миллӣ бар тани миллат аст, зеро тули наздик ба 35 соли Истиқлоли давлатӣ зербинои иқтисоду сиёсат, иҷтимоъ, фарҳанг, илм, маориф чун пайкараи навини миллӣ сохта шуд. Акнун холигоҳи ғуруру ифтихороти миллӣ бо расидани "Шоҳнома" мукаммал мегардад. "Шоҳнома" танҳо як асари баёни корномаи шоҳаншаҳон ва тасвири разму базми каён нест, он таърихи заррин ва хотираи рангини миллат, баёни асолат, ҳувият, озодагӣ, ҳикмат, фарҳанг, далерӣ, мардонагӣ, қаҳрамонӣ, оини ростӣ, намоди Ватан ва ватандорист.

Ҳакими хирадманду ватандӯстдор - Фирдавсии бузургвор дар симои таҳамтане чун Рустами Дастон шаҳомати асилзодагӣ ва ғурури ватандории озодагони ориёиаслро тасвир намуда, посдории амну амонат, сулҳу оромии Ватанро аз ҳамаи ғаризаҳои пайванди нафсонӣ боло медонад ва ҳатто, фарзандашро, ки дар либоси душман ба набард омадааст, ҳалок месозад. Ин нуқтаи баландтарини тасвири бадеӣ дар ватандорист.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун руҳи асилзодагӣ, пас аз ҳазор соли бепуштибонӣ, оворагию гурезагӣ, гоҳе таҳқиру надомат ва беэҳтиромӣ ба офаридгори ин ганҷи беназири миллӣ ҳакими тавоно Фирдавсии бузургвор, ҳамчун сарвари сиёсӣ, роҳбари давлат, Пешвои тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ба ҳимояи сиёсӣ, давлатӣ ва миллии "Шоҳнома" ва Фирдавсии озодаи ориёӣ бархостанд. Ин иқдоми сиёсию давлатӣ бузургтарин ҳимояти сиёсӣ аз асолату ҳувияти миллӣ, таъриху фарҳанги беш аз ҳафтҳазорсолаи ориёӣ ва такони бузурге дар бедории руҳи миллӣ ва ғуруру ифтихори ватандорист.

Хулоса, дастрасии "Шоҳнома" ба ҳар хонадон охири кор нест. Хониш, азбарнамоӣ ва ташкили Озмуни ҷумҳуриявии "Шоҳномахонӣ", маҳфилҳои шоҳномахонӣ, тадқиқоти илмӣ, матншиносӣ, таҳияи фарҳангу луғатномаҳо, пажуҳиши вожаву таркибҳо ва воридсозӣ ба фонди луғавии забон, таҳияи силсилафилмҳои таърихию бадеӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ, филмҳои кӯдаконаи тасвирӣ ва ҷорисозии номгузории ориёӣ мутобиқи зебономҳои орёии "Шоҳнома" идомаи ин иқдоми наҷибонаи Пешвои муаззами миллат мебошанд.

Пас, ҳар яки моро лозим аст, ки ин асолатномаи миллати озодазодаи ориёиро мутолиа намуда, ба ҳар байту мисраи он оқилона тафаккур намоем ва таърихи миллату давлати худро бо хираду дониш бишносем.

**Саодат РАҶАБОВА,**
**омӯзгори МТМУ №97, шаҳри Ҳисор,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РОҲИ ТАЙШУДА ВА ФАРДОИ ДУРАХШОНИ МИЛЛАТ



Истиқлоли давлатӣ волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллат аст, ки ба даст овардани он нуру зиё, меҳру вафо, озодию ободӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагию амниятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст. Миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст.

Дастовардҳои асосии даврони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон аз барқарор намудани сулҳу оромӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, таъсиси давлати мустақил, бунёди ниҳодҳои демократӣ, рушди иқтисоди бозорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум иборат аст. Истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки Тоҷикистон роҳи худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона интихоб кунад ва мардум сарнавишти худро муайян намоянд.

Дар хотир бояд дошт, ки миллати шарафманди тоҷик аз азал ба арзишҳои озодиву соҳибихтиёрӣ эҳтироми шоиста дошт ва дар гузашта ормони истиқлолхоҳиро як ҷузъи асолати ватандорӣ ва ҳувияти миллии хеш медонист, зеро истиқлол барои миллати мо рамзи олии ватандорӣ, азму талоши садоқатмандона ба хотири эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, зиндагии озодонаи ҳар фард ва бахту саодати воқеии халқ маҳсуб меёфт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ иброз доштанд: **«Мову шумо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва Истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии**

**мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шудааст».**

Агар саҳифаҳои таърихиро варақ гардонему ба солҳои 90-уми асри гузашта назар афканем, ба воқеиятҳои талхе рӯ ба рӯ хоҳем гашт. Дар он давраи мудҳиш миллати моро зулму ситам, ҷангу фитна, нофаҳмоиҳои байниҳамӣ фаро гирифта, бештар аз як миллион нафар сарзамини аҷдодии худро тарк намуда, ба иқтисодиёти навташкили мамлакат ҳисороти калон расонида шуд. Дар натиҷаи чунин раванд робитаҳои иқтисодии соҳаҳои истеҳсолӣ канда гардида, сохтори истеҳсолии мамлакат тағйир ёфт ва суръати рушди иқтисоди миллӣ ба маротиб коҳиш пайдо кард. Сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба 82% расида, дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и кишвар ҳиссаи соҳаи саноатӣ 1,4 маротиба, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ 1,3 маротиба поин рафта, дар заминаи инҳо суръати бекории аҳолии қобили меҳнат баланд гардида, муҳоҷирати меҳнатӣ афзоиш ёфт.

Барои аз чунин ҳолат раҳонидани миллати тоҷик он замон абармарде хидматҳои шоиста анҷом доданд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввалин нафаре буданд, ки бо ҳисси баланди ватандӯстӣ барои бунёди давлати тоҷикон корнамоиҳои беназире нишон доданд. Баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ фазои солимеро дар ҷомеа фароҳам оварад, ки он минбаъд барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ замина гузошт.

Албатта, иродаи матин ва садоқати ватандӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иттиҳоди халқи Тоҷикистон буд, ки дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ таъмин гардида, ҳастии миллат ва якпорчагии давлат аз вартаи хатар раҳоӣ ёфт. Ҳамзамон, Сарвари давлат сохтори боэътимоди иқтисоди миллиро тавассути интихоби сиёсати «Дарҳои боз» таъсис дода, маҷрои ҳаёти аҳолии мамлакатро ба самти рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини сатҳу сифати баланди зиндагӣ равона намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди иқтисоди миллӣ ҳадафҳои стратегиеро, аз қабили баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар амалӣ намуда истодааст, то ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар боз ҳам беҳтар шавад.

Албатта, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар дастовардҳо ва комёбиҳои беназир ба даст оварда шавад. Хушбахтона, дастовардҳои замони истиқлол хеле зиёд ҳастанд, ки ин ҷо мехоҳам арзишмандтарин ва муҳимтарини онҳоро номбар намоям:

**1. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва ба узвияти комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудани он;**

**2. Ба ҳайси Сарвари давлат интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хотима додан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ;**

**3. Оғози бунёди давлатдории миллӣ дар даврони муосир ва ташаккул ёфтани мактаби давлатдории миллии Пешвои миллат дар самти эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ;**

**4. Муайян намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар;**

**5. Эҳёи расму оин ва фарҳанги миллии тоҷикон, ба ҳайси забони давлатӣ**

**эътибори воқеӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ, муаррифии мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ, бузургдошти доимии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони баруманди миллат ва таърихи қадимаи миллати тоҷик дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ;**

**6. Ба куллӣ дигаргун сохтани симои пойтахти кишвар, сохтмони нақб, пул ва роҳҳои бузурги автомобилгарду роҳи оҳан дар саросари кишвар ва ба як давлати пешрафта дар ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон;**

**7. Бунёди неругоҳҳои барқии хурду бузург дар кишвар, аз ҷумла, Сангтуда-1, Сангтуда-2, ба кор андохтани ду агрегати НБО-и Роғун ва даҳҳо неругоҳҳои барқи обии дигар;**

**8. Баланд бурдани мақоми занон ва ҷавонон дар ҷомеа, ҷалби онҳо ба идоракунии давлатӣ, афзудани шумораи онҳо дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар корхонаҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва соҳибкории инфиродӣ.**

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илму маориф яке аз масъалаҳои асосӣ буда, Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд ва онро бо дарназардошти имконияти буҷет сол ба сол зиёд карда истодааст. Аз моҳи июли соли 2024, дар баробари дигар соҳаҳо, маоши кормандони соҳаи илму маориф 40 фоиз ва аз моҳи сентябри соли 2025 20 фоизи дигар зиёд карда шуд, ки ин дастгирии бузурги давлатӣ мебошад.

Илова бар ин, дар Паёми навбатӣ (16.12.2025) Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки маоши кормандони ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла, кормандони соҳаи илму маориф аз 20 то 25% зиёд карда шавад.

Рушди иқтисоди миллӣ ва тақвияти рақобатнокии он бе саҳми сармояи инсонӣ ғайриимкон буда, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки **“бо дарназардошти аҳамияти ин масъала, мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем”.** Пас, ҷойгоҳи зиёиёну донишмандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле баланд буда, устодон барои омода намудани шогирдон дар соҳаи ихтирооти илмӣ корҳои зиёдеро низ анҷом медиҳанд.

Албатта, дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлоли давлатӣ зиёд буда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар дахл доранд. Аз ин рӯ, эътимоди комил дорем, ки ин дастовардҳо низ дар саҳифаи китоби таърихи миллати тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт шуда, барои абадӣ сохтани фарҳангу тамаддун, забон ва дигар муқаддасоти миллӣ хидмат хоҳанд кард.

Ҳоло вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мо аз он иборат аст, ки ба қадри ин неъмати худодод, яъне, Истиқлоли давлатӣ бирасем, дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид бошем, баҳри ободонӣ ва сарсабзу хуррам гардонидани ин Ватани азизамон кӯшиш намоем, ҷавононро дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намоем ва нагузорем, ки андешаҳои бегонапарастию ифротгароӣ ба мардуми шарафмандамон, бахусус, наврасону ҷавонон зиёне расонад.

Маҳз аз оилаву муассисаҳои таълимӣ шуруъ намуда, меҳру муҳаббати Ватанро дар дили наврасону ҷавонон бедор намоем ва бо ин амалҳои нек тавонем дар пешрафту шукуфоии кишвари хеш ва таҳкими истиқлол саҳмгузор бошему муаррифи он дар арсаи ҷаҳон гардем.

Бигзор, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваҳдату сулҳи меҳани азизамон ҳазорсолаҳо поянда бошад.

Суҳбаторо Ҷ. САЙФУДДИН,
"Маърифати омӯзгор"

# РАВОНШИНОС ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ: АЗ КӮДАКИСТОН ТО ДОНИШГОҲ



**Дар низоми муосири таълим, ки бо тағйироти иҷтимоӣ ва технологӣ ҳамроҳ аст, рушди устувори шахсият ва солимии равонӣ бевосита ба дастгирии касбии равоншинос вобаста аст. Ҳар зинаи таҳсил хусусияти равонӣ ва иҷтимоии хоси худро дошта, роҳнамоӣ ва машварати мутахассис имконият медиҳад, ки эътимод ба худ, қобилияти идора кардани эҳсосот ва малакаҳои муошират бо муҳити атроф давра ба давра таҳким ёбанд. Дар замони тавсеаи технологияҳои рақамӣ, саҳми равоншинос дар рушди иҷтимоӣ ва психологии наврасон ва ҷавонон аҳаммияти хос дорад. Вобаста ба ин масъала суҳбате оростем бо равоншинос Зарина Рустамова, ки пешниҳоди хонандагони маҷалла месозем.**

**- Тавре медонем, низоми таҳсилот дорои зинаҳои хос мебошад. Дар кадом марҳилаҳои рушди кӯдакону наврасон ва ҷавонон ниёз ба дастгирии равоншиноси касбӣ бештар эҳсос мешавад ва чаро?**

- Марҳилаҳои таҳсил маҷмуи зинаҳои бо ҳам вобаста мебошанд, ки аз давраи томактабӣ оғоз ёфта, то таҳсилоти олӣ идома меёбанд. Ҳар як давраи синнусолӣ хусусиятҳои равонӣ, эҳсосӣ ва иҷтимоии худро дорад ва маҳз ҳамин фарқиятҳо зарурати ҳузури равоншиноси касбиро дар ҷараёни рушди инсон ба миён меоранд. Имрӯз бештар ба ҳолати равонӣ ва рафтори наврасон таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, зеро дар ин марҳила ноустувории эҳсосот, мушкилоти рафторӣ ва ихтилофҳои иҷтимоӣ бештар мушоҳида мегарданд. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки решаи бисёре аз ин мушкилот ба давраҳои қаблӣ, махсусан, ба даврони кӯдакӣ иртибот дорад. Муҳити оилавӣ, муносибати волидон ва фазои хона дар ташаккули шахсият таъсири амиқ мегузоранд. Аз ин рӯ, ниёз ба равоншиноси касбӣ хоси як марҳилаи муайян набуда, дар тамоми ҷараёни рушди донишомӯз аҳаммияти худро нигоҳ медорад.

**- Дар зинаи томактабӣ, ки асосҳои эҳсосот, муошират ва муносибат бо муҳит ташаккул меёбанд, равоншинос бештар бо кадом ҳолатҳо рӯ ба рӯ мешавад?**

- Давраи томактабӣ дар системаи таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдевори асосии инкишофи эмотсионалӣ, иҷтимоӣ ва когнитивии кӯдак аст. Дар давраи томактабӣ асосҳои аввалини эҳсосот, муошират ва муносибат бо муҳит дар кӯдак ташаккул меёбанд ва ин марҳила барои рушди шахсият ва эҷоди заминаи иҷтимоиву психологии устувор хеле муҳим аст. Равоншинос дар ин давра бештар бо мушкилоти рафторӣ ва эмотсионалӣ рӯ ба рӯ мешавад. Кӯдаконе, ки наметавонанд муносибатҳои дуруст бо ҳамсолон ва калонсолон баркарор кунанд, аксар вакт диккат ва хотираашон заиф аст ё бо гиперактивӣ, агрессия ва бӯҳронҳои синнусолӣ рӯбарӯ мешаванд. Ин ҳолатҳо, одатан, решаашон дар муҳити оилавӣ ва тарзи тарбияи кӯдак аст. Вазифаи равоншинос дар ин марҳила ташхис ва дарки ҳолати кӯдак ва ҳамзамон, ба омӯзгорон ва волидон роҳнамоӣ кардан аст, ки чӣ гуна мавқеъ ва муносибати онҳо ба рушди кӯдак таъсир мерасонад. Бо истифода аз мушоҳидаҳои пайваста, суҳбатҳои инфиродӣ ва машқҳои равонӣ, равоншинос роҳҳои рушди қобилиятҳои

иҷтимоӣ ва идораи эҳсосоти кӯдакро муайян намуда, ба таъмини муҳити устувори таълимӣ ва тарбиявӣ мусоидат мекунад. Дар асл, саҳми равоншинос дар зинаи томактабӣ барои таҳкими заминаи солимии равонӣ, ташаккули худшиносӣ ва омодагӣ ба марҳилаҳои минбаъдаи таълим ва зиндагӣ ҳалкунанда аст.

**- Асри нав давраи ба авҷ расидани фанноварӣ мебошад. Ин раванд ба рушди нутқ, таваҷҷуҳ ва муошировти кӯдакони томактабӣ чӣ таъсир мерасонад?**

- Бале, имрӯз кӯдакон аз синни хеле барвақт бо телефон, планшет ва интернет сарукор мегиранд ва ин ба равандҳои асосии рушд, хусусан, ба нутқ, таваҷҷуҳ ва муошировти кӯдакон таъсири назаррас мерасонад. Агар кӯдак вақти зиёдро бо телефон гузаронад ва муошировти зинда бо атрофиён кам шавад, ин метавонад ба номутавозиниҳои эҳсосӣ, заифии диққат ва маҳдудияти нутқ оварда расонад. Масалан, давраи сензитивии рушди нутқи кӯдак дар синни сесолагӣ барои аз худ намудани калимаҳо ва ҷумлаҳои одӣ муҳим аст, аммо истифодаи зиёди фанновариҳо ин марҳиларо халалдор мекунад. Дар чунин ҳолат равоншинос вазифадор аст, ки ҳам кӯдакон ва ҳам волидонро огоҳ созад ва роҳҳои истифодаи муътадил ва таҳсили фаъоли кӯдакро пешниҳод кунад. Мақсад маҳдуд кардани истифодаи технологияҳо нест, балки таълим додани фарҳанги дурусти истифода ва ташаккули қобилияти муошировти зинда мебошад. Равоншинос бо омӯзгорон бояд ҳамкорӣ кунад, то машғулияту бозиҳои интерактивӣ роҳандозӣ шуда, таваҷҷуҳ, нутқ ва иртиботи иҷтимоии кӯдак тақвият ёбад. Бо ин роҳ таъсири манфии технологияҳои иттилоотӣ коҳиш ёфта, кӯдак имкони рушд ва омӯзиши мутавозин пайдо мекунад, ки барои марҳилаҳои ояндаи таҳсил заминаи устувор фароҳам меорад.

**- Оғози таҳсил дар мактаб барои кӯдак марҳилаи ҷиддии мутобиқшавист. Дар ҳамин давраи муҳим равоншинос чӣ гуна метавонад ба кӯдак, омӯзгор ва волидон ҳамзамон ёрӣ расонад?**

- Ин марҳила барои кӯдак ҳассос ва муҳим аст, зеро ӯ бояд аз муҳити шинос ва ороми кӯдакистон (аксар вақт аз муҳити оила) ба муҳити нави мактаб мутобиқ шавад. Дар ин давра ҳам нақш ва роҳнамоии равоншинос бисёр муҳим аст. Робитаи доимии ӯ ба омӯзгорон кумак мерасонад, ки муносибати аввалиндараҷаи дурустро бо кӯдак ба роҳ монанд, муҳити эътимодбахш фароҳам оранд ва хусусиятҳои синнусолии хонандаро ба назар гиранд. Инчунин, маслиҳати равоншинос ба кӯдак ёрӣ мекунад, ки фишорҳои равонӣ ва мутобиқшавии давраи аввали мактаброро гузарад, иртибот бо ҳамсолонро тақвият бахшад ва ба қоидаҳои нави синф мутобиқ шавад. Барои бачаҳое, ки қаблан дар кӯдакистон таълим гирифтаанд, мутобиқшавӣ нисбатан осон аст, аммо барои онҳое, ки то ба мактаб рафтан танҳо дар муҳити оила тарбия гирифтаанд, ин давра каме душвор мегардад. Дар чунин ҳолат талабот ва интизориҳо бояд ба қобилият ва синни кӯдак мувофиқ бошанд, зеро мағзи сар ва эҳсосоти кӯдак мисли калонсолон фаъол нест ва набояд ба ӯ талаботи номувофиқ гузошт. Ин ҳамоҳангӣ байни равоншинос-омӯзгор-волидон фазои солими тарбияро таъмин, мутобиқшавии кӯдакро осон, худшиносию эътимоди ӯро тақвият дода, иртибот бо ҳамсолон ва муҳити навро устувор месозад.

**- Муносибати омӯзгор ва хонанда яке аз унсурҳои асосии муҳити таълим аст. Дар ин раванд ҳамкории равоншинос бо омӯзгор то кадом андоза метавонад ба пешгирии мушкилоти рафторӣ ва эҳсосӣ мусоидат кунад?**

- Ҳамкории равоншинос бо омӯзгорон дар фаҳмидани хусусиятҳои ҳар як хонанда ва бартараф намудани мушкилоти эҳсосии онҳо муҳим аст. Аз таҷриба мегӯям, ки дар ин давраи ҳассос омӯзгор бояд муносибати эътимодбахшро бо хонанда ба роҳ монад, интизориҳои воқеӣ дошта бошад ва тавозун миёни тарбия ва дастгириро ҳифз кунад. Бо машваратҳо ва вохӯриҳои инфиродӣ равоншинос ба омӯзгор мефаҳмонад, ки чӣ гуна таҳаммул, дарки эҳсосот ва эҷоди муҳити эътимодбахш метавонад рафтори манфии хонандаро пешгирӣ кунад. Дар натиҷа, ҳамкории омӯзгор бо равоншинос ба коҳиши мушкилоти рафторӣ, бехтар шудани эътимод ва эҷоди муҳити таълимии самарабахш мусоидат мекунад.

**- Дар кори равоншинос кадом арзишҳо ва меъёрҳои касбӣ бояд меҳварӣ бошанд, то таваҷҷуҳ ба ин касб бештар гардад?**

- Кори равоншинос, асосан, аз эътимод, масъулият ва ахлоқи касбӣ вобаста аст. Ҳар равоншинос бояд барои хонанда, омӯзгор,

волидон ва умуман, ҷомеа ҳамчун шахси боваринок бошад. Арзишҳои асосӣ дар кори равоншинос ҳифзи сиррият, эҳтиром ба шахсияти кӯдаку эҳсосоти ӯ, баробарӣ, беғаразии машваратҳо ва риояи меъёрҳои ахлоқии касбӣ мебошанд. Равоншинос бояд дониши мукаммали илмӣ дошта бошад ва қарорҳои худро бо асосҳои методологӣ қабул намояд. Ба ин роҳ, ҳам хонанда ва ҳам омӯзгору волидон ба машварат ва роҳнамоии равоншинос бовар мекунанд.

**- Давраи наврасӣ марҳилаи тағйироти равонӣ ва шаклгирии мафкураи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи шумо, равоншинос чӣ гуна метавонад ба беҳтар шудани ҳамдигарфаҳмӣ байни наврас, омӯзгор ва волидон мусоидат намояд?**

- Дуруст қайд кардед, давраи наврасӣ, воқеан, марҳилаи пурталотум ва ҳассоси ташаккули шахсият мебошад. Дар ин давра равоншинос бештар бо масъалаҳои рушди худшиносӣ, идоракунии эҳсосот, муносибатҳои байнишахсӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии наврасон машғул мешавад. Фикру андешаи ҳамсолон барои наврасон аҳаммияти калон дошта, дар бисёр маврид таъсири сухани волидон ва калонсолон нисбатан коҳиш меёбад. Дар чунин шароит равоншинос ҳамчун мутахассиси роҳнамо ба омӯзгорон ва волидон ёрӣ мерасонад, то онҳо бо дарназардошти хусусияти синнусолии наврас тарзи муносибат бо ӯро интихоб кунанд. Таъсирнокии ин шакли бархӯрд метавонад ба наврасон омӯзонад, ки чӣ гуна муносибатҳои солим бо ҳамсолон нигоҳ дошта шаванд ва ихтилофҳо ба таври созанда ҳал гарданд.

**- Истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар муҳити мактабӣ то чӣ дараҷа ба рафтор, таҳсил ва ҳолати равонии хонандагон таъсир мерасонад?**

- Имрӯз дастрасӣ ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои хонандагон таъсири калони равониро ба бор меорад. Аксаран ба ҷои фикр кардан ва омӯзиши мустақилона, барои ҷавоб ёфтани саволҳо ва маълумот ба интернет такя мекунанд. Ин метавонад тавҷҷуҳ ба омӯзишро халалдор кунад ва ҳамзамон, муносибатҳои иҷтимоӣ ва иртибот бо ҳамсолонро маҳдуд созад, зеро ҷойи муошират ва ҳамкории зиндаро шабакаҳои иҷтимоӣ гирифтааст. Ман, ҳамчун равоншинос, зарур медонам, ки дастрасӣ ба интернети бемаҳдуд ва шабакаҳои иҷтимоӣ бояд назорат ва танзим карда шавад. Пеш аз ҳама, волидон бояд худ намунаи ибрат бошанд ва ба фарзандон истифодаи дурусти интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва телефонҳои мобилиро омӯзонанд. Бо чунин ҳамоҳангӣ метавон таъсири манфии технологияҳоро ба таҳсил ва ҳолати равонии хонандагон коҳиш дод ва муҳити таълимиро устувор намуд.

**- Боз кадом механизмҳо ва чораҳои пешгирикунанда метавонанд истифодаи ғайримақсадноки телефонро кам карда, идора кардани вақти шахсӣ, диққат ва саломатии равонии хонандагонро таъмин намоянд?**

- Тавре ишора кардем, вобастагӣ ба телефонҳои мобилӣ метавонад тавҷҷуҳ ва диққати хонандаро халалдор кунад. Барои пешгирӣ аз ин ҳолат, аввалин қадам омӯзиши фарҳанги истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Наврасон бояд аз хурдӣ самаранок истифода бурдани вақти худро омӯзанд. Маҳдуд кардани дастрасӣ ба телефонҳои гаронбаҳо барои корҳои ғайримақсаднок ва ҷалби наврасон ба курсҳои омӯзишӣ, забономӯзӣ, барномасозӣ ё кори эҷодӣ низ муҳим аст. Бо ин роҳ метавон вобастагии наврасон ба телефонро кам кард ва муҳити солими равонӣ ва тарбиявиро фароҳам овард.

**- Ҳамкории равоншинос бо волидон дар кадом шаклҳо натиҷаи бештар дода метавонад?**

- Муҳити оила ҳамчун нахустин ва муҳимтарин макони рушди равонии кӯдакону наврасон ва ҷавонон нақши асосӣ дорад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории равоншинос бо волидон дар он ҳолате натиҷа медиҳад, ки ҳар ду ҷониб барои ҳамкории муштарак ва дарки мушкилот омода бошанд.

Аз нигоҳи равоншиносӣ, интизориҳо ва талаботи волидон бояд бо синну сол ва хусусиятҳои психологии фарзанд мутобиқ бошанд. Мутаассифона, имрӯзҳо мушоҳида мегардад, ки волидон барои бартараф намудани рафторҳои манфии фарзандони худ омода нестанд. Баръакс, бо омӯзгорон ва равоншинос ҳамкорӣ накарда, масъулиятро ба дӯши муассисаҳои таълимӣ вогузор менамоянд. Аз ҳамин лиҳоз, таъсири муҳити оила дар ҳама давраи синнусолӣ дар авлавият қарор дорад. Дар маҷмуъ, ҳамкории фаъол, огоҳона ва масъулиятноки равоншинос бо волидон заминаи

солими равонии кӯдак ва ташаккули муҳити устувори таълимиро фароҳам меорад.

**- Дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ, вақте ки ҷавонон ба марҳилаи мустақилият мерасанд, равоншинос бештар бо кадом ҳолатҳои равонии онҳо рӯ ба рӯ мегардад?**

- Дар ин давра ҷавонон ба дунёи нав ворид мешаванд, ки тақвияти худшиносӣ, қабули масъулият ва интихоби роҳи ояндаро фарогир аст. Ҳолатҳои равонии аз ҳама маъмул дар ин марҳилаи ҳаёт руҳафтодагӣ, афсурдагӣ, стресс ва ғурурмандии афзун мебошанд. Сабабҳои асосӣ, одатан, аз он иборатанд, ки интихоби касб ва роҳи зиндагӣ бо хоҳиши шахсӣ ҳамоҳанг нест. Равоншинос дар чунин шароит бо донишҷӯён дар таҳлили қобилиятҳо, шавқу завқ ва имкониятҳои онҳо суҳбат мекунад; ёрӣ медиҳад, ки ҷавонон қарорҳои боасос ва эътимоднок қабул намоянд; роҳҳои идора кардани стресс ва мушкилоти равонии марбут ба интихоби касбро меомӯзонад. Ин амалҳо метавонад барои беҳтар кардани ҳолати равонӣ, рушди мустақилият, худшиносӣ ва эътимод ба имкониятҳои шахсӣ таъсиргузор бошад.

**- Фишорҳои иттилоотӣ, муқоисаи иҷтимоӣ дар шабакаҳо ва вобастагӣ ба телефон ба ҳолати психологии донишҷӯён чӣ таъсир мерасонанд ва аз нигоҳи равоншиносӣ кадом усулҳои идораи ирода ва мақсаднок истифода бурдани манбаъҳои иттилоърасон вуҷуд доранд?**

- Имрӯз истифодаи бемавриди телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба мушкилоти рӯз табдил ёфтааст. Аз нуқтаи назари равоншиносӣ барои идора кардани ин ҳолат ва истифодаи мақсадноки интернет ва телефон донишҷӯён бояд ба таҳсили худ аҳаммияти бештар диҳанд, вақти худро дуруст тақсим кунанд ва истифодаи технологияҳоро бо корҳои таълимву эҷодӣ ҳамоҳанг созанд. Таълими донишҷӯён барои истифодаи мақсадноки манбаъҳои иттилоотӣ ва ҷалби онҳо ба корҳои амалӣ ва эҷодӣ ҳолати равониашонро устувор ва масъулияташонро баланд мегардонад.

**- Барои беҳтар намудани фазои равонии муассисаҳои таълимӣ аз кӯдакистон то донишгоҳ имрӯз бештар ба кадом самтҳо бояд таваҷҷуҳ карда шавад?**

- Аввалан, бояд дар ҳар зинаи таҳсил равоншиносони касбӣ таъмин шаванд. Дуюм, равоншиносон бояд бо маош ва шароити муносиб таъмин бошанд, то кори онҳо бо машварат ва ташхис маҳдуд нашуда, ба таври пурраву касбӣ дастгирии равонӣ анҷом дода тавонанд. Муҳим аст, ки ба равоншинос вазифаҳои ғайрикасбӣ ва фанҳои дигар супурда нашавад, зеро масъулияти асосии онҳо таъмини солимии равонӣ ва рушди шахсият дар муассисаҳо мебошад. Сеюм, равоншинос бояд дорои донишҳои мукаммали илмӣ-касбӣ бошад, на танҳо таҷрибаи ҳаётӣ. Таъйин кардани омӯзгори пуртаҷриба ба ҷои равоншинос наметавонад сифати дастгирии касбиро таъмин намояд. Ин тадбирҳо заминаи муҳити таълимии солим, устувории равонӣ ва рушди малакаҳои ба ҳолати равонӣ рабтдоштаро фароҳам меорад.

**- Ба назари шумо, нақш ва саҳми равоншинос дар баробари зинаҳои таҳсилот боз дар кадом марвид муҳим мебошад ва то кадом андоза метавонад ба шаклгирии тафаккури иҷтимоӣ, ҳолати руҳиву равонии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон таъсир расонад?**

- Мехоҳам қайд намоям, ки зарурати ҳузури равоншинос фаротар аз се зинаи таҳсилот аст. Аммо маҳз саҳми равоншинос дар низоми таҳсилот - аз кӯдакистон то донишгоҳ бисёр муҳим ва таъсиргузор дониста мешавад. Зеро пойдевори ҷомеаи руҳан солим маҳз дар ҳамин зинаҳо гузошта мешавад. Тавре Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: **“Кӯдакону наврасон ояндаи миллат ва пойдевори давлату ҷомеа мебошанд”.** Насли аз нигоҳи психологӣ солим ва дорои тафаккури созанда, бо фикру андешаи сабз ва дар ирода устувор метавонад рушди ҷомеаро таъмин намоянд.

**- Ташаккур барои андешаҳои муҳимму судманд.**

***PS. Шакли видеоии суҳбатро бо Qr-коди зерин метавонед тамошо намоед:***

***Ҳамчунин, навори суҳбатро дар саҳифаҳои интернетии мо дар YouTube, Instagram ва Telegram имкони дидан доред.***

**Файзуллоҷон САФАРОВ,**
**дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонии филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе**



# ИСТИҚЛОЛИ ИТТИЛООТӢ - ОМИЛИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ

Ҳифзи соҳибихтиёрии кишвар дар фазои иттилоотӣ, аз ҷумла, назорати инфрасохтори иттилоотӣ, ҳифзи маълумот ва таъмини амнияти иттилоотӣ, на танҳо ба масъалаҳои амният, балки ба таъмини стратегияи миллӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста буда, дар ин замина аҳаммияти аввалиндараҷаро касб мекунад.

Соҳибихтиёрӣ дар соҳаи иттилооту иртибот барои пешбурди инноватсия ва рушди иқтисоди рақамӣ дар дохили кишвар мусоидат мекунад. Бо таҳияи технологияҳои худӣ ва татбиқи стандартҳои миллӣ кишвар метавонад экосистемаи рақамии худро бунёд намуда, рақобатпазириро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардорад. Илова бар ин, таъмини соҳибихтиёрии иттилоотӣ барои ҳифзи арзишҳои миллӣ дар фазои рақамӣ муҳим аст. Бо таҳияи мундариҷа ва пешбурди забони модарӣ дар интернет ва дастгирии платформаҳои ватанӣ, мо метавонем ҳузури худро дар фазои рақамӣ таҳким бахшида, арзишҳои миллии худро ҳифз намоем. Соҳибихтиёрии иттилоотиву иртиботӣ, як унсури муҳимми амният, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини соҳибихтиёрӣ имкон медиҳад, ки кишвар мустақилияти худро ҳифз карда, дар рушди иқтисоди рақамӣ ҳадафҳои устуворро соҳиб гардад.

Агар кишвар имкони нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооти шаҳрвандон, ташкилоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусиро дар дохили марзи худ надошта бошад, хатари аз даст додани соҳибихтиёрии иттилоотӣ ба миён меояд. Ин метавонад ба таври мустақим ба сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таъсир расонад. Кишварҳое, ки соҳиби инфрасохтори мустақил (маркази Додаҳо, системаи ҷусторӣ, иртиботи иттилооти мустақил) мебошанд, имкони зиёд доранд, ки иқтисоди рақамии худро дар асоси захираҳои дохилӣ рушд диҳанд. Додаҳои миллӣ ҳамчун “сарвати стратегӣ” шинохта мешаванд. Ин дар навбати худ ба рушди рақобатпазирии иқтисод ва пешрафти инноватсияи миллӣ мусоидат мекунад.

Бояд бо ин раванд қонунгузорӣ низ ҳамқадам бошад. Танзими равшан ва устувори ҳуқуқӣ дар бораи ҳифзи маълумот, махфият ва дастрасӣ ба иттилоот, ба шаҳрвандон ва сармоягузорон итминон мебахшад, ки низоми рақамӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ шавад. Дар маҷмуъ, кишваре, ки Додаҳои миллиро ҳамчун сарвати стратегӣ ҳифз ва истифода мебарад, на танҳо соҳибихтиёрии рақамии худро таъмин мекунад, балки рушди иқтисод, афзоиши рақобатпазирӣ ва таҳкими нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меорад. Ин имкон медиҳад, ки кишвар дар муқобили таҳдидҳои рақамӣ мустақил бошад ва иқтидори инноватсионии худро тақвият диҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ иттилоот ва технологияи рақамӣ ба унвони қувваи нави стратегӣ табдил ёфта, ҳар кишвар, агар мустақилона сиёсати иттилоотиашро пеш барад, яъне, ба таҳдидҳо, таҳримҳо тобовар бошад, иттилооташро бе системаҳои иртиботии хориҷӣ идора ва самаранок истифода барад, он “истиқлоли иттилоотӣ” хоҳад дошт.

Ин истилоҳро метавон ба унвони яке аз ҷузъҳои амнияти миллӣ дар шароити замонии иттилоотӣ пазируфт: зеро истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодӣ то ҳадде ба шароити иттилоотӣ вобаста гардидааст. Аз ҷумла, истифодаи **платформаҳои электронӣ (e-governance)**, таҳқиқот дар соҳаи илму техника, технологияҳои **зеҳни сунъӣ (AI)** ва дигар технологияҳо метавонанд бо эътимоду бехатар ба пайдошавии арзиши нав дар иқтисод мусоидат кунанд. **Айни замон, шарт ва зарур аст, ки аз истифодаи зиёди системаҳои хориҷӣ худдорӣ карда, ба рушди системаи мустақили миллӣ таваҷҷуҳ гардад. Дар ин замина, амнияти иттилоотӣ ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ баромад намуда, ҳар гуна халалдоршавӣ дар фазои иттилоотӣ метавонад ба суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонад.**

Бе идоракунии мустақили фазои иттилоотӣ, давлат наметавонад суботи сиёсӣ ва рушди устувори иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, таҳкими инфрасохтори миллӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ дар ин самт вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 1. Навъи пешниҳоди муфид**

| Самт | Хатарҳо | Имкониятҳо | Тавсияҳо |
|---|---|---|---|
| **Амнияти миллӣ** | Вобастагӣ аз хориҷа | Ташкили инфрасохтори миллӣ | Сохтани махзани Додаҳои миллӣ |
| **Иқтисод** | Манфиатҳои ширкатҳои хориҷӣ | Рушди системаи ҷустории миллӣ | Дастгирии молиявӣ ва ҳуқуқӣ |
| **Фарҳанг** | Таъсири фарҳанги беруна | Тақвияти забон ва фарҳанги миллӣ | Платформаҳои миллӣ бо забони давлатӣ/тоҷикӣ |

Бояд қайд намуд, ки омили муҳимми истиқлоли иттилоотӣ дар он мебошад, ки воситаҳои ахбори омма рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳаммияти ҷумҳуриявию байналмилалидоштаро сариваќт, ба таври касбӣ, воқеъбинона ва фаҳмо ба ҷомеа расонанд ва дар ташаккули афкори мусбату солим саҳми муносиб гузоранд. Ҳолати таъсири ҳар гуна иттилооти беасос ва бардурӯғ дар расонаҳои манфиатхоҳ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию ифротгаро ба ҷомеа метавонад камтар гардад. Зеро табиати инсон чунин аст, ки ба иттилои аввал дарёфтнамуда бештар эътимод мекунад. Боварӣ ба иттилооти расонаҳои расмӣ бошад, моҳиятан эътимоду боввариро ба ҳокимияти давлатӣ бештар месозад.

Пӯшида нест, ки айни замон дар ҷаҳони иттилоот манфиатҳои геополитикии ҳар як давлат ин қудрати иқтисодӣ, ҳарбӣ ва рамзикунонӣ (криптография) маҳсуб мешавад. Пас, кишвари моро лозим аст, ки ин масоили мубрамро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, барномаҳои мушаххасро коркарду таҳия намояд. Зеро дар замони ҷангҳои иттилоотӣ ва гибридӣ (омехта) ин ҳадаф барои эмин будан аз ҳамлаҳои беруна хеле муҳим мебошад.

Соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотӣ яке аз унсурҳои асосии Истиқлоли давлатӣ ба шумор меравад. Он қобилияти давлатро барои идора ва ҳифзи фазои иттилоотии худ нишон медиҳад, ки инфрасохтор, шабакаҳои коммуникатсионӣ, низоми ҳуқуқӣ ва имкони ташаккули сиёсати миллӣ дар соҳаи иттилоотро дар бар мегирад. Аз лиҳози назариявӣ соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотӣ аз ҷамъи омилҳои зерин муайян гардидааст:

– **Иқтисодӣ (E) – сатҳи рушди иқтисоди рақамӣ ва дастрасӣ ба технологияҳои миллӣ;**

– **Технологӣ (T) – имкони таҳия ва истифодаи нармафзору сахтафзорҳои миллӣ;**

– **Ҳуқуқӣ (L) – қонунгузорӣ ва меъёрҳои миллӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;**

– **Амниятӣ (S) – ҳифзи шабакаҳо ва муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ;**

**– Ичтимоӣ-маърифатӣ (M) – сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ ва фарҳанги иттилоотӣ.**

Дар шакли амсилаи одӣ ин мафҳумро метавон чунин ифода кард: II=f (E,T,L,S,M), ки дар он:

**1. II – сатҳи истиқлоли иттилоотӣ;**

**2. f – функсияи вобастагии умумӣ аз омилҳо;**

**3. E,T,L,S,M – нишондиҳандаҳои мазкур.**

Барои ҳисоб ё баҳодиҳӣ, формулаи индекси интегралӣ истифода мешавад:

$$II = \frac{w_E \cdot E + w_T \cdot T + w_L \cdot L + w_S \cdot S + w_M \cdot M}{w_E + w_T + w_L + w_S + w_M},$$

ки дар он **wi** вазни аҳаммияти ҳар як омил мебошад. Ин амсила имкон медиҳад, ки сатҳи воқеии соҳибихтиёрӣ дар фазои иттилоотии кишвар чен карда шавад ва нуқтаҳои заъф муайян гарданд. Масалан, агар нишондиҳандаи технологӣ (T) паст бошад, кишвар ба воридот вобаста мешавад, ки ин хатар ба истиқлол аст.

Инфрасохтори миллӣ дар шароити рақамикунонӣ яке аз унсурҳои асосии истиқлоли иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмуи зерсохторҳо, шабакаҳо ва воситаҳои махзани Додаҳо бо системаҳои иртиботӣ мебошад, ки имкони таваллид, интиқол, коркард ва нигоҳдории маълумотро фароҳам меоранд. Зерсохторҳои иттилоотӣ маҷмуи воситаҳо ва хидматрасониҳоест, ки барои дастгирии кори иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ истифода мешаванд. Ба онҳо шабакаҳои мобилӣ ва оптикӣ, низомҳои иттилоотии давлатӣ (реестрҳо, платформаҳои хидматрасониҳои электронӣ), инчунин, шабакаҳои иттилоотии хусусӣ дохил мешаванд.

Дастрасии устувор ва соҳибихтиёрӣ дар интернет омили калидии истиқлоли иттилоотӣ мебошад. Идоракунии сегменти миллии интернет (ccTLD, IP-маҷмуаҳо, IXPs – нуқтаҳои мубодилаи трафик) имкон медиҳад, ки кишвар аз таъсири беруна ҳифз шавад ва гардиши дохилии маълумотро таъмин намояд.

Марказҳои Додаҳо ҷузъи муҳимми инфрасохтори миллӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо имкони нигоҳдорӣ ва коркарди маълумотро дар дохили кишвар таъмин мекунанд. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ (TIA-942, Uptime Institute), марказҳои Додаҳо ба дараҷаҳои Tier I – Tier IV тақсим мешаванд, ки ҳар кадом сатҳи боэътимодии гуногун доранд. Истифодаи марказҳои Додаҳои миллӣ афзалиятҳои зеринро фароҳам меорад:

**1. Ҳифзи маълумоти давлатӣ ва шахсӣ;**

**2. Коҳиши вобастагӣ аз системаҳои хориҷӣ;**

**3. Афзоиши эътимоди истифодабарандагон ба хидматрасониҳои рақамии миллӣ.**

Барои баҳодиҳӣ ба сатҳи инкишофи инфрасохтори миллӣ метавон амсилаи индекси комплексиро истифода бурд. Масалан: INF=αI+βD+γC, ки дар он:

**1. INF – сатҳи инфрасохтори миллӣ;**

**2. I – нишондиҳандаи рушди интернет;**

**3. D – иқтидор ва боэътимодии марказҳои Додаҳо;**

**4. C – сатҳи рушду густариши зерсохторҳои иртиботӣ;**

**5. α,β,γ – коэффитсиентҳои вазнӣ вобаста ба аҳаммияти ҳар як омил.**

Бо истифода аз чунин усул, на танҳо ҳолати кунунии инфрасохтори миллӣ чен карда мешавад, балки имконияти рушди он низ равшан мегарданд.

Таҷрибаи Чин яке аз пуриқтидортарин намунаи таъмини истиқлоли иттилоотӣ ба шумор меравад. Ин кишвар аз солҳои 2000-ум то имрӯз як қатор қонунҳо, моделҳо ва инфрасохтори рақамиро таҳия кардааст, ки намунаи ҷаҳонӣ барои таҳқиқ аст. Ба таври махсус, сиёсати давлатӣ дар самти амнияти киберӣ, ҳифзи маълумот ва идоракунии платформаҳои рақамӣ бо рушди шабакаҳои миллӣ, махзани Додаҳои худӣ ва экосистемаҳои маҳаллии хидматрасониҳо (ҷустуҷӯ ва иртибот, шабакаҳои иҷтимоӣ, тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои рақамӣ) ҳамоҳанг шуда, асоси устувории рақамиро фароҳам овард. Барои таҳияи стратегия ба назар гирифтани як қатор омилҳо муҳимманд.




**Расми 1. (Дар расм калимаи "Паёмрасон")**

### Амсилаи инфрасохтори рақамии мустақил

Технологияҳои иттилоотӣ имрӯз на танҳо воситаи интиқоли маълумот, балки неруи муҳаррики рушди ҷомеа ба ҳисоб меравганд. Онҳо дар ташаккули иқтисоди рақамӣ, таҳкими амнияти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии давлат нақши муайянкунанда доранд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ бояд ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати давлатӣ ва стратегияи миллии рушди рақамӣ баррасӣ гардад.

**Ҷадвали 2. Муқоиса: афзалият ва нуқсонҳо**

| Ҷанба | Афзалият | Нуқсон |
|---|---|---|
| **Амният** | Ҳифзи маълумоти миллӣ ва пешгирӣ аз ҷосусӣ | Надорад |
| **Иқтисод** | Рушди ширкатҳои ватанӣ | Надорад |
| **Иҷтимоӣ** | Эътимоди мардум ба платформаҳои дохилӣ | Надорад |

Ин меъёрҳо барои кишварҳое, ки мехоҳанд, сатҳи истиқлоли иттилоотиро баланд баранд, заминаи амалии «идоракунии боэътимоди иттилоот»-ро фароҳам меоранд.




**Расми 2. Меъмории иртиботи шабакавӣ**

Дар ҷаҳони ба ҳам алоқаманди имрӯза қобилияти рушди системаҳои ҷусторию иртиботӣ бо сомонаҳо ба як маҳорати муҳим табдил ёфтааст.

Зарурати дигари калидӣ тақвият додани мундариҷаи ташаккулдиҳандаи афкори миллист, ки ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам аз ҷиҳати дастрасӣ бояд дар сатҳи баланд қарор гирад. Истеҳсоли маводди таълимӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ ба забони давлатӣ, яъне, тоҷикӣ, на танҳо хувияти миллиро дар фазои рақамӣ ҳифз мекунад, балки ба саводнокии расонаӣ ва ташаккули тафаккури интиқодӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. Зарур аст, ки инфрасохтори рақамии кишвар ба таври доимӣ такмил дода шавад ва барои ҳолатҳои фавқулода омода бошад.

Хулоса, қобилияти давлат барои идоракунии мустақилонаи инфрасохтор, хадамот ва ҷараёнҳои иттилоотӣ дар асоси қонунгузорӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ зарур мебошад. Зеро барои кишварҳои рӯ ба рушд соҳибихтиёрии рақамӣ ҳамчун рукни аслии сиёсат устувории иқтисод, рушди навоварӣ ва адолати иҷтимоиро таъмин мекунад. Расидан ба соҳибихтиёрии рақамӣ саъю кӯшиши зиёдро талаб мекунад ва хушбахтона, дар миёни ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ Тоҷикистон нахустин шуда истиқлоли иттилоотию иртиботии худро тариқи пойгоҳи **Dodaho.tj** таъмин намудааст.

**Сурайё ҲОҶИЕВА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №1,**
**ноҳияи Мастчоҳ, вилояти Суғд**



# НАҚШИ ДАРСИ СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН



Дар шароити имрӯза масъалаи тарбияи кӯдакон ба як вазифаи мураккаб ва пурмасъулият табдил ёфтааст. Хонанда дар мактаб бояд ҳамчун шахсияти солим ва соҳибзавқу эҷодкор тарбия ёбад. Таълим дар зинаи ибтидоӣ бояд ба хусусиятҳои синнусолӣ, равонӣ ва иҷтимоии хонандагон такя намояд. Дар ин марҳала кӯдак бештар ба шаклҳои ғайрианъанавии омӯзиш, аз қабили фаъолияти амалӣ, бозӣ ва таҷрибаи мустақим майл дорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба фанҳое, ки қобилияти муттаҳид сохтани омӯзиш ва тарбияро доранд, яке аз талаботи муҳимми педагогикаи муосир ба шумор меравад.

Мақолаи мазкур ба баррасии яке аз чунин самтҳои муҳимми таълим, яъне, дарси суруд ва мусиқӣ ва таъсири он ба ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Мусиқӣ аз зумраи он падидаҳои фарҳангист, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахс таъсири амику бевосита мерасонад. Дар синфҳои ибтидоӣ, ки марҳалаи асосии ташаккули хонанда ба шумор меравад, нақши ин фан боз ҳам муҳимтар мегардад. Ҳар кӯдаке, ки ба мактаб меравад, бо дунёи пур аз таассурот, эҳсосот, кунҷковӣ ва хаёл ворид мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши дурусти мусиқӣ метавонад ба танзим ва ташаккули равонӣ, зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иҷтимоии ӯ таъсири амиқ гузорад.

Дар марҳалаи ибтидоӣ кӯдак ҷаҳонро бештар бо ҳиссиёт дарк мекунад, на бо тафаккури мантиқӣ. Мусиқӣ ҳамин ҳиссиётро суфта месозад, ба онҳо шакл ва мазмун мебахшад. Кӯдак тавассути оҳангҳо на танҳо зебоиро меомӯзад, балки муносибат ба ҷаҳон, ба дигарон ва ба худро низ мефаҳмад. Масалан, иҷрои сурудҳои кӯдакона ё мардумӣ дар ӯ ҳисси муҳаббат ба Ватан, ба модар, ба табиат, ба дӯстӣ ва меҳрубонӣ пайдо мекунад. Ҳар оҳанг дар зеҳни кӯдак як образ, фикр, хотираи нав ба вуҷуд меорад ва ҳамин тавр, ҷаҳонбинии ӯ тадриҷан васеъ мешавад.

Сурудҳое, ки муҳити солим, муҳаббат,

ҳамдигарфаҳмӣ ва ахлоқи некро тарғиб мекунанд, рафтори кӯдакро низ ба ин принсипҳо наздик месозанд, зеро хондани суруд дар баробари амали овозхонӣ таҷрибаи эҳсосӣ ва маънавӣ низ ҳаст.

Таъсири мусиқӣ ба рушди зеҳнии кӯдакон низ хеле амиқ аст. Омӯхтани оҳанг ва матни суруд, риояи ритм ва такрори пайдарпайи он хотираи кӯдакро фаъол мегардонад. Дар ин синну сол хотираи механикӣ зуд рушд мекунад ва мусиқӣ ин равандро боз ҳам метезонад. Кӯдаке, ки суруд хонданро меомӯзад, қобилияти беҳтар дарк, ёдгирӣ ва мутамарказшавиро нишон медиҳад, зеро иҷрои дурусти суруд диққати устуворро талаб мекунад. Кӯдак бояд ҳамзамон овоз, ритм ва калимаҳоро назорат кунад. Ин бошад, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва омӯзиши минбаъдаи фанҳои дигар заминаи мусоид мегузорад.

Боз як ҷанбаи дигари муҳимми таъсири мусиқӣ ба кӯдакон инкишофи хаёл, андешаи образнок ва эҷодкорӣ аст. Сурудҳо ҷаҳонро на ба таври мантиқӣ, балки ба таври образнок нишон медиҳанд. Масалан, вақте кӯдак дар бораи табиат, борон, парандаҳо ё мавсими баҳор суруд мехонад, ин образҳо дар хаёли ӯ зинда мешаванд. Чунин таҷрибаҳои образнок қобилияти хаёлро фаъол месозанд ва кӯдакро ба фикррониҳои нав ва эҷод ҳидоят мекунанд. Ин паҳлуи мавзуъ дар синфҳои ибтидоӣ бисёр муҳим аст, зеро пойдевори эҷодкорӣ дар зеҳни кӯдак маҳз дар ҳамин давра гузошта мешавад.

Ба ғайр аз таъсири зеҳнӣ ва эҳсосӣ, мусиқӣ ба рушди ҷисмонӣ ва қобилиятҳои психомотории кӯдак низ мусоидат мекунад. Бозиҳои ритмикӣ, ҳаракати мувофиқ ба оҳанг, машқҳои овозбарорӣ ва нафаскашӣ ба ҳамоҳангии ҳаракатҳо кори дурусти шушҳоро таъмин намуда, ба қавӣ гардидани овоз оварда мерасонад. Кӯдаке, ки бо мусиқӣ фаъолона машғул аст, беҳтар нафас мекашад, садо ва забони бурротар дорад ва ҳаракати ҳамоҳанг нишон медиҳад. Ин тамринҳо на танҳо барои дарси мусиқӣ, балки баҳри рушди умумии саломатии кӯдак низ муҳим мебошанд.

Ҷанбаи иҷтимоии таълими мусиқӣ низ хеле назаррас аст. Дарсҳои суруд ва мусиқӣ бештар ба таври гурӯҳӣ баргузор мешаванд, ки ин барои рушди малакаҳои ҳамкорӣ, эҳтиром ба дигарон, масъулият дар назди гурӯҳ ва қоидаҳои интизом мусоидат мекунад. Кӯдак мефаҳмад, ки иҷрои дурусти суруд танҳо бо иштироки фаъолонаи ҳар як узви гурӯҳ имконпазир аст. Ҳамин тавр, дар зеҳни кӯдак масъулият, ҳамоҳангӣ, шунидани дигарон ва кумак ба ҳамсинфон ташаккул меёбад.

Ҳангоме ки дар синф сурудҳои ватандӯстона, мардумӣ ё тарбиявӣ иҷро мешавад, кӯдак ба арзишҳои миллӣ бештар наздик мегардад. Мусиқӣ яке аз роҳҳои муассири бедор кардани эҳсоси ифтихор аз Ватан, эҳтиром ба фарҳанг, рамзҳои давлатӣ ва шахсиятҳои таърихӣ мебошад. Кӯдакон дар ин давра ба ҳама чиз бо эҳсоси тозаи кунҷковӣ менигаранд ва мусиқӣ ин эҳсосро ба сӯйи арзишҳои созанда равона мекунад.

Дарси суруд ва мусиқӣ, ҳамчунин, воситаи муҳимми мутобиқсозии кӯдак ба муҳити мактаб мебошад. Дар синфи якум бисёр кӯдакон ҳанӯз худро озод ҳис намекунанд, вале сурудхонӣ ва бозиҳои мусиқӣ фазои синфро гарм, дӯстона ва боварбахш месозанд. Кӯдак аз тарсҳои аввалия раҳо шуда, ба омӯзгор ва ҳамсинфон бештар наздик мешавад. Маҳз ҳамин сабаб аст, ки педагогҳои таҷрибадор сурудро яке аз беҳтарин воситаҳои мутобиқсозӣ медонанд.

Ҳамин тавр, фанни суруд ва мусиқӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз аҳаммияти вижа бархӯрдор аст. Он муҳити эҳсосӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳоро ташаккул медиҳад. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ агар ба ин фан бо муҳаббат ва маҳорати педагогӣ муносибат кунад, метавонад дар вуҷуди кӯдак қобилияти хондани суруд, завқи зебоипарастӣ, эҳсоси масъулият, меҳру муҳаббат, ҳамкорӣ ва ватандӯстиро тарбия кунад. Суруд барои кӯдак як роҳи шиносоӣ бо дунёи зебоӣ ва арзишҳои инсонӣ мебошад. Аз ин рӯ, таълими суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ бояд ба ҳайси як ҷузъи муҳимми низоми тарбияву таълим ба роҳ монда шавад.

**Азизбек ХОЛМУРОДЗОДА,**
**омӯзгори фанни химияи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ҶАШНИ САДА ДАР ДИДГОҲИ БАЙНИФАННӢ: АЗ АСОТИР ТО ХИМИЯИ МУОСИР

Ҷашни Сада дар таърихи тамаддуни ориёӣ, дар баробари маросими идона, ҳамчун нуқтаи гардиши фикрӣ ва илмии инсон дар шинохти олам ба ҳисоб меравад. Ин ҷашн, ки ба муносибати сад рӯз гузаштан аз оғози фасли тирамоҳ (аз тақвими куҳан) ва панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб мондан то Наврӯз таҷлил мешавад, дар моҳияти худ падидаи «энергия» ва «трансформатсияи модда»-ро таҷассум мекунад. Аз дидгоҳи номаҳои бостонӣ, Сада рамзи кашфи оташ аз ҷониби шоҳ Ҳушанг аст. Ин кашфиёт дар асл нахустин қадами башарият дар роҳи идораи реаксияҳои химиявӣ буд. Агар то он замон инсон танҳо мушоҳидагари табиат бошад, бо кашфи оташ ва баргузории ҷашни Сада, ӯ ба марҳилаи «лабораторияи кушоди табиат» ворид шуд.




Имрӯз, дар асри технологияҳои нано ва химияи квантӣ, мо метавонем ҷашни Садаро аз чанд паҳлуи илмӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем:

- ***Энергетика:*** Сада ҳамчун рамзи табдили энергияи химиявии пайвандҳои органикӣ (ҳезум) ба энергияи гармӣ ва рӯшноӣ (фотонҳо).

- ***Экология ва агрохимия:*** Истифодаи маҳсулоти сӯзиш (хокистар) барои тағйири сохтори химиявии хок ва омодасозии он ба киштукори баҳорӣ.

- ***Термодинамика:*** Раванди суръатбахшии ҳаракати молекулаҳо дар хоки яхбаста ва омода кардани биосфера ба эҳёи нав.

Асоси ҷашни Садаро афрӯхтани гулхани бузург ташкил медиҳад, ки дар илми химия ҳамчун реаксияи занҷиравии оксидшавии босуръат шинохта мешавад. Ин раванд на танҳо сӯхтани одӣ, балки як силсилаи мураккаби табдилоти физикию химиявӣ мебошад, ки энергияи дар бандҳои химиявии растаниҳо захирашударо озод мекунад. Вақте ки ҳезум (биомасса) дар шаби Сада оташ зада мешавад, он аз марҳилаҳои зерини химиявӣ мегузарад:

- ***Дегидрататсия (бухоршавии намӣ):*** Дар ин марҳилаи аввалия, ки дар ҳарорати 100 °C ба амал меояд, энергияи аввалияи оташ барои кандани бандҳои гидрогенӣ ва бухор кардани оби байниҳуҷайравии чӯб сарф мешавад. Ин раванд эндотермӣ аст, яъне, гармиро фурӯ мебарад. То он даме, ки намӣ пурра хориҷ нашавад, ҳарорати ҳезум аз 100 °C боло намеравад ва сӯзиши асосӣ оғоз намегардад.

- ***Пиролизи термохимиявӣ:*** Дар ҳарорати аз 200 °C то 300 °C раванди пиролиз - таҷзияи химиявии моддаҳои органикии мураккаб бидуни иштироки оксиген оғоз мeёбад. Полимерҳои табиӣ, аз ҷумла, селлюлоза $(C_6H_{10}O_5)n$ гемиселлюлоза ва лигнин (пайвасти мураккаби ароматӣ, ки устувории чӯбро таъмин мекунад) ба ҷузъҳои содатар: гази метан ($CH_4$), оксиди карбон (II), метанол ва қатронҳо таҷзия мешаванд. Маҳз ҳамин газҳои дар натиҷаи пиролиз ҳосилшуда «сӯзишвории ҳақиқӣ» мебошанд,

ки дар болои чӯб аланга мезананд.

***- Оксидшавии фаъол (сӯзиши плазмавӣ):*** Ин марҳилаи асосии ҷашни Сада аст, ки дар он реаксияи молекулаҳои газ бо оксигени ҳаво ($O_2$) ба амал меояд. Алангаи оташ дар асл гази қисман ионизатсияшуда ё плазмаи ҳарораташ паст мебошад.

Формулаи умумии химиявии сӯзиши селлюлоза чунин аст:

$$(C_6H_{10}O_5)n+6nCO_2+5nH_2O+\Delta H$$

Дар ин ҷо $\Delta H$ (энталпияи реаксия) нишон медиҳад, ки миқдори зиёди энергия дар шакли гармӣ ва рӯшноӣ хориҷ мешавад.

***- Ташаккули карбони сахт (дуд ва ангишт):*** Агар оксиген кифоя набошад, реаксияи оксидшавии нопурра ба амал меояд, ки боиси ҳосил шудани карбони холис мегардад. Ангиштҳои сурхе, ки дар охири ҷашн боқӣ мемонанд, карбони қариб холис мебошанд, ки хеле суст ва дар ҳарорати баланд оксид мешаванд ва гармиро дар давоми шаб нигоҳ медоранд.




***- Нақши фотонҳо (нурафшонӣ):*** Ранги зарду норинҷии оташи Сада, ки зулмати шабро мешиканад, натиҷаи инкандесенсия (нурафшонии ҳароратӣ) мебошад. Заррачаҳои хурди карбон дар дохили аланга то ҳарорати баланд гарм шуда, фотонҳои рӯшноиро хориҷ мекунанд. Ин падида дар химияи квантӣ ҳамчун гузариши электронҳо байни сатҳҳои энергетикӣ шарҳ дода мешавад.

Ҷашни Садаро метавон як навъ «терапияи гармидиҳӣ» барои замин номид. Ба бовари гузаштагонамон дар ин шаб «нафаси гарм ба замин меравад». Ин раванд аз нигоҳи термодинамика, интиқоли энергия аз манбаи ҳарораташ баланд ба муҳити ҳарораташ паст (хок ва ҳаво) аст. Ҳангоми сӯхтани гулхани Сада, энергияи химиявӣ ба энергияи гармӣ табдил шуда, гармӣ бо се роҳи физикӣ ба муҳит паҳн мешавад:

***1) Нурбарорӣ:*** Мавҷҳои инфрасурх мустақиман сатҳи заминро гарм мекунанд.

***2) Конвексия:*** Ҳавои гармшуда боло меравад ва ҷойи онро ҳавои сарди атроф мегирад, ки боиси гардиши газҳо дар атмосфера мегардад.

***3) Кондуксия:*** Интиқоли гармӣ тавассути тамос аз гулхан ба қабатҳои амиқи хок.

Мувофиқи қонунҳои кинетикаи химиявӣ, суръати ҳама гуна реаксияи химиявӣ аз ҳарорат вобастагии зиёд дорад. Дар хоки яхбастаи зимистон, аксари равандҳои химиявӣ ва биологӣ дар ҳолати «сукун» (стазис) қарор доранд. Бо баланд шудани ҳарорати хок дар натиҷаи афрӯхтани гулханҳои Сада ҳолатҳои зерин ба амал меоянд:

***- Гидролизи молекулаҳо:*** Раванди таҷзияи моддаҳои мураккаби органикӣ ба сода, ки барои ғизои растаниҳо зарур аст, метезад.

***- Қонуни Вант-Гофф:*** Суръати реаксияҳои биохимиявӣ дар хок бо ҳар 10 дараҷа баланд шудани ҳарорат 2 - 4 маротиба меафзояд. Ин маънои онро дорад, ки Сада «соати химиявӣ»-и табиатро тезтар ба кор медарорад.

Яке аз муҳимтарин таъсирҳои термохимиявии Сада ин гузариши фазавии об аз ҳолати сахт (ях) ба ҳолати моеъ аст. Барои об кардани 1 кг ях дар хок 334 кҶ энергия лозим аст. Гулхани Сада ин энергияро таъмин намуда, капиллярҳои хокро боз мекунад. Оби моеъ дар хок ҳамчун ҳалкунандаи универсалии химиявӣ амал карда, интиқоли ионҳои маъданиро (мисли калий ва нитратҳо) ба решаи растаниҳо имконпазир месозад.

Дуди гулхани Сада, ки аз омехтаи газҳо ва заррачаҳои карбон иборат аст, ба атмосфераи маҳаллӣ таъсир мерасонад. Инсонҳо бовар доштанд, ки дуд ҳаворо аз «бадиҳо» тоза мекунад. Аз нигоҳи химия, дар таркиби дуди чӯб миқдори ками пайвастҳои фенолӣ ва кислотаҳои органикии бухоршаванда аст, ки хосияти заифи зиддимикробӣ доранд. Ин боиси коҳиши шумораи спораҳои занбӯруғҳои зараровар дар ҳавои атроф

мегардад. Пас аз хомӯш шудани гулханҳои бошукӯҳи Сада, он чизе, ки дар замин мемонад, на танҳо боқимондаи сӯзиш, балки як маҷмуи мукаммали маъданист. Гузаштагони мо бо пошидани хокистар ба заминҳо раванди агрохимияи кишоварзиро амалӣ мекарданд. Зеро хокистар консентрати унсурҳои минералиест, ки дарахтон дар тули солҳо аз хок ҷамъ ва дар сохтори ҳуҷайравии худ захира кардаанд. Аз ҷумла:

***- Калий (K) - «Танзимгари ҳаёт»:*** Дар хокистар, асосан, дар шакли поташ ё карбонати калий ($K_2CO_3$) мавҷуд аст. Ин намак дар об ба осонӣ ҳал мешавад. Калий фишори осмотикиро дар ҳуҷайраҳои растанӣ танзим мекунад. Ин ба растанӣ имкон медиҳад, ки дар шароити сардии охири зимистон обро дар дохили ҳуҷайраҳо нигоҳ дорад ва аз яхбандӣ ҳифз кунад. Он, инчунин, катализатори тавлиди қанд ва крахмал мебошад.

***- Фосфор (P) - «Аккумулятори энергия»:*** Фосфор дар хокистар дар шакли оксид ($P_2O_5$) ва фосфатҳо вомехӯрад. Ин элемент ҷузъи асосии молекулаи АТФ (аденозинтрифосфат) аст, ки энергияи химиявиро интиқол медиҳад. Бе фосфор тақсими ҳуҷайраҳо ва рушди решаҳои ҷавон дар аввали баҳор ғайриимкон аст.

***- Калсий (Ca) - «Меъмори сохтор»:*** Миқдори калсий дар хокистар аз ҳама зиёд аст (то 30-40% дар шакли ва ). Калсий кислотанокии хокро (pH) танзим мекунад. Хокҳои зимистона аксар вақт турш (кислотагӣ) мешаванд, ки ин барои микроорганизмҳои муфид зараровар аст. Калсий ин турширо нейтрализатсия карда, сохтори хокро дона-дона ва ковок месозад, ки гузариши ҳаво ва обро беҳтар мекунад.

Ҷадвали муқоисавии таркиби маъдании хокистар вобаста аз намуди чӯби дар Сада истифодашуда чунин аст:

| Намуди чӯб | Калсий ($CaO$) % | Калий ($K_2O$) % | Фосфор ($P_2O_2$ ) % | Магний ($MgO$) % |
|---|---|---|---|---|
| **Дарахтони паҳнбарг (сафедор, чормағз)** | 30 - 50 | 10 - 15 | 2 - 4 | 4 - 7 |
| **Дарахтони сӯзанбарг (арча, санавбар)** | 20 - 35 | 5 - 8 | 1 - 2 | 3 - 5 |
| **Буттаҳо ва хошок** | 15 - 25 | 15 - 20 | 3 - 5 | 2 - 4 |

Ба ғайр аз унсурҳои асосӣ, хокистар дорои магний, бор, оҳан ва руҳ мебошад. Ин микроэлементҳо мисли «витаминҳо» барои хок хизмат мекунанд. Масалан, магний ($Mg$) ҷузъи марказии хлорофилл аст ва бидуни он замин сабз намешавад.

Дар давоми фасли зимистон дар қабатҳои хок равандҳои хосе ба амал меоянд, ки боиси паст шудани нишондиҳандаи $pH$ (зиёд шудани туршӣ) мегарданд. Сабаби ин дар рукуди намии зиёд ва суст шудани мубодилаи газҳо мебошад, ки боиси ҷамъ шудани гази карбонат ($CO_2$) ва пайдоиши кислотаи карбонат ($H_2CO_3$) мегардад. Хокистари Сада ҳамчун як реагенти қавии ишқорӣ ин мушкилиро бо чанд роҳ ҳал мекунад:

**а) Нейтрализатсияи мустақим.** Хокистар миқдори зиёди карбонатҳо ва оксидҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ дорад. Вақте карбонати калий ($K_2CO_3$) ба хоки намнок дохил мешавад, ба ионҳо ҷудо шуда, бо ионҳои гидрогении ($H^+$) хок, ки масъули кислотагӣ ҳастанд, вокуниш нишон медиҳад:

$$K_2CO_3 + 2H^+ \rightarrow 2K^+ + H_2O + CO_2 \uparrow$$

Дар ин реаксия ионҳои заҳролуди гидроген ба об табдил ёфта, гази карбонат хориҷ мешавад. Ин раванд боиси «нафаскашӣ»-и хок мегардад.

**б) Нақши калсий дар мувозинати ишқорӣ.** Ба ғайр аз калий, оксиди калсий, ки дар хокистар мавҷуд аст, ҳангоми тамос бо об ба гидроксиди калсий табдил меёбад:

$$CaO + H_2O \rightarrow Ca(OH)_2$$

Ин модда - $Ca(OH)_2$, ки бо номи «оҳаки дамкардашуда ё шукуфта» маъруф аст, яке аз беҳтарин воситаҳо барои нест кардани кислотагии зиёдатии хок ба шумор меравад. Он на танҳо pH-ро ба эътидол меорад (то сатҳи

6,5 – 7,5), балки сохтори физикии хокро низ беҳтар мекунад, яъне, зарраҳои хурди лойро ба ҳам мепайвандад (раванди коагулятсия), ки дар натиҷа хок ковок ва дона-дона мешавад.

**в) Озодшавии унсурҳои басташуда.** Муҳимтарин ҷанбаи химияви *pH* дар он аст, ки дар хокҳои турш бисёр элементҳои муфид (мисли фосфор) дар шакли пайвастҳои ҳалнашаванда «банд» мемонанд ва растанӣ наметавонад онҳоро аз худ кунад. Бо пошидани хокистари Сада ва боло рафтани *pH* фосфор аз пайвастҳои турш озод шуда, ба шакли барои реша дастрас мегузарад. Ҳамчунин, заҳрнокии алюминий ($Al^{3+}$) ва манган ($Mn^{2+}$), ки дар хокҳои турш зиёд мешавад, коҳиш меёбад.

**г) Фаъолсозии микрофлора.** Аксар бактерияҳои фоидаовар, ки нитрогенро аз ҳаво мегиранд, танҳо дар муҳити нейтралӣ ё сусти ишқорӣ фаъолият карда метавонанд. Ҳамин тавр, танзими *pH* тавассути хокистари Сада «заминаи химиявӣ»-ро барои фаъолшавии микроорганизмҳои хок омода мекунад, ки ин қадами аввалин ба сӯйи ҳосили фаровон мебошад.

Дар фарҳанги бостонӣ бовар доштанд, ки дуди оташи Сада ва бӯйи он бемориҳоро дур месозад. Аз нуқтаи назари химияи атмосфера ва биохимия, ин равандро на танҳо як эътиқоду рамз, балки як раванди дезинфексияи аэрозолӣ номидан мумкин аст. Дуди ҳезум ҳангоми сӯхтан дар гулхани Сада омехтаи мураккаби зиёда аз 100 намуди пайвастҳои химиявиро ба вуҷуд меорад. Дар байни онҳо моддаҳое мавҷуданд, ки хосияти қавии зиддимикробӣ доранд. Аз ҷумла:

***- Пайвастҳои фенолӣ (гваякол, крезол):*** ин моддаҳо натиҷаи таҷзияи химиявии лигнин (ҷузъи чӯб) мебошанд. Фенолҳо қобилияти вайрон кардани пардаи сафедаи микроорганизмҳоро доранд, ки боиси нобудшавии бактерияҳо ва занбӯруғҳои дар ҳаво муаллақ мегардад.

***- Алдегидҳо (формалдегид ва фурфурол):*** ин пайвастҳо ҳангоми сӯхтани нопурраи селлюлоза ҳосил мешаванд. Дар консентратсияи кам, онҳо ҳамчун консервантҳои табиӣ ва дезинфекторҳо амал карда, афзоиши микроорганизмҳои зарароварро дар муҳити атроф бозмедоранд.

***- Кислотаҳои органикии бухоршаванда (кислотаи сирко ва мӯрча):*** ин кислотаҳо муҳити pH-и қатраҳои намии ҳаворо тағйир дода, барои зинда мондани бисёр намудҳои вирусҳо ва бактерияҳо шароити номусоид эҷод мекунанд.

Ғайр аз таъсири химиявӣ, дуди оташи Сада таъсири физикӣ низ дорад. Заррачаҳои хурди карбон (сӯза), ки дар дуд мавҷуданд, ҳамчун адсорбентҳои табиӣ амал мекунанд. Заррачаҳои дуд микроорганизмҳои ҳаворо ба худ мекашанд (адсорбсия). Ин зарраҳо вазнин шуда, ба замин мерезанд ва ҳамин тавр, ҳаво аз аэрозолҳои биологӣ тоза мешавад. Ин раванд дар химияи муосир барои тоза кардани газҳо аз наҷосатҳо истифода мешавад.

Ҳарорати баланди аланга дар маркази гулхан (то 800 - 1000 °C) боиси ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои пурқуввати конвексионӣ мегардад. Ҳавои маҳаллӣ аз маркази оташ гузашта, аз нигоҳи термикӣ стерилизатсия мешавад. Ин ба он маъно аст, ки ҳаҷми зиёди ҳаво дар атрофи ҷашнгоҳ аз филтри ҳароратӣ гузашта, аз вирусҳо пок мегардад.

Бӯйи дуди ҳезум ва накҳати гиёҳҳои хушбӯе (мисли ҳазориспанд), ки аксар вақт ба оташи Сада мепартофтанд, дорои эфирҳои мураккаб мебошанд. Ин моддаҳо тавассути ретсепторҳои бӯй ба системаи асаби инсон таъсир расонида, боиси хориҷ шудани эндорфинҳо (гормонҳои шодӣ) мегарданд. Ин таъсири «ароматерапияи химиявӣ» иммунитети инсонро тақвият бахшида, муқовимати баданро ба бемориҳои зимистона зиёд мекунад.

Ҷашни Садаро аз нигоҳи химияи фалсафӣ ва термодинамика метавон ҷашни «Озодшавии энергияи офтоб» номид. Ин ҷашн як намунаи олии исботи Қонуни бақои энергия мебошад: энергия дар табиат гум намешавад, балки аз як шакл ба шакли дигар табдил меёбад. Дар давоми фасли баҳор ва тобистон, дарахтон ва буттаҳо тавассути раванди фотосинтез энергияи равшани офтобро аз худ мекунанд. Дар дохили баргҳо, зери таъсири фотонҳои нур, молекулаҳои оби ($CO_2$) ва гази карбонати ($H_2O$) сода ба молекулаҳои мураккаби органикӣ -

селлюлоза ва крахмал табдил меёбанд.

Маҳз дар ҳамин марҳила энергияи ядроии офтоб дар шакли энергияи пайвастҳои химиявӣ дар дохили чӯб «банд» ё захира мешавад. Чӯб, дар асл, як «батареяи биологӣ» аст, ки қувваи офтобро дар худ нигоҳ медорад.

Дар шаби Сада, вақте ки мо гулхан меафрӯзем, дар асл раванди баръакси фотосинтезро ба амал меорем. Пайвастҳои химиявии мураккаб канда мешаванд ва энергияе, ки моҳҳо пеш аз офтоб гирифта шуда буд, дар як лаҳза ба шакли гармӣ (энергияи кинетикии молекулаҳо) ва рӯшноӣ (энергияи электромагнитӣ) дубора ба табиат бармегардад.

Аз нигоҳи термодинамика, ин раванд чунин тавсиф мешавад: тағйирёбии энталпия (ΔH) – энергияи дохилии сӯзишворӣ (чӯб) нисбат ба маҳсулоти сӯзиш (ва) зиёдтар аст, бинобар ин, энергияи зиёдатӣ ба муҳити атроф хориҷ мешавад.

Дар тафаккури ниёгони мо, оташи Сада идомаи нури офтоб дар рӯйи замин буд. Химияи муосир инро комилан тасдиқ мекунад: фотонҳои рӯшноие, ки мо дар алангаи Сада мебинем, аз нигоҳи физикӣ ҳамон энергияе мебошанд, ки баргҳои дарахтон дар тобистон «шикор» карда буданд. Ин раванд як сикли комилро ба вуҷуд меорад:

**Офтоб**→Энергияи рӯшноӣ;

**Дарахт**→Энергияи химиявӣ (захира);

**Сада**→Энергияи гармӣ ва рӯшноӣ (озодшавӣ);

**Замин ва ҳаво**→Қабули маҳсулоти сӯзиш барои насли нави растаниҳо.

Агар ин сиклро ба тарзи сода нишон диҳем, он чунин менамояд: **Офтоб (фотосинтез)→чӯб (энергияи захиравӣ)→оташ (энергияи фаъол)→замин (нури табиӣ)→ҳаёти нав.**

Ин инфографика исбот мекунад, ки ниёгони мо ба таври фитрӣ Қонуни бақои энергия ва моддаро дарк мекарданд ва онро дар шакли ҷашни Сада ҷовидонӣ сохтаанд.

Маҳсулоти сӯзондашуда дар Сада (гази карбонат ва об) дубора ба атмосфера бармегарданд ва дар баҳори оянда барои фотосинтези нав истифода мешаванд. Хокистари боқимонда бошад, заминро бо минералҳо бой мекунад. Ҳамин тавр, Сада рамзи интиқоли бефосилаи ҳаёт ва модда мебошад. Ин ҷашн ба инсон таълим медиҳад, ки табиат як лабораторияи пӯшидаест, ки дар он ҳеҷ чиз бесабаб нест ва ҳеҷ чиз нест намешавад.

Аз диди илми химия ва биоэнергетика оид ба ҷашни Сада метавон чунин ҷамъбандӣ ва хулосабарорӣ намуд:

**- Сада рамзи гузариш аз захираи энергия ба истифодаи он аст. Ин як реаксияи оксидшавии экзотермӣ мебошад, ки энергияи офтобии дар бандҳои химиявии биомасса (чӯб) «асиршуда»-ро озод карда, ба рӯшноӣ ва гармӣ табдил медиҳад. Ин раванд исботи зиндаи Қонуни бақои энергия аст;**

**- Сада ҳамчун як раванди термохимиявӣ амал карда, «соати биологӣ»-и заминро ба кор медарорад. Тавассути баланд кардани ҳарорати хок ва об кардани яхи капиллярҳо, он кинетикаи реаксияҳои химиявиро дар хок тезтар намуда, заминро барои эҳёи баҳорӣ омода месозад.**

**- истифодаи хокистар ҳамчун маҳсулоти ниҳоии сӯзиш, намунаи олии сикли пӯшидаи моддаҳо мебошад. Хокистар на танҳо нурии бой аз калий, фосфор ва калсий аст, балки як реагенти стратегӣ барои танзими pH-и хок ва дезинфексияи антисептикии атмосфера ба шумор меравад.**

Дар маҷмуъ, ҷашни Сада исбот мекунад, ки тамаддуни мо бар пояи донишҳои амиқи табиатшиносӣ бино шудааст. Ниёгони мо тавассути ин ҷашн ба мо таълим медиҳанд, ки инсон набояд танҳо истеъмолкунандаи неъматҳои табиат бошад, балки бояд қонунҳои табдили моддаву энергияро бидонад ва онҳоро барои нигоҳ доштани мувозинати байни замин, ҳаво ва оташ истифода барад.

Хулоса, Сада бар иловаи як мероси куҳани фарҳангӣ ва асотирӣ будан, ҳамчунин, як мактаби бузурги таҷрибавии инсоният дар шинохти хосиятҳои модда ва энергия мебошад. Сада тантанаи ақли солим, дониши таҷрибавӣ ва эҳтиром ба қонунҳои ҷовидонаи химияи коинот аст, ки дар симои як гулхани муқаддас ҳазорсолаҳо инҷониб роҳи моро равшан мекунад.

**Маликбек ДИЛОВАРОВ,**
**мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим,**
**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**



# СИСТЕМАИ ҲИСОБИ ДАҲӢ ДАР НАВИШТИ АДАДҲО

Омӯзиши илмҳои дақиқ ва риёзӣ дар низоми муосири таълим баҳри ташаккули донишу ҷаҳонбинии хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ба масъалаи омӯзиши фанҳои дақиқ ва риёзӣ диққати махсус дода, тамоми сохторҳои марбутаи ин соҳаро вазифадор намуданд, ки баҳри ҷоннок гардонидани ин масъала чораҳои мушаххас андешанд.

Аз мушоҳидаи озмуну олимпиадаҳо ба хулосае омадем, ки омӯзгорон ба хонандагон дар ҳалли масъалаҳо вобаста ба системаи ҳисоби даҳӣ дар навишти ададҳои бисёррақама кам кор кардаанд. Сабаби пеш омадани масъалаи мазкур дар он аст, ки солҳои охир омӯзгорон ин мавзуъро дар синфи 7 сарфи назар мекунанд. Ҳар гуна адади аз ду рақам иборатбударо (аз 10 то 99 ) дар системаи ҳисоби даҳӣ бо формулаи $\overline{ab} = 10a + b$ ва ҳар гуна адади серақамаро бо формулаи $\overline{abc} = 100a + 10b + c$ ва ғайра, навиштан мумкин аст. Бо ин мақсад, тасмим гирифтам, ки намунае аз чунин масъалаҳоро пешкаши омӯзгорон ва хонандагон намоям.

Дар мақола тарзҳои гуногуни ҳалли мушахасси масъалаҳои намунавӣ бо истифодаи мафҳуми навишти ададҳои дурақама ва серақама аз системаи ҳисоби даҳӣ нишон дода шудааст. Омӯзгорони ҷавон метавонанд мисолу масъалаҳоро ҳамчун раҳнамо истифода баранд.

**Масъалаи 1**. Суммаи рақамҳои адади дурақама аз худи адад 5 маротиба хурд аст. Ин ададро ёбед.

**Ҳал:** $10a + b = 5(a + b)$;

$10a + b = 5a + 5b$; $5a = 4b$; $a = \frac{4b}{5}$ ; $b = 5$ $a = 4$.

Маълум аст, ки $1 \leq a \leq 9$ мешавад. Барои он, ки $a$ адади бутун бошад, $b = 5$ шуда метавонад.

**Ҷавоб: 45**

**Масъалаи 2.** Адади серақама бо 3 тамом мешавад. Агар ин рақамро дар тарафи чап нависем, он гоҳ адади ҳосилшуда аз сечанди адади аввала як воҳид зиёд мешавад. Ин ададро ёбед.

**Ҳал:** $\overline{ab}3$ - адади додашуда. $\overline{3ab} - 3 \cdot \overline{ab3} = 1$ - адади пайдошуда.

$$300 + \overline{ab} - 3(10\overline{ab} + 3) = 1;$$

$$300 + \overline{ab} - 30\,\overline{ab} - 9 = 1; \quad -29\overline{ab} = -290; \quad \overline{ab} = 10. \Leftrightarrow \overline{ab}3 = 103.$$

**Ҷавоб: 103**

**Масъалаи 3.** Суммаи рақамҳои адади дурақама ба 12 баробар аст. Агар ҷойи рақамҳоро иваз кунем, адад 75% зиёд мешавад. Ин ададро ёбед.

**Ҳал:**

$$\begin{cases} a + b = 12; \\ 10b + a - (10a + b) = \frac{3}{4}(10a + b) \end{cases}$$

$$\begin{cases} a = 12 - b \\ 36b - 36a = 30a + 3b; \end{cases}$$

$$\begin{cases} a = 12 - b \\ 33b = 66a; \end{cases}$$

$$b = 2a; \qquad a = 4.$$

$$a = 12 - 2a; \quad b = 8.$$

**Ҷавоб: 48**

**Масъалаи 4.** Адади серақама бо 9 сар мешавад. Агар онро дар охир нависем, ададе ҳосил мешавад, ки аз адади аввала 216 воҳид хурд аст. Адади авваларо ёбед.

**Ҳал:**

$9\overline{bc}$-адади аввала $\overline{bc}9$-адади ҳосилшуда.$9\overline{bc} - \overline{bc}9 = 216;$

$$900 + \overline{bc} - (10\,\overline{bc} + 9) = 216$$

$$-9\overline{bc} = -675$$

$$\overline{bc} = 75. \Leftrightarrow 9\,\overline{bc} = 975.$$

**Ҷавоб : 975**

**Масъалаи 5.** Суммаи рақамҳои адади дурақама ба 7 баробар аст. Агар ҳар як рақами ададро ду воҳид зиёд кунем, ададе ҳосил мешавад, ки аз дучанди адади аввала се воҳид кам аст. Ин ададро ёбед.

**Ҳал:** $10a + b$ - адади дурақама;

$a + b = 7$ - суммаи рақамҳои адади аввала;

$a + b = 11 -$ суммаи рақамҳои адади ҳосилшуда;

$2(10a + b) - (10(a + 2) + b + 2) = 3;$

$20a + 2b - 10a - b = 25; 10a + b = 25.$

$a = \dfrac{25 - b}{10}$

$$b = 5; a = 2$$

**Ҷавоб: 25**

**Масъалаи 6.** Ҳосили зарби рақамҳои адади дурақама аз худи адад 3 маротиба хурд аст. Агар ба ин адад 18-ро ҷамъ кунем, ададе ҳосил мешавад, ки аз ҳамон рақамҳо, вале тартиби навиштаашон баръакс ҳосил мешавад. Ин ададро ёбед.

**Ҳал:** $10a + b -$ адади дурақама. $\begin{cases} 10a + b = 3 \cdot a \cdot b \\ 10a + b + 18 = 10b + a \end{cases} \Leftrightarrow \begin{cases} 10a + b = 3ab \\ 9a - 9b = -18 \end{cases} \Leftrightarrow$

$a - b = -2; \quad a = b - 2;$

$10(b - 2) + b = 3b(b - 2);$

$10b - 20 + b = 3b^2 - 6b;$

$3b^2 - 17b + 20 = 0;$

$D = 49 \Leftrightarrow b = 4;$

$a = b - 2 = 4 - 2 = 2.$

**Ҷавоб: 24**

**Масъалаи 7.** Оё адади дурақама ба дучанди ҳосили зарби рақамҳояш баробар мешавад?

**Ҳал:** $10a + b = 2 \cdot a \cdot bb = 2 \cdot a \cdot b - 10a; b = 2a\,(b-5);\;\; a = \frac{b}{2(b-5)}$ ;

Маълум аст, ки $1 \le a \le 9 \quad 5 \le b \le 9 a \in N; \quad b \in N.$

Агар $b = 6; a = 3.$

**Ҷавоб: 36**

**Масъалаи 8.** Ду адади дурақамае дода шудааст, ки танҳо бо тартиби навиштани рақамҳояш аз ҳам фарқ мекунанд. Агар адади калонро ба адади хурд тақсим кунем, натиҷа ба 1,75 баробар мешавад. Ҳосили зарби адади калон ба рақами даҳиҳояш назар ба адади хурд 3,5 маротиба зиёд аст. Ин ададҳоро ёбед.

**Ҳал:** $(10a + b) -$ адади хурд; $(10b + a) -$ адади калон.

$$\begin{cases} \dfrac{10b + a}{10a + b} = 1{,}75 \\ (10b + a) \cdot b = 3{,}5(10a + b) \end{cases} \Leftrightarrow \begin{cases} 10b + a = 1{,}75(10a + b); \\ 10a + b = \dfrac{3{,}5(10a + b)}{b}; \end{cases}$$

$1{,}75\,(10a + b) = \frac{3{,}5(10a+b)}{b};$

$$b(10a + b) - 2(10a + b) = 0;$$

$$(10a + b)(b - 2) = 0;$$

**1)** $10a \ne -b.$

**2)** $b - 2 = 0; \quad b = 2.$

$20 + a = 1{,}75(10a + 2)$; -16,5 $a = -16{,}5; a = 1.$

**Ҷавоб: 21;12**

**Масъалаи 9.** Суммаи ду адад ба 957 баробар аст. Яке аз онҳо бо сифр ба охир мерасад. Агар ҳамин сифрро хат занем, адади дуюм пайдо мешавад. Ин ададҳоро ёбед.

**Ҳал:** Маълум аст, ки адади калон серақама $\overline{abc}$ ва адади хурд дурақама $\overline{ab}$

$c = 0$;.

$(100\,a + 10b) + (10a + b) = 957;$

$(10\,a + b)$ ё $\overline{ab}$

$110\,a + 11b = 957;$

$10\,a + b = 87; \overline{ab} = 87. \overline{abc} = 870.$

**Ҷавоб: 87 ва 870**

**Масъалаи 10.** Дар соли 2021 синни Лола ба суммаи рақамҳои соли таваллудаш баробар шуд. Лола кадом сол таваллуд шудааст?

**Ҳал:** $2000 + 10x + y + 2 + x + y = 2021;$

$11x + 2y = 19;$ .

$x = \frac{19-2y}{11}$ Барои он, ки $\boldsymbol{x}$ адади бутун бошад, бояд $\boldsymbol{y}$ 4 бошад. Ҳамин тавр, $\boldsymbol{y} =$ 4. $x = 1.$

**Ҷавоб:** соли 2014

Хуллас, ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои навишти ададҳо дар системаи ҳисоби даҳӣ, хонандагон дониш, маҳорату малакаҳои татбиқ карда тавонистани тамоми табдилдиҳиҳои айниятии алгебравиро дар навишти ададҳои бисёррақама ҳосил карда метавонанд.

**Ҳабиба СОҲИБЗОДА,**
**муовини директори Литсейи хонандагони қобилиятноку соҳибистеъдоди ба номи Темур Собиров, шаҳри Ваҳдат**



# КАСБИ МАН - ИФТИХОРИ МАН

Дарсҳои намунавӣ муҳимтарин мавод ҷиҳати интиқоли таҷрибаи пешқадам дар самти таълиму тарбия буда, барои омӯзгорони ҷавон василаи омӯзиш ва касби таҷриба мебошанд. Дар ин нигошта як намунаи дарси тарбиявӣ дар мавзуи **“Касби ман – ифтихори ман”** пешниҳоди омӯзгорон ва хонандагони маҷалла мешавад.

**Мақсад:** Тарбияи меҳнатӣ ва тарзи дурусти интихоби касб, омӯзиши малакаҳои ҳаётан муҳим, ташаккули шахсияти инсон, қобилияти ақливу ҷисмонӣ ва пешгирии омилҳои номатлуб.

**Вазифа:** Муайян намудани қобилият, истеъдод ва маҳорати касбӣ, тафовути касб ва ҳунар, дарки арзишмандии касбу ҳунар дар зиндагӣ ва иқтисодиёт.

**Салоҳиятҳо:** Вобаста ба гуногунзеҳнии хонандагон муайян намудани салоҳиятҳо - мубоҳисавӣ, интиқодӣ ва коммуникативӣ.

**Қоидаҳои тиллоӣ:** Риояи вақт, одоби муошират, хайрхоҳ ва фаъол будан.

**Нақшаи кор:**

1. Андешаи ниёгон ва фаҳмиши муосир дар бораи касбу ҳунар;
2. Муайян намудани қобилияти ақлониву ҷисмонӣ, истеъдод, тафаккур ва маҳорати касбӣ, арзишҳои муҳимми ҳаётӣ;
3. Муайян кардани унсурҳои таркибии маҳорати касбӣ;
4. Ташаккули хулқу атвори нек дар ҷараёни интихоби бошууронаи касбу ҳунар;
5. Хулоса аз мавзуъ ва ҷамъбасти дарс.

**Раванди дарс:**

**1. Андешаи ниёгон ва фаҳмиши муосир доир ба касбу ҳунар**

Интихоби касб бояд дар шахс бо як фикри дурандешонаву ҷиддӣ ва таҳаммулпазирӣ пайдо гардад, зеро барои омӯхтану соҳибкасб гаштан машаққати зиёд пеш меояд. Барои омӯхтан ва соҳибкасб гардидан ҳамаи он мушкилиҳоро сабурона паси сар кардан зарур аст. Шахсони бетаҳаммул наметавонанд соҳибкасб гарданд. Сабуксарон дар интихоби касб азият мекашанд, зеро ба машаққати омӯзиши он тоб оварда наметавонанд.

**Бе дарду ранҷ ганҷ муяссар**
**намешавад,**
**Музд он гирифт, ҷони бародар, ки**
**кор кард.**

Аммо шахси ботаҳаммул аз ҳеҷ гуна душворӣ наҳаросида, бо қатъият пешаи худро интихоб менамояд, касбу ҳунар меомӯзад ва бо меҳнати софдилона дар касби интихобнамуда хушбахт мегардад. Ниёгони мо фармудаанд, ки касбу меҳнат инсонро аз беморӣ, фақирӣ ва эҳтиёҷмандӣ мераҳонад. Бар замми ин, пешаи дурусту пурмаҳсул, ба қавли Саъдӣ, чун “давлати поянда” ва “чашмаи зоянда” ба шахс иззату ба ҷамъият ободӣ меоварад.

**Кор дар гурӯҳҳо:**

**Гурӯҳи 1. Тафовути касб аз ҳунар тавассути диаграммаи Венн:**




**Гурӯҳи 2. Ҳангоми интихоби касбу ҳунар чиро бояд ба эътибор гирифт?**




**Гурӯҳи 3. Мавҷудияти мушкилот дар касбу ҳунари интихобнамуда ва роҳҳои бартараф намудани он. Дарахти мушкилот.**




**2. Муайян намудани қобилияти ақлию ҷисмонӣ, истеъдод, тафаккур ва маҳорати касбӣ, арзишҳои муҳимми ҳаётӣ**

Ҷавоне дар бораи касбиояндаи худ пайваста фикр мекард. Боре дар соҳили дарё гашту гузор менамуд, ки ногоҳ бо хирадманди солхӯрдае вохӯрд ва пирамард пурсид:

- Ҷавони хуб, туро чӣ ба ташвиш меорад?

- Фаҳмида наметавонам, ки кадом касбро интихоб намоям, то аз ҳама муҳим ва муфид бошад, - ҷавоб дод ҷавон.

- Ин хеле одӣ ва дар айни замон мураккаб аст, - гуфт пирамард. Ӯ аз замин кӯзаи худро бардошта, бо сангҳои ба андозаи мушт пур кардан гирифт. Баъд аз ҷавон пурсид:

- Ин кӯза пур шуд?

- Бале, - гуфт ҷавон.

Пирамард хомӯшона як каф сангчаро гирифта, ба кӯза андохт ва оҳиста таккон дод. Сангчаҳо холигоҳи байни сангҳои калонро пур карданд. Ӯ табассум карду пурсид:

- Акнун кӯза пур шуд?

Ҷавон қаноатмандона сар ҷунбонд. Он вақт пирамард муште рег гирифта, ба кӯза рехт, рег ҷойҳои холимондаи кӯзаро пур кард.

- Ана ҷавоби саволи ту, - гуфт пирамард. Сангҳои калон нишонаи муҳимми унсури интихоби бошууронаи касб аст, ки ба саломатӣ ва камолоти маънавӣ таъсири муфид мерасонад. Сангчаҳои хурд ҳам унсури касб, ки ба таъминоти моддӣ ва ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат менамояд. Вале рег, ин тақлиди ногоҳона, бидуни ба инобат гирифтани қобилият, хоҳиш ва муҳиммияти касб мебошад ва он оқибати ногувор дорад.

Баъзан ҷавонон ҳангоми интихоби касб ба иштибоҳ роҳ дода, ба кӯза аввал "рег" мерезанд, ки ба "сангҳои калон" ҷо намемонад.

**Панд:** Оқил бошед, касбро бошуурона интихоб кунед!

**Супориш дар гурӯҳҳо:**

**Гурӯҳи 1.** Нақшаи касби худро дар шакли зерин тарҳрезӣ намоед:

- "Меҳоҳам" - ба ман писанд аст, ба ин касб майлу рағбат ва хоҳиш дорам.

- "Метавонам" - ба ин касб донишу қобилият дорам ва онро такмил дода метавонам, вазъи саломатиям барои расидан ба ҳадафҳои меҳнатӣ имкон медиҳад, аз мушкилоти он намеҳаросам.

- "Лозим ва муфид аст" - бозори меҳнат ба касби интихобнамудаи ман эҳтиёҷ дорад ва ман ҷойи кор пайдо карда метавонам.

**Гурӯҳи 2.** Таҷассуми касбу ҳунари интихобнамуда дар "театри тасвирӣ" (саҳнаи хурд).

**Гурӯҳи 3.** Роҳҳои расидан ба мақсад дар интихоби касб. (Дар куҷо бояд таҳсил намуд, чиро бояд омӯхт, такмили маҳорати касбӣ - суҳбат бо мутахассисон, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра).

**3. Муайян намудани унсурҳои таркибии маҳорати касбӣ**

**Анкета бо таснифи Е.А.Климов**

I. - Шумо дар табиат ва бо ҳайвонот кор карданро меписандед? Инсон - табиат. (Инҳо ба касбҳои зерин тамоюл доранд: духтури ҳайвонот, занбӯрпарварӣ, эколог ва ғайра).

- Шумо бо технология ва воситаҳои техникӣ кор карданро меписандед? Инсон - технология. (Инҳо ба касбҳои зерин тамоюл доранд: ҳавонавард, челонгари барқ, радиотехник, барномаҳои компютерӣ).

- Шумо бо одам ё образ кор карданро меписандед? Инсон бо инсон. (Инҳо ба касбҳои зерин тамоюл доранд: муаллим, табиб, равоншинос, рӯзноманигор). Инсон - образ (рассом, шоир, дизайнер, актёр).

II. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Шаби Соли нав барои шумо вақти хубест -

**A. Барои хобидан;**

**B. Барои тамошои телевизор дар оила;**

**C. Дар доираи дӯстон.**

2. Тухфаи писандидаи шумо -

**A. Китоб;**

**B. Компютер;**

**C. Чипта барои тамошои театр ё сафар.**

3. Саёҳат кардан хуб аст -

**A. Худам ба танҳоӣ;**

**B. Бо оила ва дӯстонам;**

**C. Бо гурӯҳе барои ошноӣ пайдо намудан.**

4. Вақте ки шумо дар ҷазира ва ё дар ҷангал танҳо ҳастед, пас, -

**A. Ман худро комилан озод ҳис мекунам;**

**B. Ман роҳи баромад ва илоҷи корро меҷӯям;**

**C. Ман худро танҳо ҳис мекунам ва метарсам.**

5. Вақти холии ман мегузарад бо -

**A. Китобхонӣ, шоҳмотбозӣ, орзу кардан, моҳидорӣ;**

**B. Расмкашӣ, навохтани мусиқӣ, дӯзандагӣ, сайру гашт, гуфтугӯ бо телефон;**

**C. Варзиш, ракс, бозӣ кардан дар гурӯҳ, сафар бо дӯстон.**

**Арзёбӣ:** Ҷавоби А: 1 хол, В: 2 хол, С: 3 хол

- Аз 5 то 8 хол тавсия дода мешавад, ки дар бораи касби интихобкардаатон фикр намоед. Зеро барои касбҳои дорои муошират: омӯзгор, духтур, рӯзноманигор мувофиқ нестед. Барои кор дар табиат барномасоз, иқтисодчӣ мувофиқат менамояд.

- Аз 8 то 12 хол аз танҳоӣ ё шиносҳои нав намеҳаросед, дар интихоби касб маҳдудият нест.

- Аз 12 то 15 хол. Бори дигар дар бораи интихоби касб фикр кунед. Зеро метавонед зуд муошират намоед, манбаи бузурги қувва ва малакаҳои роҳбарӣ доред. Дар бораи касбҳои менеҷер, таблиғгар, директори тиҷоратӣ, омӯзгор, тренер ва дигар касбҳо фикр намоед.

III. Ҳангоми интихоби касб ба омилҳои зерин эътибор медиҳед?

- Шуморо чӣ водор намуд?
- Аз уҳдаи омӯзиши ин касб мебароед?
- Барои касби интихобгардида вазъи саломатӣ мувофиқат менамояд?
- Шароити меҳнатии касби интихобнамуда ба шумо писанд аст?
- Барои омӯзиши касби интихобнамуда вақти кофӣ ва вазъи молиявӣ мусоид аст?
- Бо касби интихобнамуда ҷойи кор пайдо карда метавонед ва маоши он дар зиндагӣ кифоят менамояд?
- Бо касби интихобнамуда дар ҷомеа нуфуз пайдо карда метавонед ва он ояндаи нек дорад?
- Касби интихобнамуда ба ҷинсияти шумо мувофиқ ва алоқаманд аст?
- Касби интихобнамуда чӣ зарар дорад?

**4. Ташаккули хулқу атвори нек дар ҷараёни интихоби бошууронаи касбу ҳунар**

**Супориш ба гурӯҳҳо:**

1. Фарз намоед, ки бо интихоби бошууронаи касб дар зери нури офтоби пурасрор қарор доред ва он кадом хислатҳои арзанда ва ҳамидаи инсониро дар шумо такмил медиҳад. Дар нурҳои офтоб онро нависед:




2. Тасаввур кунед, ки дар зери сояи худ қарор доред ва интихоби бошууронаи касб кадом хислатҳои манфии шуморо рафъ менамояд. Хислатҳои манфии худро нависед:




**5. Хулоса аз мавзуъ**

**Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,**
**Меҳри онро дар дилаш андохтанд.**

Интихоби нодурусти касб, ноогоҳӣ аз навъҳои касб, касби маҷбуран таҳвилгардида, ки дар он қобилият ва имконияти зеҳнӣ ба инобат гирифта намешавад, боиси қонеъ нагардидан аз касби худ гардида, инсонро ба бемориҳои ҷисмониву равонӣ гирифтор мекунад. Ба ҷомеа низ зарар мерасонад. Зеро агар шахс ба касбаш меҳру рағбат надошта бошад, ҳунукназарӣ намуда, безавқ фаъолият менамояд, ки дар ин сурат меҳнати ӯ самараи дилхоҳ намедиҳад.

Интихоби пешаи дуруст тамоми умр ба инсон рӯзгори осоишта, сурур ва хонаи обод меорад. Шахси соҳибкасбу ҳунарманд дарахти босамареро мемонад, ки меваҳои болаззату хурданибоб ҳосил дорад.

Шахси ҳунарманд аз донае хирман, аз гуле гулзор, аз риштае нақшу нигор ҳосил менамояд, ки эъҷози ҳунари ӯ нигоҳи бинандаро тасхир месозад. Ифтихори бузург танҳо аз ҳунари воло ва касби пуршараф ба даст меояд. Интихоби дурусти касб аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тамоми умр инсонро раҳнамун мегардад.

**Ҷамъбасти дарс бо арзёбии фаъолияти хонандагон ва диаграммаи МДО:**

| **Дар бораи интихоби бошууронаи касб чиро** | | |
|---|---|---|
| **Медонем?** | **Донистан мехоҳем?** | **Омӯхтем?** |
| | | |

**Эзоҳ:** Ду хонаи аввал дар оғози дарс ва хонаи охирон дар анҷоми дарс пур карда мешавад.

БИОЛОГИЯ

**Ҷавонмеҳр ИСМАТОВ,**
**омӯзгори кафедраи фанҳои тахассусии Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент, вилояти Суғд**



# ВИТАМИНИ А ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

Витаминҳои гурӯҳи А ҳосилаҳои каротин буда, монанди каротин дар об ҳал намешаванд. Онҳо танҳо дар равғанҳо ва ҳалкунандаҳои равғанӣ ҳал мешаванд. Ин витаминҳо бештар дар бофтаҳои ҳайвонот ва маҳсулоти ҳайвонӣ вохӯрда, дар онҳо ҳосил мешаванд. Дар шири гов, хусусан, дар фасли тобистон миқдори ин витаминҳо зиёд аст.




Бояд зикр кард, ки витаминҳои гурӯҳи А дар растаниҳо низ фаровонанд. Витаминҳои гурӯҳи А аз каротиноидҳо, ки дар растаниҳо васеъ паҳн шудаанд, ҳосил мешаванд. Алоқаи зичи байни каротин ва витаминҳои гурӯҳи А тавассути таҷрибаҳо дар ҳайвонот, инчунин, дар натиҷаи тадқиқ намудани сохтори химиявии онҳо маълум карда шуд. Муқаррар гардид, ки витамини А дар организми ҳайвонот аз каротин бо таъсири ферментҳои махсус ҳосил мешавад. Ин далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки каротин ҳамчун провитамини А мебошад. Аз ҳамин сабаб, саноати витаминсозӣ барои ғанӣ гардонидани маҳсулоти гуногуни хӯрокӣ доруҳои тозаи каротин тайёр мекунад.

Гурӯҳи каротиноидҳо қариб 65-70 пигментҳои табииро муттаҳид менамоянд. Каротиноидҳо (ғайр аз баъзе занбӯруғҳо) дар бисёр растаниҳо ва эҳтимол дар организми ҳамаи ҳайвонот мавҷуд аст, вале консентратсияи онҳо қариб ҳама вақт хеле паст мебошад. Миқдори каротиноидҳо дар баргҳои сабз тақрибан 0,07-0,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар баъзе маврид консентратсияи хеле баланди каротиноидҳо мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар гардонҳои бисёр намудҳои савсан миқдори хеле зиёди лотеин ва каротиноид мавҷуданд, ки антероксантин номида шудааст. Яке аз хусусиятҳои каротиноидҳо дар онҳо мавҷуд будани миқдори зиёди бандҳои дучандаи бо ҳам алоқаманд мебошад, ки онҳоро гурӯҳҳои хроморфӣ ба вуҷуд меоранд ва хосияти рангдиҳӣ аз онҳо вобаста мебошанд. Ҳамаи каротиноидҳои табииро ҳамчун ҳосилаи ликопин, яъне, каротиноиде, ки дар помидор, инчунин, дар баъзе буттамеваҳо ва меваҳо мавҷуд аст, ҳисобидан мумкин аст. Қисмҳои сабзи растаниҳо аз каротиноидҳо хеле бой мебошанд. Манбаи бойтарини витаминҳои гурӯҳи А равғани моҳӣ ва хусусан, равғане, ки дар ҷигари баъзе моҳиҳо ва ҳайвоноти баҳрӣ: наҳанг, равғанмоҳӣ, палтус, кит ва ғайра, мавҷуд аст, ба шумор меравад.

### Аҳаммияти витамини А дар организм

Миқдори витамини А дар маҳсулоти ғизоӣ бо воҳиди байналмилалӣ ифода карда мешавад. Ҳамин гуна як воҳиди витамини А 0,6 микрограмм (мкг)-и каротини холис (провитамини А)-ро ташкил менамояд. Манбаи бештари муҳимми витамини А дар хӯроки одам дар кабудиҳо, (қоқу, испанок, пиёзи сабз ва ғайра) сабзӣ, помидор, инчунин, равғани маска ва зардии тухм мавҷуданд. Дар фасли зимистон шир, равғани маска ва тухм нисбат ба фасли тобистон миқдори хеле ками витамини А доранд. Ин ҳодиса аз он шаҳодат медиҳад,

ки дар хӯрокҳои сабз миқдори зиёди каротин мавҷуд аст. Витамини А дар намуди холис, ҳангоми оксидшавӣ ва барқароршавӣ, хусусан, дар вақти гармкунӣ зуд вайрон мешавад.

Бар хилофи каротиноидҳо витамини А-и холис кристаллҳои зарду камранги сӯзаншаклро ҳосил мекунад, ки дар об ҳалшаванда буда, дар равған ва ҳалкунандаҳои равғанӣ нағз ҳал мешавад. Вай хеле ноустувор аст, дар ҳаво ҳангоми таъсири рӯшноӣ ба осонӣ оксид мешавад. Дар муҳити беоксиген аксерофтол (номи қадимаи витамини А) дар гармӣ устувор буда, дар ин маврид фаъолияти он паст намешавад. Норасоии аксерофтол дар хӯрок ба касалии вазнини тамоми организм сабаб мешавад, ки он дар суст шудани раванди мубодилаи моддаҳо зоҳир мегардад. Дар ин маврид сабзиш қатъ гардида, вазни бадан кам мешавад ва беқувватии умумӣ мушоҳида мегардад. Дар заминаи паст шудани мубодилаи моддаҳо дар бофтаҳои гуногун равандҳои патологӣ вусъат меёбад, аз ҷумла, хушкшавии бофтаҳои эпителӣ, сустшавии ғадудҳои ашковар сар мезанад, ки он сабабгори ксерофофталмия (як навъи бемории чашм) мешавад. Дар мавриди вазнини авитаминоз нармшавӣ ва некрози (нобудшавии бофтаҳои) қарнияи чашм – кератомалятсия (як навъи бемории чашм) ба вуҷуд меояд, ки минбаъд ба гум шудани биниш оварда мерасонад. Инчунин, авитаминоз, яъне, норасоии витамин дар дохили системаи асаб низ инъикос меёбад – координатсияи (ҳамоҳангсозӣ) мушакҳо вайрон шуда, функсияи ғадуди сипаршакл суст мешавад.

Витамини А ба таркиби қисми биноии чашм - пурпур (родопсин) дохил мешавад. Пурпури биниш (биноӣ) – родопсин – аз сафедаи опсин ва ретинен, ки шакли оксидшудаи витамини А мебошад, иборат аст. Дар натиҷаи нарасидани витамини А опсин вайрон шуда, синтези пурпур суст мешавад, ки он ба касалии шабкӯрӣ оварда мерасонад (яъне, дар ин маврид ҳангоми аз равшанӣ ба торикӣ гузаштан биниши чашм суст мешавад). Агар пӯсти бадан хушку шахшӯл шуда бошад ва ҳангоми аз ҷойи равшан ба ҷойи ториктар гузаштан, ашёҳои лозимиро аз ҳамдигар фарқ карда натавонад (яъне, дар торикӣ дуруст намебинад), пас, дар ӯ витамини А намерасад. Дар ҳолати тул кашидани норасоии витамини А чашмҳо ва пешгоҳи ком варам мекунад, илтиҳоби шуш, меъда, рӯдаҳо, роҳҳои пешобгузар шуруъ шуда, инчунин, ҷигар низ иллат пайдо мекунад.

Бо мақсади муолиҷа кардани шабкӯрӣ дар давоми 10-14 рӯз 50 грамм равғани моҳӣ истеъмол кардан лозим аст. Агар дар ин муддат биноии чашм барқарор нагардад, он гоҳ маълум мешавад, ки ба меъда кислотаи талха кам дохил мешавад. Зеро ҳазмшавии витамини А ва каротин дар организм, одатан, ба равғанҳои дар таркиби хӯрокҳо мавҷудбуда ва кислотаи талха вобаста аст. Ҷабиши каротин дар организм нисбат ба витамини А сусттар мегузарад.

Барои пешгирӣ намудани авитаминоз - норасоии витаминҳо ҳар нафар бояд организми худро мунтазам бо миқдори зарурии витамини А таъмин кунад. Вобаста аз синну сол ва ҳолати физиологӣ талабот ба витамини А аз 0,5 то 2 милиграммро ташкил медиҳад. Талабот нисбат ба витамини А ҳангоми касалиҳои сирояткунанда (инфексионӣ) меафзояд. Барои организми одами калонсол дар як шабонарӯз 1,5 мг, занҳои ҳомила 2 мг ва занҳое, ки кӯдаки ширмак доранд, 2,5 мг витамини А лозим аст. Витамини А дар равшанӣ ноустувор буда, зуд вайрон мешавад, бинобар ин, меваҷот ва сабзавотро дар зарф, дар ҷойи торик гузоштан даркор аст.

Ба қадри зарурӣ ва доимӣ истеъмол накардани витамини А ва каротин хавфи ба баъзе намуди касалии саратон гирифтор шуданро аз 2 то 4 маротиба зиёд мекунад. Бояд гуфт, ки каротин ё худ провитамини А қариб дар ҳамаи растаниҳои дараҷаи олӣ ҳосил мешавад. Меваҳои рангоранг (зард, сурх), бехмеваи рангдори растаниҳо барои организми одам манбаи каротин мебошад. Дар зироати хӯроки чорво – юнучқа, себарга, ҷорӯбак ва арзанак каротин хеле зиёд мебошад. Каротин, асосан, дар барг, реша, мева ва баъзан дар гул захира мешавад.

Хулоса, омӯзгоронро лозим аст, ки аҳаммияти витамини А-ро дар солимии инсон ба донишомӯзон зимни дарси биология дуруст фаҳмонанд.

**Маҳноза ТӮХТАЕВА,**
**корманди Маркази дарёфт**
**ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе**

# СУРДООЛИМПИАДАИ ФАННӢ - ҚАДАМИ БУЗУРГ ДАР РОҲИ БАРОБАРӢ

Дигаргуниҳои амиқи иҷтимоиву иқтисодии давраи истиқлол Тоҷикистонро вориди фазои ҷаҳонии таҳсилот кард ва ҳамзамон, шуури ҷомеаро дар муносибат ба кӯдакони имконияташон маҳдуд дигаргун сохт. Дар ин замина, дар ду марҳила «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имкониятшон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» қабул ва дар амал татбиқ гардид.

Масъалаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имкониятшон маҳдуд мавзуи нав нест. Он ҳанӯз аз қарни XIX таваҷҷуҳи олимону сурдопедагогҳоро ба худ ҷалб намуда буд. Идеяи ҳамгироии кӯдакони имкониятшон маҳдуд ба синфҳои умумӣ нахустин бор дар Фаронса аз ҷониби сурдопедагоги маъруф Александр Бланше ба миён гузошта шуд. Дар соли 1850 ӯ дар шаҳри Париж таҷрибаи ҷолиброро роҳандозӣ кард. Дар назди мактабҳои ноҳиявӣ синфҳои махсус барои кӯдакони ношунаво ба фаъолият пардохтанд ва ҳамзамон, кӯдакони сустшунаво ба синфҳои муқаррарӣ бо ҳамсолони шунаво ҳамроҳ карда шуданд. Дар он замон ин таҷриба як навоварии ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт, зеро ҷомеа то ҳол ба кӯдакони имкониятшон маҳдуд бештар аз диди тарсу эҳтиёт менигарист, на аз диди ҳамгироӣ ва рушд. Ин тадбири Бланше боис шуд, ки мафҳуми таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ба як равиши педагогии ҷиддӣ табдил ёбад ва заминаи ҳуқуқӣ барои баробарии кӯдакони имкониятшон маҳдуд бо ҳамсолони онҳо ба миёнояд.

Имрӯз мавзуи таҳсилоти фарогир дар низоми маорифи Тоҷикистон, бахусус, дар пойтахт - шаҳри Душанбе, аз мавзуъҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад. Агар чанд сол қабл таҳсилоти фарогир бештар ба ҳайси таҷрибаи нав арзёбӣ мешуд, ҳоло он ба қисми ҷудонашавандаи сиёсати маориф табдил ёфтааст. Маҳз таваҷҷуҳи афзояндаи давлат ва сохторҳои марбута боис гардид, ки бо ташаббуси Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 бо мақсади дастгирӣ ва рушди истеъдодҳои хонандагони имкониятшон маҳдуд (дорои нуқсони шунавоӣ ва гӯёӣ), аввалин маротиба Сурдоолимпиадаи фаннӣ баргузор гардад.

Дар доираи густариши барномаи Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Нигора Султонзода чунин изҳори назар дорад: **«Мо омодаем, ки ин таҷрибаро дар пойтахт идома ва густариш диҳем. Барои кӯдакони имкониятшон маҳдуд муҳим аст, ки дар озмунҳои фаннӣ, варзишӣ ва эҷодӣ ширкат намоянд. Ин ҳам ҷалби онҳоро ба ҳаёти солим осонтар мекунад ва ҳам ба худбоварии онҳо неру мебахшад. Бовар дорем, ки сурдоолимпиадаи имсола ибтидои як ҳаракати бузург барои рушди таҳсилоти фарогир аст. Ин нақшаҳо танҳо ба баргузории озмуну олимпиадаҳои фаннию варзишӣ маҳдуд намешаванд, балки сухан дар бораи эҷоди як низоми устувори дастгирӣ меравад, ки имкон медиҳад кӯдакон пайваста истеъдоди худро нишон диҳанд. Сурдоолимпиадаи имсола танҳо ибтидои кор буда, мо ният дорем, ки чунин иқдомро густариш ва ба анъана табдил диҳем».**

Дар шаҳри Душанбе айни ҳол чор мактаб-интернат фаъолият мекунанд, ки кӯдакони имкониятшон маҳдудро ба таҳсил фаро гирифтаанд.

Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддоштаи шаҳри Душанбе 143 хонандаро аз синфҳои 1 то 9 фаро гирифтааст, ки аз онҳо 38 нафар духтар мебошанд. Дар ин муассиса, асосан, кӯдакони дорои синдроми Дауна, аутизм ва хонандагони ақлан қафомонда бо дараҷаҳои сабук ва миёна таҳсил мекунанд. Ба гуфтаи директори муассиса Искандар Қаландарзода фаъолияти варзишӣ яке аз самтҳои асосии рушди хонандагон аст. Танҳо дар чанд соли охир беш аз 40 хонанда дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ширкат кардаанд.

Дастовардҳои байналмилалӣ низ боиси ифтихоранд. Дар солҳои 2024-2025 6 хонанда дар мусобиқаҳои берун аз кишвар иштирок намудааст. Аз ҷумла, панҷ духтар соли 2024 дар олимпиадаи махсуси байнидавлатии Осиё дар намуди баскетбол (стритбол) ширкат намуда, ҷойи аввалро соҳиб шуданд. Моҳи марти соли 2025 хонандаи синфи 8 Равшан Ятимов дар бозиҳои зимистонаи олимпиадаи махсуси умумиҷаҳонӣ дар шаҳри Турини Италия ширкат намуда, медали нуқра ба даст овард. Илова бар ин, истеъдодҳои наврас дар сатҳи маҳаллӣ низ худро нишон медиҳанд. Масалан, хонандаи синфи 6 Фаридун Нодиршоев дар Озмуни шаҳрии «Ту қалби Тоҷикистонӣ - Душанбе» дар даври ноҳиявӣ ҷойи сеюмро соҳиб шуд.

Яке аз муассисаҳои махсуси дигари пойтахт, ки нақши муҳим дар татбиқи сиёсати таҳсилоти фарогир дорад, Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддоштаи шаҳри Душанбе мебошад. Муассиса махсус барои кӯдакони дорои мушкилоти рушд ва қобилияти ақлонӣ пешбинӣ шудааст. Дар он кӯдакони ақлан қафомонда дар се дараҷа - сабук, миёна ва вазнин ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Шомили ин гурӯҳ бемориҳои гуногун, аз ҷумла, синдроми Дауна, майдасарӣ, аутизм ва дигар ихтилолҳо мебошад.

Шароити зиндагӣ ва таълим дар муассиса аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пурра таъмин шудааст: сарулибос, панҷ вақт ғизо, ҷойи хоб, ҳаммом, ҳоҷатхонаҳои замонавӣ, доруворӣ ва ёрии аввалияи тиббӣ. Ин ҳама имкон медиҳад, ки кӯдакон дар муҳити амну осуда рушд кунанд ва волидон итминон дошта бошанд, ки фарзандонашон зери таваҷҷуҳи ҷиддии давлат қарор доранд. Директори муассиса Эмомалӣ Худоёрзода бо ифтихор таъкид мекунад, ки дастовардҳои варзишии хонандагон дар солҳои таҳсили 2024-2025 назаррас ҳастанд. Дар ин муддат тарбиятгирандагон дар намуди варзишҳои футбол (хурд), тенниси рӯйи миз ва давидан то масофаи 60 метр иштирок карда, соҳиби 17 медал шуданд. Ҳамаи омӯзгорон дар муассиса мутахассисони соҳавӣ - логопедон ва омӯзгорони махсус мебошанд, ки пайваста аз такмили ихтисос мегузаранд.

Мактаб-интернати №4 барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе махсус барои кӯдакони нобино ва сустбин фаъолият мекунад. Барои таълим ду низом пешбинӣ шудааст ва хонандагон - 4 синф бо хати брайлӣ ва 4 синф бо хати кириллӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба гуфтаи директори муассиса Зулфия Давлатзода хонандагон бештар дар самти шашка ва шоҳмот муваффақ мешаванд.

Дар Мактаб-интернати №5 барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе зиёда аз 200 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Тибқи иттилои директори муассиса Шафқат Одиназода дар ин мактаб, асосан, кӯдакони кар ва сустшунаво таҳсил мекунанд. Муассиса бо китобҳои таълимӣ ва омӯзгорони соҳа пурра таъмин аст. Ҳамин тавр, хонандагон дар шароити баробар таҳсил мекунанд ва имкони рушд пайдо менамоянд. Ҳамчунин, дар муассиса як гурӯҳи омодагӣ ба мактаб низ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз ҳама ҷолиб он аст, ки соли 2025 34 хонанда дар сурдоолимпиада ширкат намуда, сазовори ҷойҳои намоён шуданд. Ин дастовард нишон медиҳад, ки кӯдакони дорои нуқсони шунавоӣ низ метавонанд бо дастгирии дуруст ба майдони рақобатҳои фаннӣ ва илмӣ ворид шаванд.

Метавон гуфт, ки таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва барои мустаҳкам гардидан қадамҳои устувор гузошта шудааст. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки таҷрибаи муассисаҳои пойтахт ба тамоми кишвар густариш ёбад. Танҳо дар он сурат таҳсилоти фарогир ба ҳар як кӯдак, сарфи назар аз вазъи ҷисмонӣ ва иҷтимоияш, имкони рушд, худшиносӣ ва ширкат дар ҳаёти ҷомеаро фароҳам меорад.

**Саидмуроди ХОҶАЗОД,**
**профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



# ЗЕҲНИ СУНЪӢ: ИМКОНИЯТИ НАВ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Барои истифодаи дастовардҳои зеҳни сунъӣ ва корбурди онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт 25 июли соли 2025 Маҷмаи Умумии СММ лоиҳаи қатъномаи махсусро зери унвони **«Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ»**, ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, қабул намуд. Ташаббуси мазкур аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 79-уми Маҷмаи Умумии СММ, 24 сентябри соли 2024, пешниҳод гардида буд. Дар асоси ин пешниҳод Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе бунёд мегардад, ки роҳандозии лоиҳаҳои муштараки илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ миёни донишгоҳҳо, муҳаққиқон ва озмоишгоҳҳои минтақа аз самтҳои муҳимтарини он аст.



Дар шароити ҷаҳони муосир, ки рушди илму техника бо суръати баланд идома дорад, ворид кардани технологияҳои нав, аз ҷумла, зеҳни сунъӣ **(Artificial Intelligence, AI)** ба низоми таълим зарурати рӯз мебошад. Истифодаи зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим самаранок, инфиродӣ ва интерактивӣ гардад. Корбурди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар фанҳои равияи дақиқ талаботи замони муосир буда, аз як тараф, дастрасии омӯзгоронро ба дастовардҳои навини илму фанноварӣ осон мегардонад, аз ҷониби дигар, тафаккури донишҷӯёнро ҳамқадами замон мекунад. Зеро маҳз тавассути ин воситаҳо мо метавонем, раванди таълимро на танҳо самараноктар, балки шавқовар ва муассир гардонем. Хусусан, дар омӯзиши фанҳои дақиқ - мисли математика, физика, химия ва информатика татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

Зеҳни сунъӣ (AI) имрӯз на танҳо як соҳаи илм, балки воситаи пуриқтидори таҳлил, омӯзиш ва тарбияи тафаккури мантиқии хонандагон гардидааст. Бо истифода аз барномаҳои зеҳни сунъӣ, омӯзгорон метавонанд раванди дарсро мутобиқ ба сатҳи донишу қобилияти ҳар як хонанда ба роҳ монанд. Масалан, барномаҳои махсуси интерактивӣ метавонанд барои шогирдоне, ки дар фаҳмиши мавзӯъ душворӣ мекашанд, тавсияҳои инфиродӣ пешниҳод кунанд. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳар як хонанда бо равиши худ таълим гирад ва сатҳи донишашро тадриҷан баланд бардорад.

Аз тарафи дигар, технологияҳои рақамӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки маводди дарсиро бо шаклҳои ҷолиб - мисли видеоҳои таълимӣ, симулятсияҳо ва моделсозии рақамӣ пешниҳод кунанд. Ин навъ усулҳо фаҳмишро осон мегардонанд ва шавқи хонандагонро ба илмҳои дақиқ зиёд менамоянд. Барои мисол, истифодаи симулятсияҳои рақамӣ дар физика ё химия имкон медиҳад, ки таҷрибаҳои лабораториро бе хатари воқеӣ ва бо дақиқии баланд иҷро намоем.

Дар шароити имрӯза фанҳои равияи дақиқ, мисли математика, физика, химия, биология ва информатика асоси пешрафти илм ва техника

мебошанд. Бо рушди технологияҳои нав, махсусан, шабакаҳои нейронӣ ва зеҳни сунъӣ (AI) имкониятҳои таълим дар ин фанҳо ба таври назаррас васеъ шудаанд. Фаъолияти зеҳни сунъӣ ба шабакаҳои нейронии компютерҳо (нейросет) вобаста мебошад. Шабакаи нейронӣ ин роҳ ба сӯйи зеҳни сунъӣ аст. Шабакаи нейронӣ аз нейронҳо, яъне, ҳуҷайраҳои ҳисоббарор иборат аст, ки ба ҳамдигар пайвастанд ва маълумотро қабул, таҳлил ва ирсол мекунанд. Он модели зеҳни сунъӣ аст, ки кори майнаи инсонро тақлид мекунад.

Зеҳни сунъӣ ба омӯзгорон дар таҳия ва омодасозии дарсҳо ёрӣ мерасонанд, ба донишҷӯён шароити омӯзиши фаҳмотар ва шавқовар фароҳам меорад. Масалан, дар соҳаи математика зеҳни сунъӣ метавонад барои таҳлили мушкилоти мураккаб, ташхиси хатоҳои донишҷӯён ва пешниҳоди роҳҳои ҳал истифода шавад. Барномаҳои **ChatGPT, Wolfram Alpha ва GeoGebra AI** барои омӯзиши фаҳмо ва амиқи мафҳумҳои математикӣ мусоидат мекунанд. Дар физика фаҳмидани қонунҳо ва таҷрибаҳо муҳим аст ва барномаҳои зеҳни сунъӣ қодир ҳастанд, таҷрибаҳои физикиро моделсозӣ кунанд, пешгӯии натиҷаҳои таҷрибавиро анҷом диҳанд ва тавассути таҳлилҳои рақамӣ донишҷӯёнро дар фаҳмидани қонунҳои табиат ёрӣ расонанд. Зеҳни сунъӣ метавонад равандҳои физикиро моделсозӣ кунад ва онҳоро бо тасвири визуалӣ нишон диҳад. Барномаҳои моделсозӣ, мисли **PhET AI Lab ё Algodoo** таҷрибаҳои ҳаракат, неру ва қонунҳои Нютонро дар муҳити виртуалӣ нишон медиҳанд. Бо истифода аз сенсорҳои AI ва барномаҳои ченкунии рақамӣ донишҷӯён метавонанд, натиҷаҳои таҷрибаҳоро фавран таҳлил кунанд. Дар баъзе донишгоҳҳо AI барои пешгӯии натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ истифода мешавад, масалан, ҳисоб кардани суръати афтиши ҷисм дар муҳити гуногун. Дар натиҷа, донишҷӯ таҷрибаро бе хатар, бо дақиқияти баланд ва тавассути симулятсия меомӯзад.

Дар омӯзиши химия AI метавонад реаксияҳои мураккабро модел кунад, сохтори молекулаҳоро пешгӯӣ намояд ва донишҷӯёнро дар фаҳмиши равандҳои микроскопӣ дастгирӣ кунад. Барномаи **ChemAI ё MoleculeNet** метавонад пешгӯӣ кунад, ки ду модда ҳангоми якҷояшавӣ чӣ реаксия медиҳанд. Дар таҷрибаҳои лабораторӣ зеҳни сунъӣ барои идора кардани таҷҳизот ва ченаки дақиқи ҳарорат ё фишор истифода мешавад. Дар мактабҳо омӯзгор метавонад тавассути он симулятсияи реаксияи кимиёвӣ, масалан, оксидшавии металлҳо ё таъсири кислота ба моддаҳоро бе истифодаи маводди хатарнок нишон диҳад. Натиҷа ин аст, ки донишҷӯ равандҳои ноаёни кимиёвиро ба таври равшан мебинад.

Дар фанни информатика ва барномасозӣ зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки омӯзиши забонҳои барномасозӣ бо усули инфиродӣ сурат гирад. Барномаҳо метавонанд коди донишҷӯро таҳлил карда, хатоҳоро нишон диҳанд ва пешниҳодҳои беҳтар дастрас намоянд. Дар география AI харитаҳои интерактивӣ месозад, тағйироти иқлимиро таҳлил мекунад ва таҳлили додаҳои муҳити зистро анҷом медиҳад.

Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ имкониятҳои нави омӯзишро барои фанҳои равияи дақиқ ба вуҷуд овардаанд. Онҳо дарсҳоро фаҳмотар, шавқовар ва таҷрибавӣ мекунанд, ба омӯзгор имкони истифодаи воситаҳои пуриқтидорро барои арзёбӣ ва моделсозӣ медиҳанд, ба донишҷӯён имкони омӯзиши инфиродӣ ва амалии илмро фароҳам меоранд.

Тавассути истифодаи технологияҳои нави рақамӣ, шабакаҳои нейронӣ ва зеҳни сунъӣ дар раванди таълим донишҷӯён имкон пайдо менамоянд, ки равандҳои илмҳои дақиқро моделсозӣ кунанд, барои омӯзиши алгоритмҳо ва сохтори маълумот мисолҳои фаҳмо пешниҳод намоянд, таҷрибаҳои ҳаракат, неру ва қонунҳои соҳавиро дар муҳити виртуалӣ ва графики функсияҳоро дар вақти воқеӣ бубинанд, харитаҳои интерактивӣ созанд, тағйироти иқлим ва боду ҳаворо таҳлил ва пешгӯӣ кунанд, узвҳои инсонро дар тасвирҳо шиносоӣ намоянд, моделсозии равандҳои физиологиро роҳандозӣ намоянд.

Ҳамин тавр, зеҳни сунъӣ дигар воситаи иловагӣ нест, балки қисмати ҷудонопазири таълими муосир дар соҳаи илмҳои дақиқ мебошад ва ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба низоми таълим талаботи замон ва омили калидии рушди устувори ҷомеаи донишбунёд ва пешрафти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Юсуфи ШОДИПУР,**
**дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ ДАРЁФТИ ЯК РИСОЛАИ ТАЪРИХӢ



Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ мебошад ва ҳар яки мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқу тарғиб намоем. Хусусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки ворид шудани унсурҳои бегонаро ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ниҳоят осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон, аз ҷумла, хонандагону донишҷӯён зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ, дар кишвари маҳбубамон бисёр корҳои муфиду созанда ва бунёдкориҳои шоёни таҳсин анҷом шуданд, ки онҳоро воқеан ҳам, аз падидаҳои тозаву оламшумули замони муосир арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ҳақиқат ҳам, яке аз падидаҳои неку ҷолиби ин даврони таърихӣ аз он иборат аст, ки дар инкишофу такомули илму фарҳанги тоҷикон, хусусан, таҳқиқу пажуҳиши сарчашмаҳои таърихӣ шароити мусоид пайдо шуд. Мутолиаи осори рангини нашргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар таърихномаҳо, сафарномаҳо, ёддоштҳо ва дигар жанрҳои адабию фарҳангӣ ва матолиби таърихии даврони наву навин доир ба вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ, ҳаёти иқтисодиву фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Аморати Бухоро маводду санадҳои муфиду пурқимат ниҳоят зиёд мебошанд. Аз ин хотир, он теъдоди сершумори сарчашмаҳои нодири таърихие, ки дар захираҳои илмиву фарҳангӣ маҳфуз мондаанд, муҳаққиқони хешро интизорӣ мекашиданд. Чунончи, дар ганҷинаҳои илмиву фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон чандин сарчашмаҳои хаттӣ, хоса, асарҳои нави таърихӣ маҳфуз мебошанд, ки онҳоро ба хатти кириллӣ баргардон ва нашр карда, ба доираи васеи хонандагони тоҷик тақдим намудан вазифаи фахрӣ ва қарзи ҷониву шаҳрвандии муҳаққиқон ва муаррихони ватанӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, то кунун асарҳои таърихии гумноми фарзонафарзандони миллати тоҷик, хусусан, асарҳои таърихии Абдуқодир Муҳиддинов то имрӯз дуруст таҳқиқ нашудаанд.

Абдуқодир Муҳиддинов (солҳои 1892-1937; 1891-1940) ходими намоёни ҳизбӣ, арбоби машҳури сиёсӣ, ходими маъруфи ҳаёти маданӣ ва намояндаи беназири илму адабиёт ва забони тоҷикӣ маҳсуб меёфт. Бино бар ахбори устод Садриддин Айнӣ, ӯ аз овони наврасӣ ва ҷавонӣ рӯзгори тираву тори сохти феодалии аморати Бухороро ҳадафи танқиди шадид қарор дода, перомуни он дар саҳифаҳои рӯзномаи “Вақт” бо имзои мустаори “Бухороӣ” силсилаи мақолаҳо нашр менамуд. Маҳз аз ҳамон вақт фаъолияти сиёсиву публитсистии Абдуқодир Муҳиддинов оғоз меёбад. Пас аз ғалабаи Инқилоби Бухоро чанд муддат муҳаррири рӯзномаи “Қутулиш” буд. Биноан, мавсуф дар рушди матбуоти ҳизбию шуравии тоҷик ҳамчун публитсист ва ходими намоёни ҳизбию давлатӣ хидматҳои босазо намудааст. Иловатан, мавсуф дар таълифи мақолаҳои сершумор ба забони тоҷикӣ нақши бузург ва назаррас мегузорад. Алалхусус, мақолаҳои калонҳаҷм ва аз ҷиҳати илмӣ пурқимати ӯ – “Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ” (Тоҷикистони Сурх, 1929), “Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек?” (Роҳбари дониш, 1928.- № 8; Тоҷикистони Сурх. -1928.- № 12) ва ғайра, бо далелҳои боварибахши таърихӣ ва мардумшиносӣ таълиф ёфта, дар замони хеш рисолати бузургу таърихиеро иҷро карда, то имрӯз аҳаммияти илмиашон коста нашудаанд ва дар тарғиби худогоҳию худшиносии тоҷикон арзиши ниҳоят баландро соҳиб мебошад.

Абдуқодир Муҳиддинов дар баробари

фарзонафарзандони миллати тоҷик, чун Нусратулло Махсум, Ширишоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нисор Муҳаммад, Аббос Алиев ва Чинор Имомов дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва баъдан Тоҷикистони Шуравӣ кӯшишу талошҳои зиёде сарф намудааст. Аз соли 1924, пас аз ҳалли масъалаи тақсимоти миллию марзӣ, ки худ яке аз фаъолони он ба шумор мерафт, А. Муҳиддинов нахустин раиси Шурои Комиссарони Халқии ҶМШС Тоҷикистон таъйин мегардад. Мавсуф ҳамчун роҳбари моҳиру кордон дар ҳалли масоили мубраму рӯзмарраи ҷумҳурии ҷавон, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, хоҷагии халқ, пойдор гардонидани сохти нави сотсиалистӣ ва умуман, рушду такомули ҷумҳурии навбунёди тоҷикон ҳиссаи арзанда гузоштааст. Ҳамзамон, дар тарғиби илму фарҳанг, ташкил намудани корҳои маданию маърифатӣ ва рушду нумуи адабиёту санъати тоҷикон ва амсоли он тадбирҳои муфиду арзандаеро иҷро намудааст. Масалан, бо хоҳиш ва дархости бевоситаи А. Муҳиддинов баҳори соли 1925 ҳукумати Тоҷикистон бо Садриддин Айнӣ дар бораи навиштани “Намунаи адабиёти тоҷик” шартнома имзо мекунад ва амсоли он. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар асараш “Фитнаи инқилоб дар Бухоро ” низ таъкид мекунад, ки “яке аз нахустин корҳое, ки Абдуқодир Муҳиддинов ҳангоми Сарвазири ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1928) буданаш иҷро намуд, ин ба устоди худаш Садриддин Айнӣ супориш медиҳад, ки “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро таълиф намояд, то ки дар он мавҷудияти халқи тоҷик ва таърихи тулонии забону адабиёт ва фарҳанги пурғановати он исбот карда шавад”. Бесабаб устод Садриддин Айнӣ ин омили муҳимро дар “Намунаи адабиёти тоҷик” ба тариқи зайл ишора намекунад, ки он ҷолибу писандида аст: ”Чун Ҳукумати Мухтори Тоҷикистон ҷамъу тартиби “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро ба камина ҳавола намуд, бо вуҷуди адами иқтидор, бинобар камоли ишқам ба адабиёт ин хидмати муқаддасро қабул намудам ...”.

Ин нуктаи муҳимро устод Айнӣ ба ғайр аз “Намунаи адабиёти тоҷик”, инчунин, дар дигар асарҳои таърихиаш низ бо мамнуният ва руҳбаландии бузург инъикос кардааст.

Рисолаи гумгаштапайдои А. Муҳиддинов, ки хушбахтона, дар охири соли 2024 дарёфт гардид, “Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?” (Тошканд, соли 1927) ном дорад. Абдуқодир Муҳиддинов нахустин шахсест, ки дар бораи Тоҷикистон рисолаи таърихиро таълиф намудааст.

Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар асараш “Фитнаи инқилоб дар Бухоро ” менависад, ки “Абдуқодир Муҳиддинов аз зиёиёни сиёсии тоҷик якумин касе буд, ки дар бораи таърихи халқи тоҷик китоб навиштааст. Китоби дигари ӯ ба таърихи Бухоро бахшида шуда, дар рӯзномаи ӯзбекии “Бухоро ахбори“ ба забони тоҷикӣ дунболадор нашр шуда буд”. Вале ин асари таърихӣ то кунун ба пажуҳишгарон номаълум монда, муҳаққиқони хешро интизорӣ мекашад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар ояндаи наздик ин рисолаи ба таърихи амороти Бухоро бахшидаи А.Муҳиддинов ба аҳли илму адаб дастрас ва омӯхта мешавад.

Рисолаи “Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?” соли 1927 бо супориши Комиссияи ҷашнии 10-солагии ”Инқилоби Ӯктабир“-и назди Маркази Иҷроияи Тоҷикистон навишта шуда, аз 62 саҳифа иборат аст ва дар нашрияи “Матбугат”-и шаҳри Тошканд бо теъдоди 3070 нусха нашр шудааст, ки нархи ин китоб 40 тин муқаррар шуда будаст. Ин рисола аз 3 боб ва 39 зербоб иборат аст.

Боби якуми асар “Инқилоби Октябр” ном дошта, аз 6 зербоб иборат аст: 1). Сабабҳое, ки дар Русия инқилоби иҷтимоиро ҳозир намуд; 2). Ҳаракати инқилобии соли 1905; 3). Ҷанги умумӣ ва аз тахт афтодани императори Русия; 4). Роҳбарии фирқаи иштирокчиён дар бобати “Инқилоби Октябр” ва афтодани ҳукумати муваққатии бойҳо ва барпо шудани ҳукумати шуроӣ; 5). Хулосаи тезиси рафиқ Ленин дар бобати “Вазифаи ранҷбар дар Инқилоб” ва 6). “Ранҷбарӣ ба сари ҳукумат”. Ба тариқе, дар ин бахш, аз унвони зербобҳо бармеоянд, ки муаллиф доир ба заминаҳои Инқилоби Октябр ва чараёни падид омадани он маълумоти мухтасари таърихӣ медиҳад. Албатта, бардоштҳо ва таҳлилҳои ӯ аз нуқтаи назари он замон сурат гирифтааст.

Боби дуюми рисола “Инқилоби Бухоро” ном дошта, аз 7 зербоб иборат аст: 1). Ҷанги соли 1868 ва тобеъ шудани Бухоро ба Русия; 2). Асос ва усули ҳукуматдории амир; 3). Инқилоби феврал дар Русия ва таъсири он дар Бухоро; 4). Ҳувалмустаъон; 5). Инқилоби Октябр дар Русия ва воқеаи Колесов дар Бухоро; 6). Баъд аз воқеаи Колесов аҳволи амири Бухоро ва фаъолияти ҷавонбухориён; 7). Фаъолияти ҳукумати шуроии халқи Бухоро ва

аксулинқилоб. Дар ин боб, муаллиф Абдуқодир Муҳиддинов дар бораи аҳволи Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумот дода, воқеаҳои муҳимми то сукути ҳукумати амирӣ ва ба мақом расидани ҳукумати нав – ҳукумати инқилобиро мухтасар баён кардааст.

Боби сеюми ин рисола "Ҷумҳурияти Тоҷикистон" ном дошта, аз 26 зербоб иборат аст: 1). Аҳаммияти Ҷумҳурияти Шуроии Тоҷикистон; 2). Замин ва мардуми Ҷумҳурияти Тоҷикистон; 3). Барпо шудани Ҳукумати Ҷумҳурияти Шуроии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии он; 4). Дар роҳи барпо намудани амнияти мамлакат; 5). Намуна аз хатоиҳои босмачиён; 6). Дар роҳи истеҳком додани ҳокимияти ранҷбарони ҳокимияти шуроӣ; 7). Дар шурои ҷамоатҳо; 8). Дар иҷроияҳои туманҳо; 9). Дар роҳи беҳбудии аҳволи иқтисодии омма ва ба даст овардани маданият; 10). Доир ба кишти обӣ; 11). Муҳоҷирати дохилӣ; 12). Пахтакорӣ; 13). Қарз ба деҳқонон; 14). Асбоби деҳқон; 15). Мадад ба таҷрибаи деҳқонӣ; 16). Кори пилла-абрешим; 17). Чорводорӣ; 18). Лалмикорӣ; 19). Таъмин намудани омма бо матои фабрика; 20). Дурустии роҳҳо; 21). Мухобара; 22). Корҳои ҳифзу сиҳат; 23). Маориф; 24). Миқдори мактабҳои ибтидоӣ дар соли 1927; 25). Миқдори мактабҳои равшаннамоӣ–сиёсӣ; 26). Кори Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва ғайра. Хулласи калом, аз боздид ва муқоисаи номи зербобҳо бармеоянд, ки Абдуқодир Муҳиддинов дар бораи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон ва ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи он маълумоти мухтасари таърихӣ медиҳад, ки онҳо шоистаи дастгирӣ ва арзу сипос мебошанд.

Ҳамин тарик, рисолаи Абдуқодир Муҳиддинов "Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Ӯктабир чӣ дод?" нахустин китоб дар бораи Тоҷикистон ҳамчун давлат мебошад ва аз ҳамин нуқтаи назар арзиши баланди илмиву амалиро соҳиб аст. А. Муҳиддинов дар ин рисола дар баробари маълумоти васеи таърихӣ, инчунин, оид ба Инқилоби Октябр, густариши он ба Осиёи Миёна, сукути низоми амирӣ дар Бухоро ва таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон, инчунин, бори нахуст дар бораи ҳаёти сиёсӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ, теъдоди аҳолӣ, авзои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон маълумоти муфиду арзишманд медиҳад. А. Муҳиддинов дар рисолаи хеш оид ба таърихи миллати тоҷик бо фахр менависад: "Миллати тоҷик, ки дар асрҳои гузашта соҳиби маданияти бузург будааст, аз байни худ ҳокимҳо, файласуфҳо, адибҳо, муаррихони номдор ба вуҷуд оварда, дар илми улум ва адаб хизматҳои намоён кардааст". Ҳамзамон, муаллиф андешаҳои худро идома дода, изҳори умед менамояд, ки албатта, пас аз таъсиси ҶМШС Тоҷикистон имкон фароҳам хоҳад омад, ки тоҷикон "боз дубора соҳиби маданияти бузург гардида, аз маданияти ранҷбарӣ васеъ истифода намуда, ба ҳамзабонони пасмондаи худ, ки дар хориҷи Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳуриятҳои шуроӣ зиндагонӣ мекунанд, ёрмандиҳои илмӣ ва маданӣ бирасонанд".

Тибқи иттилои ҷадвали ин рисола, ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1927 аз ҳафт вилоят иборат буда, масоҳати он 135. 618 км мураббаъ ва аҳолиаш 823 600 нафарро ташкил медоданд. Вале бо вуҷуди он, А. Муҳиддинов таъкид месозад, ки дар ин ҷо теъдоди аҳолӣ ноқис ва нопурра аст. Аз ин боис, муаллиф ақидаи нисбатан дуруст пешниҳод кардааст: "бинобар он нуқсонҳое, ки дар кори ташкилоти саршумори халқ пайдо буд, қисми мардум аз рӯйхат берун монданд ва ба аъзои соҳибони хонаҳои аслӣ хонаводаро камтар нишон додаанд, аз ин боис, тахмин кардан душвор нест, ки мардуми Тоҷикистон аз 1 миллион нуфус бояд кам набошанд" ва амсоли он.

Ҳамчунин, дар рисолаи А. Муҳиддинов доир ба вазъи соҳаҳои хоҷагии халқ, ҳаёти иқтисодӣ, тандурустӣ ва маорифу фарҳанги ҶМШС Тоҷикистон маълумоти арзишманд оварда шудаанд, ки онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ, қимати илмиву адабии худро то имрӯз гум накардаанд.

Ҳамин тарик, пайдо ва дастрас шудани рисолаи нави А. Муҳиддинов падидаи илмиву амалӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Аз баррасии фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии А. Муҳиддинов ба хулосаи муҳим расидан мумкин аст, ки саҳми вай дар рушду такомули кишвар дар он давра ниҳоят бузург мебошад. А. Муҳиддинов бо омаду ноомадҳои бебарор ва душвориҳои зиёд нигоҳ накарда, тамоми мушкилоти ҷумҳуриро ба хотири посдории халқу Ватан паси сар намуда, Тоҷикистонро дар қатори дигар ҷумҳурҳои Шуравӣ ба пеш баровард ва мавқеи онро мустаҳкам намуд.

**А. РАҲИМЗОДА,**
**директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви АМИТ,**
**номзади илмҳои физикаю математика,**
**А. ШАРИФЗОДА,**
**номзади илмҳои физикаю математика,**
**О. КАРИМОВ,**
**доктори илмҳои физикаю математика**

# НОБИҒАҲО НАМЕМИРАНД



Яке аз риёзидонҳои боистеъдоди миллати тоҷик - мутахассиси муодилаҳои дифференсиалӣ ва таҳлили функсионалӣ шодравон Темур Собиров мебошад, ки то ҳол дар олами илмҳои дақиқ шуҳрату маҳбубияти хосса дорад.

Номбурда 3 апрели соли 1940 дар деҳаи Сӯфиёни ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Бо вуҷуди душвориҳои давраи баъдиҷангӣ муҳаббати волидон ва шавқи илму маърифат ба қалби Темури хурдсолу дигар бародаронаш гармӣ мебахшид. Қобили зикр аст, ки симои модари Собировҳо дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Бозор Собир, бародари калонии Темур, мавқеи махсусро ишғол мекард. Модару падар талош ба харҷ доданд ва тамоми кори аз дасташон меомадаро карданд, то фарзандонашон маълумоти хуб гиранд.

Темури ҷавон, аввал, дар мактаби ҳафтсола дар деҳаи зебоманзари Сӯфиён ва сипас, дар шаҳри Душанбе дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии равияи физикӣ-математикӣ таҳсил кард. Ӯ дар маҳфилҳои математикаи мактабӣ фаъолона иштирок мекард ва борҳо дар мусобиқаҳои математикии мактабӣ ҷойи аввалро соҳиб мегардид. Соли 1956 Темур ба шуъбаи математикаи факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, соли 1961 ин донишгоҳи бузурги ҷумҳуриамонро бо баҳои аъло хатм кард. Дар солҳои донишҷӯӣ Темур дар семинари илмии мутахассиси машҳури назарияи сифатии муодилаҳои дифференсиалии А.Н. Берлинский иштирок мекард. Таҳти роҳбарии А.Н. Берлинский рисолаи дипломии худро бомуваффақият дифоъ кард. Дар рисолаи дипломии худ Темур доир ба рафтори хатҳои каҷи интегралии муодилаи дифференсиалӣ, ки тарафи рости он ҳамчун нисбати ду бисёрузваи байни ҳам содаи дараҷаи ду бо коэффитсиентҳои ҳақиқӣ дода мешавад, маълумоти муфассал медиҳад. Натиҷаҳои ба даст омада ҳамчун мақолаи алоҳида дар қайдҳои илмии Институти давлатии омӯзгории Душанбе нашр шудааст. Дар мақола баъзе усулҳои фарқ кардани намуди нуқтаҳои сингулярии муодилаи дар боло зикршуда бо истифода аз индекси Пуанкаре пешниҳод гардид.

Соли 1961 Темур Собиров фаъолияташро дар шуъбаи математикаи Институти физикӣ-техникии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон оғоз кард. Соли 1962 бо тавсияи президенти онвақтаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон Султон Умаров ӯ ба муддати як сол барои омӯхтани таҷрибаи илмӣ ба кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои оператории факултети математика ва механикаи Донишгоҳи давлатии Воронеж фиристода шуд. Як сол баъд номбурда таҳти роҳбарии математики барҷастаи Шуравӣ Марк Александрович Красноселский - асосгузори мактаби машҳури таҳлили функсионалии ғайрихаттӣ ба аспирантура дохил шуд.

Дар атрофи М.А. Красноселский ва профессорони ҳамақида ва пайравонаш Селим Григоревич Крейн ва Владимир Иванович Соболев як гурӯҳи бузурги математикҳои барҷаста ба воя расиданд. Дар семинари

машҳури шаҳрии М.А. Красноселский дар бораи натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби олимони ҷавон, ки солҳои минбаъд бисёре аз онҳо дар соҳаҳои нави таҳлили функсионалӣ ва татбиқи он пешсафони илмӣ шуданд, муҳокимаҳои пурҷӯшу хурӯш ва беғаразона сурат мегирифт.

Дар ин семинар Темур натиҷаҳои худро дар бораи назарияи бифуркатсия ва устувории ҳалли хурди системаи муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ муаррифӣ кард. Ба зудӣ принсипҳои асосии ин натиҷаҳо дар гузоришҳои Академияи илмҳои ИҶШС ва Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон нашр шуданд.

Натиҷаи заҳмуту иродаи қавии илмияш буд, ки моҳи ноябри соли 1966 Темур Собиров рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Дар бораи устувории ҳалли хурди даврӣ, ки аз мувозинат сарчашма мегиранд" бомуваффақият дифоъ кард. Дар он вакт ӯ 26-сола буд. Пас аз дифои рисолаи номзадӣ Темур ба Душанбе баргашт ва корро дар шуъбаи математикаи Академияи илмҳо идома дод. Аммо ӯ фазои таҳқиқоти илмиеро, ки М.А. Красноселский дар Воронеж фароҳам оварда буд, пазмон шуд ва моҳи апрели соли 1967 бори дигар барои таҷрибаомӯзии илмӣ ба Воронеж рафт. Моҳи августи соли 1967 Темур ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Воронеж ба кор қабул шуд.

Комиссияи олии аттестатсионии ИҶШС соли 1970 ба Темур Собиров унвони дотсентиро дод ва моҳи сентябр мудири кафедраи алгебра ва геометрияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Воронеж интихоб шуд. Дар тули ин солҳо, мавсуф беист ба тадқиқоти илмӣ машғул шуд ва навиштани рисолаи доктории худро ба анҷом расонид. Соли 1975 Темур Собиров дар Шурои илмии Институти математикаи Академияи илмҳои ҶШС Украина рисолаи доктории худро дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои назарияи аналитикии тағйирёбии якпараметрии операторҳои хаттӣ ва баъзе татбиқоти он» бомуваффақият дифоъ кард. Ӯ дар миёнаҳои солҳои 1970-ум барои тарбияи кадрҳои ҷавон хидмат намуда, таҳти роҳбарияш И.Ш. Раупов, Ю.М. Муродов, М.И. Илолов ва В.Н. Козоброд рисолаҳои худро бомуваффақият ҳимоя карданд. Ӯ на танҳо донишҷӯёнашро, балки ҳар касеро, ки аз ӯ ёрӣ мепурсид, дастгирӣ мекард. Дарҳои утоқи корӣ ва хобгоҳи ӯ барои ҳама боз буданд. Барояш иззату эҳтиром, меҳрубонӣ ва ҳисси аҷиби муносибат дар илм ва таълим хос буд.

Осори илмӣ ва нигоштаҳои ӯ дар маҷаллаҳои илмии он замон рӯйи нашр омадааст. Асарҳои илмии Темур, асосан, ба ду самти зерин бахшида шудаанд:

**1. Назарияи бифуркатсия ва устувории ҳалли муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттӣ.** Ин соҳаи математика дар робита бо масъалаҳои амалии назарияи лаппишҳои ғайрихаттӣ дар асарҳои классикии А.А. Андронов, И.Г.Малкин, Н.Н. Боголюбов, Ю.А.Митрополский ва А.М. Самойленко ба миён омадааст.

Системаи муодилаҳои дифференсиалии dx/dt = f (t, x, λ) (1) баррасӣ мешавад, ки тарафи росташ нисбат ба t даври ω дорад ва аз аргументи скалярии λj вобаста аст. Дар ин маврид фарз карда мешавад, ки тарафи рости ин муодила нисбат ба маҷмуи тағйирёбандаҳо суфтагии кофӣ дошта, система барои ҳамаи λ–ҳо ҳалли сифрӣ дорад. Шартҳо барои мавҷудият ва устувории ҳалли қариб сифрии даврии ω-и системаи (1) муқаррар карда шудаанд. Ин савол бо ёфтани баҳои бифуркатсионии қимати параметри λ аз нигоҳи М.А. Красноселский алоқаманд аст. Яъне, адади $\lambda_0$ баҳои бифуркатсионии параметри λ номида мешавад, агар барои ҳар як ε > 0 ба чунин λ ε ($\lambda_0$ – ε; $\lambda_0$ + ε) мувофиқат кунад, ки барои он системаи (1) ҳалли ғайрисифрӣ, ω-даврии амплитудааш (максимум ||(x)/t ||) аз ε зиёд набуда дошта бошад. Сипас, матритсаи фундаменталии V(t,λ)-ро, ки дар ибтидои система хаттӣ карда шудааст, ворид месозад: dx/dt = A(t,λ)x. (2) Дар асарҳои М.А. Красноселский ва Ю.И. Неймарк исбот карда шуд, ки танҳо он баҳои параметри λ, ки матритсаи монодромии V(ω,λ)-и системаи (2) баҳои хоси ба 1 баробар доранд, метавонанд бифуркатсионӣ бошанд.

Дар ҳолати умумӣ, изҳороти баръакс ҷой надорад. Дар асарҳои Т.С. Собиров фарз карда мешавад, ки 1 арзиши хоси матритса V(ω,λ)

аст ва масъалаи мавҷудият ва устувории ҳалли хурди даврии системаи (1) барои баҳоҳои хурди параметри λ омӯхта мешавад. Дар ин ҳолат, фарз карда мешавад, ки арзиши хоси 1 ба як катаки Жордании тартиби k-и матритсаи V(ω, λ) мувофиқат мекунад. Системаи (1) бо назардошти (2) дар шакли нисбатан одӣ ва содатар навишта мешавад.

**2. Назарияи аналитикии тағйирёбии якпараметрии операторҳои хаттӣ.** Ин назария, дар маҷмуъ, аз се масъала барои операторҳои хаттии ғайрихудпайванд дар фазои Банах иборат аст: масъалаи ёфтани коэффитсиентҳои васеъшавии арзишҳои хос ва векторҳо; таҳияи алгоритми умумӣ барои ёфтани операторҳои R; масъалаи ифодаи проекторҳои хоси оператори халалдор тавассути баҳои хоси халалдор. Масъалаи аввал мавзуи шумораи зиёди таҳқиқот буд. Инҳо, пеш аз ҳама, монографияи Т. Като, К. Фридрихс ва В. П. Маслов ва мақолаҳои илмии М. И. Вишик, Л. А. Люстерник, М. Г. Крейн, Ю. Л. Далетский, В. М. Ени ва дигаронро дар бар мегиранд. Қисми зиёди ин таҳқиқот ба ҳолати беохирчанака бахшида шудаанд. Онҳо имконияти васеъ кардани баҳои хос, функсияҳои хоси проексияҳо ва ғайраро дар дараҷаҳои параметри хурд меомӯзанд.

Натиҷаҳои маъруф барои дастаи хаттии матритсаҳо дар ин ҷо меъёр ҳисобида мешаванд. Аз тарафи дигар, бисёр мушкилот дар таҳлили хаттӣ ва ғайрихаттӣ ба масъалаи сохтани асимптотикаи баҳоҳои хоси тағйирёфта ва векторҳо нисбат ба параметр, таҳияи усулҳои ёфтани ҳам қувваҳои параметр ва ҳам коэффитсиентҳои силсила дар назарияи тағйирёбӣ ва ғайра оварда мерасонанд. Барои бандҳои худпайванди хаттӣ ин масъалаҳо аз ҷониби Т. Като ва К. Фридрихс хуб омӯхта шудаанд. Барои бастаҳои худпайванди хаттӣ, аввалин таҳқиқот аз ҷониби М.И. Вишик ва Л.А. Люстерник гузаронида шуданд. Ин самт дар асарҳои В.П. Трофимов (бастаҳои хаттӣ) ва Б.В. Логинов (бастаҳои ғайрихаттӣ) минбаъд инкишоф ёфт.

Темур Собиров тавонист алгоритми умумиро барои ёфтани ҳам қувваҳои параметр ва ҳам коэффитсиентҳо дар васеъшавии қиматҳои хоси тағйирёфта ва векторҳои интиқолдиҳанда таҳия кунад. Бастаҳои конъюгатӣ, умуман, ғайрихаттӣ. Алгоритми ӯ бар ду усул асос ёфтааст. Аввалин "версияи оператор"-и усули маъруфи "Диаграммаи Нютон" мебошад. Дар қадами аввал, ин усул имкон медиҳад, ки маҷмуи ҳамаи ҷуфтҳои (vj,μj), vj,μj>0 пайдо карда шавад, ки барои ҳар яки онҳо метавонад баҳои хосси λ(ε)) мавҷуд бошанд, ки барои λ-ҳои хурд дар шакли λ(ε) = μ(j(e(vj ) ) )+O(ε(vj) ифода карда мешаванд. Дар хотир доред, ки дар ҳолатҳои содатарин, ҳамаи чунин ҷуфтҳо бе мушкилӣ пайдо мешаванд. Дар ҳолатҳои мураккабтар, масъалаи ёфтани ҳамаи ҷуфтҳои муайяншуда (vj,μj) мураккаб мешавад ва хусусияти "бисёрзинагӣ" дорад. Усули дуюм аз ёфтани баҳоҳои хоси бастаҳои нави Bj (μ,ε) r) бо истифода аз проекторҳои махсус иборат аст. Татбиқи такрории ин усулҳо имкон медиҳад, ки масъала то ҳолати скалярӣ коҳиш дода шавад. Мушкили дуюм ба корҳои пештараи М.В. Келдиш бармегардонад. Дар ин ҳолат низ Темур Собиров тавонист алгоритми умумиро барои ёфтани операторҳои Rk оварда, онҳоро таҳия кунад. Масъалаи сеюм дар масъалаҳои гуногуни печидаи ангезидашудаи системаҳои қариб даврӣ ва маҳдуди муодилаҳои дифференсиалӣ ба миён омадааст.

Аз хотираҳои ҳамсабақ ва дӯсти наздики Темур Собиров - узви пайвастаи АМИТ профессор Эргаш Муҳаммадиев, ки алҳол дар шаҳри Вологдаи Федератсияи Русия бо таҳқиқоти илмӣ машғул аст, иқтибос меорем: “Ҳама чиз ба пиршавӣ гирифтор аст, бидонед, ки танҳо дӯстӣ абадӣ аст, он ҳеҷ гоҳ пажмурда намешавад. Тобистони соли 1959 буд. Мо, як гурӯҳ довталабони факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ), барои имтиҳонҳои қабул омодагӣ медидем. Як ҷавонмард мафҳумҳои физикаро ба мо сода, возеҳ ва бо чунон шавқ шарҳ дод, ки воқеан, қобили таҳсин буд. Суҳбат, асосан, ба физикаи ҷисмҳои сахт ва моеъ равона шуда буд. Ин ҷавонмарди кушодадил ва пурғайрат Темур Собиров буд. Вақте ки ман донишҷӯ шудам, дар хобгоҳ бо бародари Темур - Иброҳим

Собиров зиндагӣ мекардам. Темур он вақт донишҷӯи соли чоруми факултаи физика ва математика буд ва якҷоя бо Натан Неряевич Юханонов маҳфили математикаро оид ба таҳлил ва геометрияи таҳлилӣ роҳбарӣ мекард. Дар ин маҳфил бисёр донишҷӯён иштирок мекарданд. Мо теорема ва масъалаҳоеро, ки дар дарс баррасӣ нашуда буданд, таҳлил мекардем. Масалан, рӯзе мо якҷоя таҳлили муфассали теоремаи Штолтсро анҷом додем, ки дар асари сеҷилдаи Фихтенголтс бо ҳарфҳои хурд дода шуда буд. Баъд аз дарсҳо аксар вақт бо Темур дар хобгоҳ ё дар синфхонаҳо вомехӯрдам. Ӯ ҳамеша вақт меёфту мавзуъҳои навро ба мо мефаҳмонд. Аксари имтиҳонҳои миёнаи худро бо шарофати дарсҳои Темур бомуваффақият супоридам. Вақте ки ба соли дуюми таҳсил оғоз кардем, Темур донишгоҳро хатм кард ва дар Академияи фанҳои ҶШСТ ба кор шуруъ намуд. Як сол баъд, ӯро ҳамчун кормӯз аз рӯйи ихтисосаш ва сипас, ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Воронеж (Русия) фиристоданд. Роҳбари ӯ профессор шодравон М. А. Красноселский буд. Пас аз хатми донишгоҳ, ман низ таҳти роҳбарии профессор Красноселский ба аспирантура дохил шудам. Дар он солҳо як гурӯҳ донишҷӯёни тоҷик аз факултаҳои механика ва математика, физика ва химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои идомаи таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Воронеж фиристода шуданд. Темур дарсҳои математикаи донишҷӯёни тоҷикро роҳбарӣ мекард. Мо дар хобгоҳи донишҷӯён ҷамъ мешудем ва ӯ бо сабр ва шавқ ба ҳама саволҳои мо посух медод. Темур, инчунин, дар семинарҳои бузурги илмӣ, ки профессор Красноселский роҳбарӣ мекард, фаъолона иштирок менамуд. Дар ин семинарҳо аспирантҳо дар бораи натиҷаҳои кори худ ё дигар олимон гузоришҳо пешниҳод мекарданд. Ростӣ, гарчанде ки ман Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо баҳои аъло хатм карда бошам ҳам, дар фаҳмидани мундариҷаи чунин гузоришҳо душворӣ мекашидам ва барои ёрдам ба Темур муроҷиат мекардам. Ӯ бо сабр моҳияти гузоришҳоро шарҳ медод ва ба шарофати ин, ман зуд маводро аз худ мекардам. Дар давоми як сол дар семинарҳо ва баҳсҳои илмӣ иштирок карда метавонистам.

Истеъдоди Темур, воқеан, бисёрҷабҳа буд ва ҳамаи соҳаҳои математикаро дар бар мегирифт. Масъалаҳои илмиро равшан шарҳ медод. Ғайр аз ин, ҳатто касе, ки маълумоти математикӣ надошт, пас аз гӯш кардани лексияҳои ӯ ба математика шавқ пайдо мекард. Умуман, ду намуди математикҳоро мушоҳида кардаам. Баъзе аз онҳо худро дар доираи танг нигоҳ медоранд ва намехоҳанд чизи дигареро бидонанд. Дигарон ба доираи васеи соҳаҳои математика таваҷҷуҳ доранд ва кӯшиш мекунанд, ки онро дар маҷмуъ дарк кунанд. Темур Собиров ба навъи дуюм тааллуқ дошт. Равиш ва ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ беназир ва илҳомбахш буданд. Ман худро хушбахт мешуморам, ки шарафи бо ӯ дӯст буданро доштам. Дӯстиву рафоқат бо Темур ба ман омӯзонд, ки ҳатто мушкилоти мураккабтарини илмиро бо дониши амиқ ҳал кардан мумкин аст. Маҳз ӯ ҷаҳони аҷиби математикаро барои ман боз кард. Тадриҷан, дӯстии мо ба дӯстии оилавӣ табдил ёфт...”.

Дар ҳақиқат, Темур Собиров шахсияти комилан илмӣ буд, ки зиндагию рӯзгорашро танҳо ба пажуҳиши масъалаҳои математикӣ бахшид. Дар умри кӯтоҳ дастовардҳои зиёд дар соҳаи риёзӣ дошт ва ҳамчун нухбаи илми риёзӣ эътироф гардид. Новобаста аз дурӣ аз зодгоҳаш, ӯ тоҷик монд ва барои фарзандони Тоҷикистон ёрӣ мерасонду хидмат мекард. Мутаассифона, умр вафо накарду Темур Собиров дар 37-солагӣ (23 июни соли 1977), дар авҷи камолоти эҷодӣ аз олам даргузашт ва роҳу масири таҳқиқу пажуҳиши ӯ нотамом монд.

Барои гиромидошти хотира ва номи неки Темур Собиров Литсейи хонандагони қобилиятноку соҳибистеъдоди шаҳри Ваҳдат ба номи ин олими тавоно гузошта шудааст.

Дар фарҷом, мо қайд мекунем, ки ғояҳои пурсамар ва усулҳои математикии таҳиякардаи Темур Собиров дар асарҳои шогирдон ва пайравони ӯ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ба таври васеъ инкишоф ёфтаанд. Хотираи Темур Собиров дар қалбҳои аҳли илм ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

# СОЛИ НАТИҶАҲОИ НЕК ВА ПЕШРАФТҲОИ НАЗАРРАС




Барои аҳли эҷоди «Маърифати омӯзгор» соли 2025 таҳти таваҷҷуҳу дастгириҳои доимии роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли натиҷаҳои нек ва пешрафтҳои назарраси эҷодӣ буд. Фаъолияти маҷалла тибқи дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илм, инчунин, фармоишҳои вазири маориф ва илм ба роҳ монда шуда, баҳри тарғибу татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф корҳои назаррас иҷро шуданд.

**ФАЪОЛИЯТИ НАШР**

Дар давоми сол 12 шумораи маҷалла бо мазмуну муҳтавои ғанӣ, мақолаҳои арзишманди илмӣ, таълимӣ, методӣ ва маърифатӣ, ҳамзамон, бо ороиши муосиру ҷолиб сари вақт ба табъ расида, дастраси шумо - хонандагони маърифатсолори "Маърифати омӯзгор" гардиданд. Дар ҳар шумора аз 16 то 30 мақолаҳои пурмазмуни муаллифони дохиливу берунӣ, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи илму маориф таҳти рубрикаҳои гуногун, аз ҷумла, «Сухани Пешво», «Ташаббусҳои мондагори Пешво», «Каломи роҳнамо», «Иҷрои барномаҳои давлатӣ», «Хештаншиносӣ», «Идеология», «Таҳсилоти томактабӣ», «Таҳсилоти ибтидоӣ», «Равишҳои дарс», «Фанҳои дақиқ», «Равоншиносӣ», «Технологияҳои иттилоотӣ», «Омӯзиши забонҳои хориҷӣ», «Таълим ва замон», «Физика», «Химия», «Риёзӣ», «Геометрия», «География», «Педагогика», «Методика», «Таълиму тарбия», «Ба ёрии омӯзгорони ҷавон», «Минбари мутахассис», «Таҳсилоти иловагӣ», «Муҳити зист», «Набзи маориф», «Суннатҳои ниёгон», «Олимони мо», «Мусоҳиба», «Робитаи фанҳо», «Ҳамкории мактаб ва оила», «Сайқали зеҳн» ва ғайра, ҷой дода шуданд.

Ҳамчунин, робитаи аҳли эҷод бо хонандагони маҷалла густариш ёфт. Таваҷҷуҳи зиёди хаводорон дар фазои маҷозӣ ба нигоштаҳо далели ин гуфтаҳост. Ҳамин буд, ки дар давоми сол ба унвонии “Маърифати омӯзгор” тариқи почтаҳои электронӣ ва саҳифаҳои иҷтимоӣ садҳо матлабу мақолаҳои пурмазмун ворид гардида, беҳтаринҳо дар маҷалла ва саҳифаҳои иҷтимоӣ нашр гардиданд.

**ИШТИРОК ДАР МУҲИТИ ИЛМИЮ АДАБӢ**

Аҳли эҷоди маҷалла барои таъмини хонандагон бо маводи наву ҷолиб дар ҳамоишҳои илмӣ, фарҳангӣ, адабию маърифатӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявию минтақавӣ ҳамчун хабарнигор иштирок намуда, муҳимтарин воқеаҳои соҳаи маориф ва илмро дар қолаби мақола ва ё гузоришҳову сафардидаҳо манзури шумо – хонандагони азиз ва корбарони мӯҳтарами шабакаҳои маҷозӣ гардониданд. Аз ҷумла, бозтоби фарогири Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, вазъи маорифи минтақаҳо, натиҷаи олимпиадаҳои байналмилалӣ ва маҳфилҳои адабию сабқатҳои зеҳнӣ ва дигар масоили муҳимми илмию маърифатӣ дастраси хонандагони маҷалла ва корбарони шабакаҳои маҷозии "Маърифати омӯзгор" карда шуданд. Ҳамчунин, давоми сол аҳли эҷоди маҷалла дар барномаҳои телевизиониву радиоӣ, аз ҷумла, телевизиони Тоҷикистон, радиои Ховар ва ғайра, ширкат варзида, оид ба мавзуъҳои муҳимми рӯз ва масъалаҳои илму маориф андешаронӣ карданд.

**КОР ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ**

Яке аз ҳадафҳои асосии аҳли эҷоди маҷалла ҳамқадам будан бо замон, истифодаи тамоми

имконияту зарфиятҳои зеҳниву эҷодӣ баҳри фаъолияти босамар, тарғибу ташвиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ташаккули маърифату фарҳанг, шаклдиҳии мафкураи созанда ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ миёни ҷомеа мебошад. Замони муосир ва талаботи рӯз дар назди матбуот, хусусан, нашриёҳои соҳавӣ зарурати ворид шудан ба фазои чандрасонаиро ба миён гузоштааст. Бо ин мақсад мо - аҳли эҷод бо идома додани нашри анъанавии маҷалла, кори хешро дар ҷаҳони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ вусъат бахшидем.

Давоми соли 2025 ҷиҳати ворид гардидан ба ҷаҳони чандрасонаӣ саҳифаҳои расмии маҷалла дар шабакаҳои иҷтимоии **Instagram, Telegram** ва **YouTube** фаъол гардонида шуданд. Фаъолияти саҳифаи **Facebook** боз ҳам густариши тоза ёфта, ҳамзамон, сомонаи расмии маҷалла такмилу таҷдид гардид. Аз ҷониби аҳли эҷод ба муносибати иду ҷашнҳои муҳимми давлатӣ ва оид ба мавзуъҳои мубрами рӯз чандин видеороликҳои ҷолиб таҳия ва дар саҳифаҳои маҷалла дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешкаши ҳаводорон гардиданд.

Бо мақсади муаррифии васеи маҷалла ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо аҳли ҷомеа, навори тарғиботӣ бо номи «Маҷаллаи “Маърифати омӯзгор”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ низ ҳамеша бо шумост!» таҳия гардида, дар шабакаҳои интернетӣ пахш шуд. Ба муносибати 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон навори вежа таҳия ва нашр гардид, ки мавриди истиқболи гарми корбарон қарор гирифт. Бахшида ба Рӯзи омӯзгорон аз ҷониби ҳайати эҷодии маҷалла бо ҷалби омӯзгорони ҳирфаӣ навори идона бо номи «Ман омӯзгорам…» омода гардид. Ҳамчунин, навори шодбошӣ бо номи «Мо заҳматҳои шуморо қадр мекунем, омӯзгорони азиз!» таҳия шуда, дар саҳифаҳои иҷтимоӣ васеъ тарғиб гардид.

Дар доираи муаррифии шахсиятҳои пешсафи соҳаи маориф, бо ғолиби ҷойи якуми Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори сол - 2025» Ҳусейн Ализода мусоҳибаи ихтисосӣ бо номи «Достони пирӯзӣ» таҳия гардида, дар шабакаҳои иҷтимоии маҷалла ба намоиш гузошта шуд, ки аз ҷониби аҳли маърифати кишвар хуш пазируфта шуд. Ба истиқболи Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарси намунавӣ ба навор гирифта шуда, ҷиҳати истифодаи омӯзгорони ҷавон ва муаллимони навраҳ дар саҳифаҳои иҷтимоӣ манзури бинандагон гардид. Ҳамчунин, навори шодбошии аҳли эҷоди маҷалла ба муносибати ҷашни бузурги миллӣ - Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби варзишгарони номдори кишвар ва ғолибони озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ таҳия гардида, ба таври васеъ тарғиб шуд ва мавриди пазироии хуби корбарон қарор гирифт.

## ДАСТОВАРДҲОИ СОЛ

Тавре ки дар боло қайд намудем, соли 2025 барои маҷалла соли дастовард ва муваффақиятҳои назаррас буд. Давоми сол ташкилоти ибтидоии «Маърифати омӯзгор» дар даври ноҳиявии Озмуни умумишаҳрии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур дар номинатсияи «Ташкилоти ибтидоии фаъол» пирӯз гардида, бо Диплом сарфароз гардонида шуд.

**Дастоварди ҷашмгири дигар ин дар Озмуни ҷумҳуриявии «Рӯзнома ва маҷаллаи беҳтарин дар соли 2025», ки аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва роҳандозӣ гардид, аз рӯйи номинатсияи «Беҳтарин нашрияи соҳавӣ» мақоми дуюмро касб намудан ва соҳиби Диплом гардадинаи маҷалла мебошад, ки бозгӯи кори пурсамар ва эътирофи маҷалла дар сатҳи ҷумҳурӣ аст.**

## БА СОЛИ 2026 - БО ҲАДАФҲОИ НАВ

Аҳли эҷоди маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» соли 2026-ро бо ҳисси масъулияти касбӣ ва дарки амиқи рисолати маърифатпарварӣ оғоз намуда, талош хоҳанд кард, ки ҷанбаҳои таҳлилии маводи нашрияро тақвият бахшанд ва ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф мақолаҳои пурмазмуну хонданӣ, таълимию методӣ ва тарбиявӣ пешниҳод намоянд.

Шумо - хонандагон ва ҳаводорони маҷалла метавонед, ки бо мо ҳамкориҳои густурдаро боз ҳам бештар намуда, бо пешниҳоди матлабу мақолаҳо, шеъру ҳикоя ва нигоштаҳои таъсиргузор дар пешрафти кор ва ҷолибтар гардидани муҳтавои маҷалла саҳми хешро гузоред. Ҳамзамон, дар фазои интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайгири хабару гузориш, матлабу мақолаҳои пурмазмун ва навору барномаҳои наву ҷолиби мо бошед.

**Бо эҳтиром, аҳли қалами маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР"

Қонуни мазкур мақом, ҳифзи ҳуқуқ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва таъмини иҷрои самаранокии ухдадориҳои омӯзгорро танзим менамояд.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) омӯзгор – шахси дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба таълиму тарбия машғул мебошад;

2) мақоми омӯзгор – вазъи ҳуқуқӣ, шаъну шараф, таъминоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор дар ҷомеа;

3) омодасозии омӯзгор – раванди тайёркунӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва аттестатсияи омӯзгор;

4) бозомӯзӣ - таҳсилоти баъдидипломӣ, ки бо мақсади азхудкунии ихтисоси нав гузаронда мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният;

2) инсондӯстӣ;

3) ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии омӯзгор;

4) мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор;

5) таъмини ҳифзи иҷтимоии омӯзгор;

6) ҳамкории омӯзгор бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар раванди таълиму тарбия;

7) дахолат накардан ба фаъолияти касбии омӯзгор;

8) манъи ҷалби омӯзгор ба корҳое, ки бо раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд;

9) манъи санҷиш ва назорати ғайрисоҳавии фаъолияти омӯзгор.

**БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОР**

**Моддаи 4. Дахлнопазирӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор**

1. Шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир аст.

2. Шаъну шарафи омӯзгор аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд.

3. Амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба паст задани шаъну шарафи омӯзгор равона шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5. Ҳуқуқҳои омӯзгор**

Омӯзгор ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои фаъолияти омӯзгорӣ таъмини шароити заруриро талаб намояд;

2) муносибати эҳтиромонаро нисбат ба касби худ аз ҷониби таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда) талаб намояд;

3) шакл ва усулҳои таълимро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот интихоб намояд;

4) дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ иштирок намояд;

5) бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ озмоишҳои илмию педагогӣ гузаронида, таҷрибаи пешқадамро дар амал татбиқ намояд;

6) дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагонро дар раванди таълиму

тарбия мустақилона ва воқеъбинона баҳодиҳӣ намояд;

7) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии меҳнатӣ барояд;

8) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ гузарад;

9) барои навовариҳои эҷодӣ ва ихтироъкорӣ дар фаъолияти таълимӣ ҳавасманд гардонида шавад;

10) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ машғул шавад;

11) дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузорад;

12) дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва ё хона ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ машғул шавад;

13) барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон узви иттифоқи касабаи кормандони соҳа бошад;

14) дар кори идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла фаъолияти кори шуроҳо ва комиссияҳо, иштирок намояд;

15) ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

16) шахсонеро, ки ба раванди таълиму тарбия дахл надоранд, ба дарс роҳ надиҳад;

17) ҳангоми расидан ба синни нафақа дар сурати хоҳиш доштан фаъолияти омӯзгориро идома диҳад;

18) аз ҳуқуқҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

**Моддаи 6. Ӯҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор ӯҳдадор аст:

1) раванди таълиму тарбияро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

2) ба амалҳое, ки шаъну шарафи омӯзгорро дар ҷомеа паст мезананд, роҳ надиҳад;

3) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, атрофиён, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия намояд;

4) шаъну шарафи таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро эҳтиром намояд;

5) барои баланд бардоштани сифати таҳсилот тадбирҳои зарурӣ андешад;

6) дар фаъолияти меҳнатӣ қоидаҳои пӯшидани либосҳои тавсияшударо риоя намояд;

7) дар раванди таълиму тарбия ба тарғибу ташвиқи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ роҳ надиҳад ва таълимгирандагонро ба азхудкунии ғояҳои сиёсию динӣ водор накунад;

8) бо таълимгирандагон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва вазъи иҷтимоӣ, муносибати беғаразона намояд;

9) аз таълимгиранда барои таҳсил, таъмири биноҳои муассисаи таълимӣ, обуна ба нашрияҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, зодрӯзи омӯзгор, занги камолот, рӯзи омӯзгор, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, театр, кино, корҳои ободонӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунад;

10) ҳангоми баҳодиҳии сифати таҳсилот меъёри баҳогузориро риоя намояд;

11) ӯҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 7. Маҳдудиятҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ**

Фаъолияти омӯзгории шахсони зерин маҳдуд карда мешавад:

1) шахсоне, ки тибқи санади судӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ якумра ё барои давраи муайян маҳрум гардидаанд;

2) шахсоне, ки тибқи хулосаи тиббӣ дорои бемориҳои руҳӣ ё равонӣ мебошанд;

3) шахсоне, ки воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва ҳаммонанди (аналоги) онҳоро истеъмол мекунанд;

4) шахсоне, ки ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд;

5) шахсоне, ки барои содир кардани ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд;

6) шахсони гирифтори бемориҳое, ки номгӯйи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудааст.

## БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОМӮЗГОР

### Моддаи 8. Кафолатҳо барои омӯзгор

1. Ба омӯзгор аз ҷониби давлат фаъолияти озоди касбӣ кафолат дода мешавад. Муассисаи таълимӣ ба омӯзгор барои гузаронидани раванди таълиму тарбия шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Омӯзгор бо маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ таъмин карда мешавад.

2. Ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Ҷалб кардани омӯзгор ба кору намудҳои фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд, манъ аст. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мавриди санҷиш ва назорат қарор дода мешавад.

3. Давлат барои ҳифзи саломатии омӯзгор чораҳои зарурӣ меандешад. Омӯзгор аз муоинаи тиббӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар муассисаҳои тиббии давлатӣ бо хизматрасониҳои солимгардонӣ фаро гирифта мешавад.

4. Давлат ба омӯзгороне, ки дар деҳот фаъолият мекунанд, ташкили шароити заруриро кафолат медиҳад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар доираи имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ҷиҳати бо манзили истиқоматӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои заруриро пешбинӣ карда, барои ба онҳо бе навбат ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ чораандешӣ намоянд.

5. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ аз пардохти андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба онҳо ҷудо карда шудаанд, озод мебошанд.

6. Пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатӣ ба омӯзгор аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд. Батаъхиргузории пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатии омӯзгор манъ аст. Аз музди меҳнати омӯзгор гирифтани маблағ барои обунаи нашриёҳои ғайрисоҳавӣ, корҳои ободонӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ манъ аст.

7. Хароҷоти роҳкирои омӯзгорон барои гузаштани курсҳои такмили ихтисос ва сафарҳои хизматии дигари берун аз воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пардохт карда мешавад.

### Моддаи 9. Ҳавасмандгардонии омӯзгор

1. Омӯзгорон бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонида мешаванд.

2. Ба музди меҳнати омӯзгороне, ки дорандаи дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, дар муассисаҳои таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ ба андозаи 30 дарсади маоши вазифавӣ дода мешавад.

3. Ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки шогирдонашон дар олимпиада ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд, иловапулӣ ба андозаи 20 дарсади музди меҳнати амалкунандаашон дар давоми як соли таҳсили минбаъда пардохт карда мешавад.

4. Ба омӯзгор ҳамасола барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт карда мешавад.

5. Ба омӯзгор намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, пешниҳод карда мешаванд.

## БОБИ 4. ДАХЛНОПАЗИРИИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР, ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИГАР

**Моддаи 10. Дахлнопазирии касбии фаъолияти омӯзгор**

1. Фаъолияти касбии омӯзгор дахлнопазир аст. Омӯзгор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ аз дахолати мақомоти ғайрисоҳавӣ, таҳқир, зӯроварӣ ва фишор ҳифз карда мешавад.

2. Амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд монеаи иҷрои вазифаҳои касбии омӯзгор гарданд. Фаъолияти омӯзгор, ба истисноии ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор дода намешавад. Омӯзгор набояд бо дахолати падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шахсони алоҳида аз раванди таълиму тарбия дур карда шавад.

3. Мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳифзи дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

4. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва эҳтироми хосса касб намудани мавқеи ӯ дар ҷомеа мунтазам чорабиниҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд.

**Моддаи 11. Вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар**

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор вазифадоранд:

1) шахсият ва фаъолияти касбии омӯзгорро эҳтиром карда, ба амалӣ гардидани фаъолияти касбии ӯ мусоидат намоянд;

2) омӯзгорро ба кору фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия вобаста намебошад, аз ҷумла хариду фурӯши либоси мактабӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷамъоварии маблағҳо барои андозҳо, обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, фурӯши чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, фаъолияти кишоварзӣ, ҷалб накунанд;

3) ҳавасмандгардонии омӯзгоронро аз лиҳози моддӣ ва молиявӣ ба роҳ монанд, омӯзгорро, ки таълимгирандагонашон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои ифтихорӣ гирифтаанд, бо маблағҳои пулӣ сарфароз гардонанд;

4) фаъолияти касбии омӯзгоронро берун аз раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор надиҳанд;

5) омӯзгоронро вобаста ба масъалаҳои таълимгиранда берун аз вақти корӣ даъват накунанд;

6) корҳои тарғиботию ташвиқотиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ба роҳ монанд;

7) бе зарурат аз омӯзгор маълумотнома дар бораи суд шудан ё таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор доштанро талаб накунанд;

8) барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки касбӣ ба омӯзгор шароити зарурӣ фароҳам оваранд;

9) барои гузаронидани муоинаи тиббӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

10) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз такмили ихтисос маблағ ҷудо намоянд;

11) аз омӯзгор барои обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, корҳои ободонии муассисаи таълимӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунанд;

12) ба омӯзгороне, ки берун аз сарбории муқарраргардидаи таълимӣ сарбории иловагии таълимӣ иҷро мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати иловагӣ пардохт намоянд;

13) барои бе навбат гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгоре, ки дар деҳот фаъолият дорад, мусоидат намоянд;

14) омӯзгоронеро, ки аз воҳидҳои маъмурию ҳудудии дигар ба деҳот барои таълиму тарбия сафарбар мешаванд, бо манзили истиқоматӣ ё маблағи иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намоянд;

15) иловапулӣ ба музди меҳнати омӯзгорро аз лаҳзаи гирифтани дараҷаи тахассусӣ пардохт намоянд;

16) ба талаб кардани ҳисобот ва ё маълумоте, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд наме-

бошад, роҳ надиҳанд;

17) ба омӯзгор барои аъзо шудан ба иттифоқҳои касабаи кормандони соҳа ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон монеа нашаванд;

18) омӯзгорро ба таври афзалиятнок барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мониторинги иҷрои талаботи қисми 2 моддаи мазкурро гузаронида, аз натиҷааш ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд.

**БОБИ 5. ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОР**

**Моддаи 12. Тайёркунии омӯзгор**

1. Омӯзгор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешавад.

2. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти олии дуюми равияи омӯзгориро гирад.

**Моддаи 13. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор**

Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 14. Аттестатсияи омӯзгор**

Аттестатсияи омӯзгор бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе, 17 декабри соли 2025, №2215**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ**

**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2025, №117**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Идизода**

**ш. Душанбе, 15 октябри соли 2025, №192**

# ГАРМИЕ ДАР СУБҲИ САРД

Субҳ. Ҳаво сард ва меҳолуд буд. Боди саҳарӣ бӯйи нони гарму шириниҳои фурӯшгоҳи назди бозорчаро ба дуриҳои дур мебурд. Мардум оҳиста-оҳиста аз хоб бедор мешуданд. Сангрезаҳои канори роҳ дар зери нурҳои офтоби субҳгоҳӣ медурахшиданд...

Одамон шитоб доштанд. Яке ба кор мерафт, касе дидорбинӣ, дигаре ба мактабу донишгоҳ...

Аз рӯйи одат, аз холаи фурӯшанда, ки зани бисёр меҳрубону ширинзабон аст, як ширинии хурд харидам. Табассуми ӯ шодӣ бар дилам афзуд. То ба роҳи калон қадам задамзанон рафтам. Ҳаври нафасам дар меҳи субҳгоҳӣ нопадид мешуд.



Ба хатсайри лозимӣ нишастам. Мошин пур буд. Мусиқӣ баланд, гуфтугӯи нишастагон бо садои чархи наклиёт ба ҳам мепечиданд. Дар охирин нишастгоҳ зани солманде дидам. Мӯйҳои сафед, айнак дар чашм ва китобе дар даст дошт. Ӯ мехонд, гӯё тамоми шӯру ғавғо ва садои атрофро намешунид ё шояд ба он одат кардааст. Ба омӯзгор монанд буд. Ҳар саҳифаи китоби дасташро бо эҳтиёт варақ мезад ва табассуми малеҳ лабонашро зеб медод. Ба назарам, ӯ мисли офтобе буд, ки аз миёни абрҳо ба шаҳр рӯшноӣ мебахшад.

Мехостам ин сафар тулонӣ бошад. Аммо ҳамагӣ ду истгоҳ пас мошин бозистод. Зани солманд китобро пӯшида, ба кифаш гузошт ва бо тамкину оромӣ фаромад. Ҷояш холӣ шуд. Мисле, ки фазо ҳам тағйир кард.

Дар истгоҳи навбатӣ, духтараке тахминан ҳафт ё ҳаштсола бо модараш нишастанд. Ҷузвдонашро модараш мебардошт. Китобе дар дастони нафису хурди кӯдаконааш буд, ҳамон тавр ки чанд лаҳзае пеш он зани солманд дошт. Саҳифаҳоро бо ангуштони нозукаш мегардонд ва бо овози паст мехонд. Модар бо табассум ба ӯ менигарист, сари духтаракро сила мекард ва ҳар гоҳе кӯдак калимаеро нодуруст мехонд, сабурона ислоҳаш менамуд. Дар миёни садоҳои гуногун боз ҳамон манзараи дидаам такрор шуд.

Ман ба он модару духтар бо шавқу ҳавас менигаристам. Бо иҷозати модараш, шириние, ки барои худ гирифта будам, ба духтарак додам. Бо табассуми зебое изҳори ташаккур кард.

Аз тарафи рост ҳам зане бо телефон машғул, ҳамроҳи писараш нишаста буд. Писарак як-як ба он духтари китобхон менигарист. Шояд ӯ ҳам китоб хондан мехост, аммо китоб надошт.

Духтарак мехонд, модар мешунид ва ман аз тиреза ба берун менигаристам, меҳ оҳиста-оҳиста пароканда мешуд.

Ба истгоҳи зарурӣ расида, аз наклиёт пиёда шудам. Ҳавои саҳарӣ ҳанӯз сард буд, аммо аз дидани он манзараи хуш гармие дар вуҷуди хеш эҳсос намудам.

Бале, аз ин чанд тасовир ба ин хулоса расидам, ки инсон ҳамеша бо дидани китоб ба зиндагӣ дилгарм мешавад.

**Ҷ. КАРИМЗОДА**

# МУНДАРИҶА

## ЁДДОШТ

С. ЯТИМОВ. Хуршеди мулкпарвару султони додгар.........1

## ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗИ МИЛЛАТ

Д. ҚУРБОНЗОДА. Офтоби зиндагиафрӯзи мо бошад Паём.........5

## ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Н. ҚУРБОН, М. ҲОТАМОВА. Қадами устувор дар мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳсор ба гармшавии иқлим: таърих ва равандҳо.........10

## ҲАМОВОЗӢ

Р. МИРЗОЕВА. Заминаи мукаммали ҳуқуқӣ бахри рушди соҳа ва нуфузу мақоми омӯзгор дар ҷомеа.........13

## ИҚДОМИ МОНДАГОР

А. ЗАРИФӢ. Пуштибоне ёфт Фирдавсӣ ба даҳр аз Пешво.........15

## БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

С. РАҶАБОВА. Роҳи тайшуда ва фардои дурахшони миллат.........17

## МАВЗУИ РӮЗ

Ҷ. САЙФУДДИН. Равоншинос дар низоми таҳсилот: аз кӯдакистон то донишгоҳ.........20

## 2025-2030 - СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ

Ф. САФАРОВ. Истиқлоли иттилоотӣ - омили таҳкими истиқлоли сиёсӣ.........24

## ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

С. ҲОҶИЕВА. Нақши дарси суруд ва мусиқӣ дар ташаккули шахсияти хонандагон........28

## ИЛМ ВА ТАБИАТ

А. ХОЛМУРОДЗОДА. Ҷашни Сада дар дидгоҳи байнифаннӣ: аз асотир то химияи муосир..30

## МАТЕМАТИКА

М. ДИЛОВАРОВ. Системаи ҳисоби даҳӣ дар навишти ададҳо.........35

## ДАРСИ НАМУНАВӢ

Ҳ. СОҲИБЗОДА. Касби ман - ифтихори ман.........38

## БИОЛОГИЯ

Ҷ. ИСМАТОВ. Витамини А ва аҳаммияти он дар ҳаёти инсон.........42

## ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

М. ТӮХТАЕВА. Сурдоолимпиадаи фаннӣ - қадами бузург дар роҳи баробарӣ.........44

## НАВОВАРӢ

М. ХОҶАЗОД. Зеҳни сунъӣ: имконияти нав дар раванди таълим.........46

## ПАЖУҲИШ

Ю. ШОДИПУР. Мулоҳизаҳо перомуни дарёфти як рисолаи таърихӣ.........48

## НОМИ НЕК

А. РАҲИМЗОДА, А. ШАРИФЗОДА, О. КАРИМОВ. Нобиғаҳо намемиранд.........51

## МО ВА ХОНАНДА

Соли натиҷаҳои нек ва пешрафтҳои назаррас.........55

## САНАД

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор".........57

## ЭҶОД

Ҷ. КАРИМЗОДА. Гармие дар субҳи сард.........62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулҳия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Гулсара МИРЗОЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Суғд.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.

**МУАССИС**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**
**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА**, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҷ. КАРИМИЁН,** ҷонишини сармуҳаррир.
**Н. ЁҒИБЕКЗОДА,** котиби масъул.
**А. ШАРИФЗОДА,** муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.
**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми аз 3 то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли хатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60х841/8.**
**Адади нашр 7780 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**Нишони мо: ш. Душанбе, к. Айнӣ 126**
**Телефон: (+992 37) 225 82 39 (қабулгоҳ)**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**
**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**

# ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОИИ ИНТЕРНЕТӢ БО МО БОШЕД

**Пайгирони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" ва хонандагони гиромӣ!**

Дар шароите, ки ҷомеаи муосир ба рушди васоити иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ такя мекунад, зарурати ҳузури муассир дар шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Бо дарки ҳамин ниёз, маҷаллаи "Маърифати омӯзгор", ки солҳо боз ҳамчун минбари илмӣ, маърифатӣ ва методӣ миёни аҳли маориф шинохта шудааст, фаъолияти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ боз ҳам бештар густариш медиҳад. Ҳадафи асосии ин иқдом таъмини иртиботи доимӣ бо хонандагон, муаррифии саривақтии мақолаҳои илмӣ-таҳлилӣ, мубодилаи таҷрибаҳои муосири омӯзгорӣ ва пешниҳоди навгониҳои соҳаи маориф мебошад. Дар ин замина, саҳифаҳои расмии маҷалла ба як фазои боз барои мубоҳисаҳои илмӣ, мубодилаи назарҳо ва таҳкими ҳамкории зеҳнӣ миёни омӯзгорон, муҳаққиқон ва аҳли маърифат табдил ёфтаанд. Бо пайравӣ аз саҳифаҳои расмии маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳамеша бо навтарин таҳқиқот, баррасиҳо ва хабарҳои муҳимми соҳаи маориф ҳамқадам бошед:

**Facebook: Маърифати омӯзгор**

**Facebook: гурӯҳи МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**Instagram: marifatiomuzor**

**Telegram: МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР**

**YouTube: MARIFATI OMUZGOR**

Ҳузури маҷалла дар ин фазо имкон медиҳад, то доираи хонандагон ва аҳли илм беш аз пеш васеъ гардад ва муҳокимаҳои илмию методӣ дар фазои маҷозӣ низ идома ёбанд. Маҷаллаи "Маърифати омӯзгор"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамсафари устодон ва равшангарони ҷомеа дар роҳи таҳким ва густариши маърифати миллист.




marifatiomuzgor

@MARIFATIOMUZGOR

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

САҲИФАИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

САҲИФАИ ЮТУБИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

# ОБУНА - 2026




*Дар акс: Зулфия Шеравганзода, омӯзгори Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни маҷаллаи номвари Вазорати маориф ва илм - “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"!

Маъракаи обуна барои соли 2026 идома дорад.

Шумо ба маҷалла обуна шуда, тамоми сол аз пешрафту навгониҳои соҳаи афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – маориф тариқи ин муждарасони беминнат огоҳ хоҳед шуд. Беҳтарин маводу мақолаҳои адабӣ, методӣ, таълимӣ ва таҳқиқию пажуҳиширо мутолиа карда, аз навтарин роҳу усулҳои таълиму тадрис дар муассисаҳои таълимии кишвар, андешаҳои омӯзгорони мумтозу пуртаҷриба ва мулоҳизаву афкори инсонсози устодони собиқадору соҳиб-мактаб бохабар мешавед.

Дӯстони азиз, шумо метавонед маблағи обунаро бевосита ба суратҳисоби маҷалла гузаронида, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гаштани маҷаллаи дӯстдоштаатон саҳми арзанда гузоред, зеро аз як каф садо наояд!

Ҳамчунин, маҷаллаи дӯстдоштании шумо соҳиби QR-коди худ шуд. Акнун метавонед, ба осонӣ тариқи QR-код ба “Маърифати омӯзгор” обуна шавед.

Хоҳишмандем, ки баъд аз пардохти маблағи обуна расиди онро хатман ба рақами ватсапи *+992934168535* ирсол намоед.

Пас, биштобед, то аз пешқадамон бошед!

**QR-КОД БАРОИ ОБУНА**

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**
**Департаменти хазинадории КВД**
**БА ҶТ “Амонатбонк”**
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**